*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

# ОМӮЗГОР

№ 9 (12337)
3 марти
соли 2022

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

**Модар ягона мавҷуди мушфиқу ғамхор ва мунису меҳрубонест, ки ба фарзанд ҳаёт мебахшад, ба ӯ сухан гуфтану роҳ рафтанро ёд медиҳад, ӯро тарбия мекунад ва дар раванди тарбия дар қалби фарзанди худ эҳсоси муҳаббату самимият, некиву накукорӣ ва инсондӯстиро ба вуҷуд меоварад, барои босаводу соҳибмаърифат ва соҳиби касбу ҳунар шудани нури чашмонаш саъю талош менамояд.**

**Эмомалӣ РАҲМОН**

ДОВТАЛАБ - 2022

## Марҳилаи асосии бақайдгирии довталабон барои иштирок дар ИМД оғоз ёфт




1 марти соли равон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи асосии бақайдгирии довталабон барои иштирок дар Имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар соли 2022 (ИМД-2022) оғоз гардид. Барои аз қайд гузаштани довталабон дар 34 шаҳру ноҳияи интихобшудаи ҷумҳурӣ 40 нуқтаи доимии бақайдгирӣ ва дар 26 шаҳру ноҳияи дигар нуқтаҳои сайёри бақайдгирӣ ташкил карда шудаанд.

Зимни суҳбат котиби матбуоти Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Замира Абдусаломзода иброз дошт, ки тибқи тартиби муқарраргардида, барои иштирок дар ИМД хоҳишмандон ҳуқуқ доранд, новобаста аз он ки кадом муассиса(ҳо)-и таълимии таҳсилоти миёна ё олии касбиро интихоб кардан мехоҳанд, ба яке аз нуқтаҳои бақайдгирии барояшон наздик ё мувофиқ ҳозир шуда, бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ аз қайд гузаранд.

Дар мувофиқа бо Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон арзиши хизматрасонӣ барои довталабон соли равон чунин муқаррар гардидааст:

– 240 сомонӣ – барои шахсони дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ (хатмкунанда ё хатмкардаи синфи 11-ум), ибтидоӣ ё миёнаи касбӣ;

– 180 (яксаду ҳаштод) сомонӣ – барои шахсони дорои таҳсилоти умумии асосӣ (хатмкунанда ё хатмкардаи синфи 9-ум);

– 25 (бисту панҷ) сомонӣ – барои марҳалаи асосии азнавбақайдгирӣ ҷиҳати иваз кардани интихобҳои аввалия.

Тибқи тартиби муқарраркардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои шахсони зерин дар пардохти маблағ барои хизматрасонӣ дар ИМД имтиёз пешбинӣ гардидааст: шахсони то 21-солае, ки ятими кулл ё бепарасторанд, аз пардохти маблағ барои хизматрасонӣ дар ИМД озоданд.

Шахсони зерин аз пардохти 50 фоизи маблағ барои хизматрасонӣ дар ИМД озоданд: шахсони то 21-солае, ки падар ё модарашон вафот кардааст, ё дар парастории яке аз онҳоянд, маъюбони гурӯҳҳои 1-ум ва 2-юм ва кӯдакони маъюб.

Инчунин, гуфта мешавад, ки агар шахс ҳам маъюби гурӯҳи 1-ум ё 2-юм бошад, ё кӯдаки маъюб дошта бошаду ҳам падар ё модараш вафот карда бошанд, ё дар парастории яке аз онҳо қарор дошта бошад, он гоҳ ӯ аз пардохти маблағ барои хизматрасонӣ дар ИМД озод аст.

– Ҳангоми бақайдгирӣ дар интихоби ихтисосҳое, ки таълими онҳо дар муассисаи таълимӣ ба якчанд забон аст, довталаб забони таҳсилро мушаххас интихоб карда наметавонад. Бояд зикр намуд, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, иштирок дар ИМД ихтиёрист, вале таҳсилоти миёна ё олии касбӣ ба ҳар як шахс дар ҷаҳони муосир барои соҳибмаълумоту соҳибкасб гардидан, пайдо кардани ҷойи кори мувофиқ ва мақоми арзанда дар ҷамъият муҳим аст, - зикр кард З. Абдусаломзода. – Барои донишҷӯ гардидан довталабон бояд танҳо ба донишу малакаи худ такя кунанд ва вақту муҳлати боқимондаро то оғози имтиҳонҳо бо истифода аз шароиту имконияти муҳайёкардаи Марказ ва азхудкунии барномаҳои таълимии мактабӣ самаранок истифода кунанд. Барои омодагии ҳадафманди ҳар довталаб ба ИМД-2022, аз ҷумла, истифодаи маҷмуаи саволу масъалаҳо аз фанҳои имтиҳонии таҳия ва нашркардаи марказ ва хизматрасонии «Худро бисанҷ» кумак мерасонад.

**Маълумоти муфассалро доир ба пардохти хизматрасонӣ ва бақайдгирии ИМД аз сомонаи марказ (https://ntc.tj/tj/rohnamoi-dovtalab.html) дастрас карда метавонед.**

***«Омӯзгор»***

МЕҲРНОМА

## Ҷаҳони модар

*Акси биҳишт бинам дар дидагони модар,*
*Гулбоғи бекароне бошад ҷаҳони модар.*

*Аз арш гар фаришта ояд фуруд бар фарш,*
*Сар мениҳад, бидонам, бар остони модар.*

*Бартар зи сад гизову афзунтар аз дусад хон*
*Неруи мо физояд як бурда нони модар.*

*Рафтам зи баҳри роҳат бар ҷумла шоҳмаъво,*
*Осоише надидам ҷуз дар макони модар.*

*Бунёди зиндагонӣ, гӯӣ, ба ларза ояд,*
*Як зарра гар бикоҳад тобу тавони модар.*

*Сад ҷилд меҳрнома гӯем гар ба васфаш,*
*Бошад чу як-ду ҳарфе аз достони модар.*

***Абдурауф МУРОДӢ***

ДАР ИН ШУМОРА:

Сарчашмаи рӯзгори босаодат саҳ. 3
Омӯзгорони ҷавонро дастгирӣ мебояд саҳ. 4
Таваҷҷуҳ ба омӯзгор набояд коста гардад саҳ. 6
Наврасон ҳуқуқҳои худро медонанд? саҳ. 7
Олиҳаи зиндагии мо саҳ. 8
Кош, муаллими расм ё варзиш мешудам саҳ. 12

*Модар сарогози ҳастии башар, офаранда ва идомабахши ҳаёти инсоният мебошад.* *Эмомалӣ Раҳмон*



ДАР ВАЗОРАТ

# Баррасии се масъала



28-уми феврали соли ҷорӣ тахти раёсати вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода ҷаласаи назоратии назди вазири маориф ва илм баргузор гардид, ки дар он муовини якум ва муовинони вазир, сардорони раёсат, шуъба ва бахши дастгоҳи марказии вазорат, роҳбарони муассисаҳои тобеъ, сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе ва мудирони шуъбаҳои маорифи ноҳияҳои Шоҳмансур, Сино, Фирдавсӣ, Исмоили Сомонӣ ва Панҷ иштирок намуданд.

Дар ҷаласа се масъала – "Оид ба ҳамкории педагогии оила ва муассисаи таълимӣ дар баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии вилояти Хатлон" (гузориши Л.Иматзода-директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф), "Оид ба рафти иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муроҷиатҳои шаҳсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ", Тартиби коргузорӣ ва баҳисобгирии оморӣ оид ба муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01062017, №276), Дастурамали намунавии коргузорӣ дар мақомоти давлатӣ, муассиса, корхона ва дигар ташкилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон" (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.072017, №358) дар Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он" (гузориши Ш.Саидзода-сардори шуъбаи коргузорӣ ва назорати иҷро) ва "Оид ба ҳисоботи мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Панҷ оид ба фаъолияти шуъбаи маорифи ноҳия дар соли 2021" (гузориши Ш.Асомиддинзода-мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Панҷ) мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Дар рафти ҷаласа вазири маориф ва илм Р.Саидзода вобаста ба масъалаҳои баррасишуда ба масъулин дастуру супоришҳои мушаххас дод.

# Вохӯрии муовини якуми вазир бо намояндаи ЮНЕСКО

28-уми феврали соли ҷорӣ дар маҷлисгоҳи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрии муовини якуми вазири маориф ва илм Ҷамшед Ҷӯразода бо намояндаи бахши муҳоҷират, ҳолатҳои фавқулода ва маорифи ЮНЕСКО Ҳода Ҷаберли баргузор гардид, ки дар он масъалаи вусъат бахшидани ҳамкориҳо мавриди баррасӣ қарор гирифт.



Муовини якуми вазир Ҷ. Ҷӯразода бо қаноатмандӣ изҳор дошт, ки роҳбарияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз дастгирии ҳамешагии ЮНЕСКО дар амалӣ намудани барнома ва лоиҳаҳои рушди маорифи кишвар сипосгузор буда, минбаъд низ ҷиҳати рушди ҳамкориҳо чораҳои дахлдорро роҳандозӣ менамояд. Яке аз масъалаҳое, ки дар қатори дигар масъалаҳои баррасишаванда мавриди таваҷҷуҳи иштирокдорон қарор гирифт, ҷалби гурезагони афғон ба таҳсил мебошад. Таъкид гардид, ки бо вуҷуди мушкилоти ҷойдошта Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ваколатҳои ба зиммадошта, ҷиҳати ба таҳсил фаро гирифтани шаҳрвандони Афғонистон дар тамоми зинаҳои таҳсилот тадбирҳои судмандро андешида истодааст. Намояндаи бахши муҳоҷират, ҳолатҳои фавқулода ва маорифи ЮНЕСКО Яхёи Ҳода Ҷаберли низ аз корҳои анҷомдодаи Вазорати маориф ва илм дар самти фарогирии шаҳрвандони Афғонистон изҳори қаноатмандӣ намуда, ҳамзамон, зикр кард, ки дар ҳолатҳои зарурӣ Дафтари ЮНЕСКО омода аст, кумаки техникии худро расонад.

28-уми феврали соли ҷорӣ тахти раёсати вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода ҷаласаи ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илм баргузор гардид, ки дар он муовини якум ва муовинони вазир, сардорони раёсат, шуъба ва бахши дастгоҳи марказии вазорат, роҳбарони муассисаҳои тобеъ ва директорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ иштирок намуданд.

# Ҷаласаи мушовараи Вазорати маориф ва илм



Дар ҷаласа 7 масъала, аз ҷумла, "Оид ба азхудкунии нақшаю барномаҳои таълимӣ ва сифати таҳсилот аз рӯйи натиҷаи ҷамъбасти сессияи зимистона дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ" (гузориши Ҳ.Вализода-сардори раёсати таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ), "Дар бораи китоби дарсии «Физиатрия» барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (тиббӣ), муаллифон: Сироҷиддинов У. Ю., Бобохочаев О. И." ва "Дар бораи китоби дарсии «Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ», муаллиф: Матробиён Саодатшо Қосимзода" (гузориши К.Исозода-директори Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ), "Дар бораи дарсҳои видеоӣ аз фанҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ" (гузориши У.Сафарзода-директори Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ), "Дар бораи Низомномаи озмуни "Мураббии соли Тоҷикистон"" (гузориши М.Бобоева-мудири бахши таҳсилоти томактабӣ), "Оид ба тасдиқи Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои идомаи таҳсил баъд аз хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2022-2023" ва "Оид ба тасдиқи Қоидаҳои қабули донишҷӯён барои гирифтани таҳсилоти олии дуюм дар соли таҳсили 2022-2023" (гузориши Ф.Ҳайдаров-сардори раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ) мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Дар охири ҷаласа вазири маориф ва илм Р.Саидзода вобаста ба масъалаҳои баррасишуда, хусусан, баланд бардоштани сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, мустаҳкам намудани заминаи моддию техникӣ, пешгирии ҳолатҳои коррупсионӣ, инчунин, дар сатҳи баланд баргузор ва ҷамъбаст намудани озмуни "Мураббии соли Тоҷикистон" ва чанде дигар ба масъулин дастуру супоришҳои мушаххас дод.

БУНЁДКОРӢ

# Оғози сохтмони мактаб барои 3500 хонанда дар Душанбе

Дар заминаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №19, воқеъ дар кӯчаи А. Қаҳҳоров - 2-и ноҳияи Сино пойтахт (рӯ ба рӯи ҶДММ «ИИ Нассоҷии Тоҷик», дар хиёбони С.Шерозӣ) сохтмони мактаб барои 3500 хонанда (дар ду баст) оғоз мегардад.

Дар асоси қарори Раиси шаҳри Душанбе, муҳтарам Рустами Эмомалӣ аз 20 ноябри соли 2021 лоиҳаи биноӣ мактабро КФ КВД «Лоиҳакаш» дар якҷоягӣ бо Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳри Душанбе таҳия намуда, фармоишгари он ҶДММ «Сарманзил» мебошад.

Ёдовар мешавем, ки дар пойтахти мамлакат — шаҳри Душанбе бо мақсади сазовор таҷлил намудани ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2021 16 адад муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ барои 14228 ҷой ва 14 адад муассисаи таҳсилоти томактабӣ барои 1980 ҷой бунёд гардиданд.



Соли 2022 миёни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии пойтахт озмуни шаҳрии «Забон донӣ – ҷаҳон донӣ» баргузор мешавад.

*Зан - модар бо сад мушкилӣ, вале бо нияти неку умеди зиёд инсонро ба дунё меорад, ӯро тарбия мекунад ва ба камол мерасонад.* *Эмомалӣ Раҳмон*



ТАМАННИЁТ

# Сарчашмаи рӯзгори босаодат

## Табрикоти вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода Раҳим Ҳамро ба муносибати Рӯзи модар

**Модарону бонувони арҷманд, хоҳарон ва духтарони азиз!**

Фарорасии Рӯзи модарро, ки ба оғози фасли баҳор рост меояд, ба ҳар кадоми шумо самимона муборакбод гуфта, бароятон, пеш аз ҳама, сиҳатмандӣ, сарбаландӣ, рӯзгори чун баҳор сабзу хуррам таманно мекунам.

Бемуҳобо, ин ҳама зебоии айём, ҳарорати замин, дурахши Офтоб ва нишоти кӯдакон аз шарофати Рӯзи модар аст, зеро маҳз модаронанд, ки бо ҷамоли наку, муҳаббати беҳудуд, рӯшноии дил ва бахшояндагияшон ба мо зиндагиро меомӯзонанд ва умед мебахшанд.

Шумо бо масъулияти бузурги модариву хоҳарӣ дар соҳаҳои илму маориф дар қатори мардон фаъолият менамоед ва ҳама талошатонро баҳри пешбурди соҳа равона месозед.

Модар-омӯзгор, нафарест, ки бо оғӯши бозаш садҳо тифли дигарро ба канор мегирад, ба ҳар кадом меҳр ато мекунад, ҳарфи аввалинро ба онҳо таълим медиҳад, ба ояндаи шогирдон бо ҳавасу умед менигарад. Зан - омӯзгор ба мо рӯҳияи нав ато мекунад, баробари ба забон овардани номи ӯ мактабу китоб, қаламу дафтар ва синфхона пеши рӯ меоянд.

Тарбияи эҳсоси ватандорӣ, эҳтиром ба калонсолон, дӯст доштани ватану миллат, гиромидошти арзишҳои миллӣ, сулҳпарварӣ, инсондӯстӣ маҳз тавассути шумо, модарони азиз ва хоҳарони гиромӣ, ки бори вазнини тарбияи насли наврасро ба зимма доред, дар ниҳоди шогирдон ташаккул меёбад. Шумоед, ки шабу рӯз нагуфта, ба шогирдон сабақ меомӯзед, аз кучактарин дастовардашон меболед, аз ноомадияшон дард мекашед. Шумо, модарон – омӯзгорони азиз, ба саломатии шогирдон баробари саломатии фарзандонатон ғамхорӣ мекунед, то онҳо барои фардои дурахшони ватану миллат тавонанд бо заковату ҳунару дониши худ номбардори диёр гарданд.

Комилан бовар дорам: барои шумо кофист, ки шогирдонатон дар ҳар соҳае кор кунанд, хизмате ба халқи худ расонда тавонанд. Муҳим хушахлоқу баномус, ватандӯсту меҳрпарвар бошанд.

Ҳамин аст, ки шогирдон тамоми умр аз ҳар кадоми шумо бо некӣ ёд мекунанд, шуморо мисли модари хеш дӯст медоранд ва эҳтироматонро ба ҷо меоранд. Бовар дорам, асрори воқеии муҳаббати беандозаи шогирдон ба зан-омӯзгор аз ҳамин ҷо сарчашма мегирад.

Бо назардошти ин бузургиву ин покизагӣ, шумо воқеан, сазовори ҳама гуна эҳтиром, қадршиносӣ ва муҳаббат мебошед.

Боиси хушбахтӣ ва сарфарозист, ки бонувону занони Тоҷикистони азиз дар бунёду пешрафти Истиқлоли давлатӣ мавқеи хосаи худро гузошта тавонистанд. Аз ҳисоби бонувони фаъолу донишманди мо роҳбарони аввали ниҳодҳои давлатӣ ва вазоратҳо таъйин шуда, дар рушди кишвари азизамон саҳм мегузоранд. Бахусус, дар соҳаи илму маориф беш аз 73 % кормандони соҳаи маориф ва 27 % кормандони илмро занону бонувон ташкил медиҳанд.

Ба ҳамин хотир, фаъолияти Шумо, модарону хоҳарони гиромӣ, пайваста зери назари Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Аз ҷумла, дар Паёми имсолаашон Пешвои миллат дар бораи нақши зан дар ҷомеа ёдовар шуда, зикр карданд, ки "...ба ҷо овардани иззату эҳтироми модарону занон ва бонувону духтарон, саъю талош ба хотири ҳалли мушкилоти онҳо ва фароҳам овардани шароит барои илму донишомӯзӣ ва соҳиби касбу ҳунар гардидани духтарон вазифаи ҷонии мо мебошад".

Президенти кишвар барои илмомӯзии занону духтарон тамоми шароитро пешниҳод мекунанд, то занону бонувони кишвар, онҳое, ки дар афзоиши аҳолии кишвар саҳми бузург доранд, аз ҷумла, онҳое, ки бори вазнини таълиму тарбияро бар дӯш гирифтаанд, дар роҳи расидан ба ҳадафҳои рушди ҷомеа душворӣ накашанд.

Мавриди зикр аст, ки меҳнати занону бонувони тоҷик ҳамеша бо мукофотҳои давлатӣ қадрдонӣ мегарданд. Дар даврони Истиқлоли давлатӣ занону бонувони тоҷик, ки дар соҳаи илму маориф бо унвони "Корманди шоистаи Тоҷикистон", бо медали "Хизмати шоиста", бо Ифтихорномаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо нишони "Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон"сарфароз гардонда шудаанд.

Албатта, ин мукофотҳо дар қиёс бо заҳамоти занону модарон ва бонувон чандон зиёд нестанд, аммо бовар дорам, ки вазъи зиндагӣ, шароит ва фаъолияти шумо дар кишвар боз ҳам беҳтар мегардад.

Шумо, модарон ва бонувони гиромӣ, метавонед ба ғайрати дучанд дар тарбияи насли наврас, ки ояндаи кишвар ба дасти онҳост, саҳми муносиб гузоред. Хушбахтона, дар иҷрои ин рисолати бузург ба шумо фарҳанги баланди хонаводагӣ, ки аз гузаштагон мерос гирифтаед, кумак мерасонад. Фаъолияти омӯзгории шумо дар омезиш бо ин фарҳанг мактаби бузурги тарбияро ташкил дода, ҳар яки моро водор месозад, ки барои рушди ин мактаби бузург саҳме гузорем.

Мо хуб медонем, ки фаъолияти бонизом, дониши қавӣ, ахлоқи наку ва фаросати баланди шумо омили муҳиме дар роҳи ҷалби духтарон ба таҳсил ва илмомӯзӣ мегардад.



Вазорати маориф ва илм барои баланд бардоштани мақоми шумо тамоми тадбирҳоро ба кор мебарад. Дар роҳи расидан ба мақсад, иҷрои барномаҳои давлатӣ, пуштибонӣ аз сиёсати давлат ва мустаҳкам гардондани робитаи се ниҳоди асосӣ: мактаб-оила-ҷомеа нақши муҳим мебозанд.

Мехоҳам дар анҷоми сухан бори дигар аз таъкидҳои Президенти кишвар ёдовар шавам, ки гуфтаанд: "Итминон дорам, ки занону бонувони соҳибмаърифат ва бонангу номуси тоҷик ба шукронаи озодиву соҳибихтиёрии давлатамон ва фазои орому осудаи кишварамон бо истифода аз шароиту имкониятҳои муҳайёкардаи Ҳукумати мамлакат барои пешрафти Ватани маҳбубамон содиқона ва боз ҳам бештар заҳмат мекашанд, ба хотири тарбияи наслҳои ояндасози миллат саъю талоши бештар мекунанд, дар чаҳорчӯбаи қонунҳои миллиамон - "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" амал карда, ҷиҳати беҳтар шудани некуаҳволӣ ва шароити зиндагии хонаводаҳои худ саҳми модаронаашонро мегузоранд".

**Модарону бонувони гиромӣ!**

Дар оғози баҳори дилосо таманно мекунем, ки шумо бо неруи қавие, ки доред, пеши роҳи хушунатро гиред, мақоми худро ҳифз намоед ва ҳама якдилу яктан шуда, ба насли имрӯз тарбияи солим, дониши фарох ва илмҳои муосирро бо ҳамоҳангӣ ба арзишҳои фарҳангиву миллӣ биомӯзонед.

Бори дигар ҳамаи шумо, модарону бонувони гиромиқадр ва хоҳарону фарзандони азизро ба ифтихори ҷашни фархундаи Рӯзи модар табрик мегӯям ва ба ҳар яки шумо саломатӣ, рӯзгори обод ва баракати айёмро орзу менамоям.

**Ид муборак, модарони арҷманд, бонувони гиромӣ, хоҳарону фарзандони азиз!**

ДАР ПАРТАВИ ПАЁМ

# Омӯзиши илмҳои дақиқ дар мадди аввал

*Дар Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат (21.12.2021) сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар ба таври фарогир мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуд.*

Паёми мазкур ба даврае рост омад, ки 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи баланд таҷлил гардид ва дар ин давра дар кишварамон дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд. Шоистаи таъкид аст, ки дар даврai соҳибистиқлолӣ ҷумҳуриямон ба дастовардҳои зиёд ноил гардид, ки бунёди НБО, нақбу роҳҳо, корхонаю иншооти азим аз ҷумлаи онҳоянд. Инчунин, ба масъалаи ватандӯстиву хештаншиносӣ ва ифтихори миллӣ эътибори ҷиддӣ зоҳир гардида, дар рӯҳияи худшиносиву ватандӯстӣ тарбия намудани насли наврас аз вазифаҳои аввалиндараҷа маҳсуб меёфт. Пешвои миллат дар ин замина бамаврид таъкид карданд: «Бо ифтихору қаноатмандӣ иброз медорам, ки даврони соҳибистиқлолӣ барои мардуми сарбаланди мо даврai саъю кӯшишҳои ватандӯстона ва заҳмату талошҳои созанда ба хотири ҳифзи истиқлолияту озодии Тоҷикистон, пешрафти давлат ва ободии Ватан ба ҳисоб меравад».

Дар баробари ин, соҳаи маорифи кишвар ба таври чашмрас рушду инкишоф ёфт. Ин нукта дар Паём чунин зикр гардидааст: Дар 30 соли истиқлолияти давлатӣ 3240 муассисаи нави таълимӣ барои 1 миллиону 400 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шуд. Ҳоло шумораи умумии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар ба 2 миллиону 200 ҳазор нафар расидааст. Дар замони соҳибистиқлолӣ дар кишвар 173 муассисаи таълимии типи нав – литсей, гимназия, мактаби Президентӣ, мактаби байналмилалӣ ва муассисаҳои таълимӣ барои хонандагони болаёқат, инчунин, 196 муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва умумии хусусӣ бунёд гардида, ба истифода дода шуданд. Дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ 39 муассисаи таълимии нав ва дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ 28 муассиса бунёд гардид ва шумораи онҳо мутаносибан ба 144 ва 41 расонида шуд».

Дарвоқеъ, корҳои анҷомдодашуда дар баланд гардидани сифати таълим дар муассисаҳои таълимӣ мусоидат кард. Ҳамин аст, ки имрӯз дар муассисаҳои таълимӣ баҳри омӯзиши илмҳои замони муосир тамоми имконот фароҳам оварда шудааст. Дастовардҳои хонандагони тоҷик дар озмуну олимпиадаҳои бонуфузи байналмилалӣ назаррас буда, ҳамасола дар ин озмунҳо кишвари азизамонро хонандагони беҳтарин муаррифӣ мекунанд.

Бояд гуфт, ки солҳои 2020-2040 Бистсолаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаҳои илму маориф ва солҳои 2022 – 2026 «Солҳои




рушди саноат» эълон гардиданд, ки ба ҳамдигар иртиботи қавӣ доранд. Аз ин рӯ, мо – омӯзгоронро зарур аст, ки ба масъалаи ҷалб намудани хонандагон ба илмҳои дақиқ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоем. Ҳангоми гузаронидани дарсҳо аз ҳаёт ва фаъолияти нобиғагони арсаи илм, ки тавонистаанд дар рушду пешрафти ҷомеаи ҷаҳонӣ саҳми босазо гузоранд, маълумот дода, масъалаи омӯзиши илмҳои бунёдиро матраҳ намоем. Дар ин ҷода зарур аст, ки худи омӯзгор донишу ҷаҳонбинии васеъ дошта, аз адабиёти илмиву таълимӣ ба таври фарогир бархӯрдор бошад ва тарзу шеваи махсуси кор ба ҳар як хонандаро донад. Зеро дар ин даврai таҳсил хонандагон зеҳни бурро доранд ва метавон зуд онҳоро ба омӯзиши илмҳои дақиқ шавқманд намуд. Ҳамчунин, баҳри донишу ҷаҳонбинии хонандагонро васеъ гардонидан зарур аст, ки адабиёти бадеии ба синну соли онҳо мувофиқро ба онҳо пешниҳод кард. Чунонки маълум аст, бо дастури Пешвои миллат озмунҳои ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» ва «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» гузаронида мешавад, ки баҳри тақвият бахшидани ҳувияти миллӣ, ҳисси ифтихор аз таъриху тамаддуни бостонии халқамон, боз ҳам баланд бардоштани сатҳи донишандӯзию маърифатнокии наврасону ҷавонон заминаи воқеӣ мегузоранд.

***Шаҳноза ҶӮРАЕВА,***
***омӯзгори синфҳои ибтидоии муассисаи таълимии давлатии махсусгардонидашудаи хонандагони болаёқат дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров***

**Дар Гаага ҳамкории Тоҷикистон ва Нидерландро дар мавзуоти об баррасӣ намуданд.**

АФКОР

# Омӯзгорони ҷавонро дастгирӣ мебояд

***Омӯзгорӣ аз пешаҳои ифтихорафзо, бошараф ва меҳварии ҷомеа буда, дар замони муосир мушкилу заҳматталаб низ маҳсуб меёбад. Устодоне, ки таҷрибаву собиқаи зиёди корӣ доранд, бо меҳнати сангин ва дар айни ҳол садоқатмандонаю ҳалол, баҳри тарбияву ба камол расондани насли ояндасози миллат, монои фидоӣ шабро шабу рӯзро рӯз нагуфта, ҷон коҳондаю мӯйи худро сафед карда, хидмати шоистаю мондагорро анҷом медиҳанд.***

Ингуна, эшон марҳалаҳои омӯзишу таҷрибабардорӣ ва азобҳои рӯҳию равониро ҷасоратмандонаю мардонавор паси сар карда, ба қуллаи бузургию наҷобат расидаанд, ки аҳсан ба онҳо. Аммо амиқтару саҳеҳтар ба ёд оварем, устодони кӯҳансолу азизи мо замоне фаъолияти худро аз сифр шуруъ кардаву бо андӯхтани донишу худомӯзӣ ва маслиҳату машварати омӯзгорони соҳибтаҷриба, ба тадриҷ азоб кашидаву банди шубҳаву дудилагӣ оқибат дар ин пеша комгор шудаву шаҳди он заҳматҳоро чашидаанд. Мазмун, онҳо омӯзгори ҷавон буданду дар дуроҳаи қисмат қарор доштанд, вале бо иродату саъйю талош ва шавқу меҳре, ки ба касби пешакардаашон доштанд, марзҳои ҳаросу шубҳаро убур карданд. Оре, сухан сари омӯзгорони ҷавон меравад, ки имрӯз низ дар муассисаҳои таълимӣ бо азму ҷаҳд ва умеду ихлос ба таълиму тарбия машғуланд. Аммо бояд иқрор шуд, ки дар қиёс бо замони Шӯравӣ тафовут дар масъалаи кору пайкори муаллимони ҷавон дар таълимгоҳҳо хеле зиёд аст. Шароиту вазъ, имконот ва нақши замон дар ин боб равшан ба назар мерасад, ки ҷойи баҳс надорад. Дар муассисаҳои таълимӣ, вобаста ба имконот ва маоше, ки муқаррар гардидааст, фаъолият намудани омӯзгорони ҷавон, аз як тараф, таваҷҷуҳи ҳамешагии роҳбарони раёсату шуъбаҳои маорифро тақозо кунад, аз ҷониби дигар, муносибатҳо нисбат ба ҷавонон ҷавҳари пешрафту комёбиҳоро таъмин хоҳад кард.

Ҳарчанд дар ин самт, нисбат ба 10-15 соли пешин дастовардҳо ба чашм расанд ҳам (сари вақт баъди хатми макотиби олӣ ба ҷойи кор ҳозир шудани мутахассисони ҷавон, дастгирию мадад ба омӯзгорон аз ҷониби иддае аз раҳбарони раёсату шуъбаҳои маориф ва сарварони мактабҳо ва то андозае ҳавасманд намудани ҷавонон), вале мушкилию норасоиҳо ҳанӯз садди роҳи такомулу таҳаввули маънавӣ ва ҳирфаи (ихтисосию касбӣ)-и омӯзгорони ҷавон мегардад. Чунонки маълум аст, низоми дохилимактабӣ маъмурияти муассисаҳои таълимиро водор мекунад, ки дар пешбурди кори мактаб диққати аввалиндараҷаро ба омӯзгорони ҷавон равона кунанд. Нахуст, зуд-зуд ба дарсҳои онҳо даромада ҳусну қубҳи корашонро бе рӯйихотирбинӣ, ҷиддию ошкоро баён созанд. Ҳамзамон, омӯзгорони ҷавон ба собиқадорону таҷрибамандҳо вобаста гардида, дар машғулиятҳои онҳо иштирок кунанд. Собиқадорону кӯҳансолон ва соҳибмактабҳо ба ҷавонон маслиҳатҳо диҳанд, методикаю шеваҳои тадрисро ба онҳо омӯзонанд.

Ҷалби омӯзгорони ҷавон ба иттиҳодияҳои методии фаннӣ низ аз омилҳои омӯзишиву таҷрибабардориҳо ба ҳисоб меравад. Иштирок дар семинарҳои минтақавии фаннӣ (дар шаҳру навоҳӣ ва ҷамоати шаҳраку деҳот) яке аз дигар паҳлӯҳои дар пешаи омӯзгорӣ муваффақ гардидани мутахассисони ҷавон ба шумор меравад. Мутаассифона, ҳамин сабку шеваи омӯзиш ва андӯхтани таҷрибаву бо рӯҳи барозандаву шавқи рӯзафзун фаъолият намудани омӯзгорони ҷавон имрӯз дар муассисаҳои таълимӣ то дараҷае коста гардидаву камранг шудааст. Тавре аз суҳбату мушоҳидаҳо бармеояд, омӯзгорони ҷавон натанҳо ба таври комил дар меҳвари назари директорону ҷонишинони онҳо қарор намегиранд, балки ба амалҳои нозаруру дувумдараҷа ҷалб мешаванд. Ҳоло дар мавриди самти ҳуҷҷатдорӣ (дафтарҳои корӣ, дафтарҳои корҳои санҷишӣ, асноди роҳбарисинфӣ, сари вақт пур кардану баҳогузорӣ намудани журнали синфӣ ва ғайра) ба тафсил андеша наронда, (ин мавзуи суҳбати алоҳидаест) танҳо ҳаминро гуфтанием, ки дар аксар мактабҳо ҳуҷҷатҳои зикршударо омӯзгорони ҷавон ба таври огоҳмандона не, балки аз қавли маъруф, аз рӯи таъбири «хоҷа, боғ дорӣ?» омодаву таҳия мекунанд, ки ин бар зиёни кори минбаъдаашон мебошад.

Роҳбарони мактабҳо ба сабабҳои серкорию банди ташвишҳои зиёд будан, ба дарсҳои омӯзгорони ҷавон ба таври бояду шояд ва талаботи нақшаи таълимӣ ворид шудаву машғулиятҳои таълимию тарбиявии баргузорнамудаи онҳоро таҳлилу натиҷагирӣ намекунанд. Фаъолияти омӯзгорони ҷавон дар пешбурди кори иттиҳодияҳои методии фаннӣ низ қонеъкунанда нест. Ҷалби онҳо ба иттиҳодияҳои методии фаннӣ, омӯзишу шиносоӣ бо муҳтаво ва ҳадафи кори иттиҳодияҳо, иштироки фаъолонаи омӯзгорони ҷавон дар пешбурди иттиҳодияҳои методӣ (навиштани маърузаю мақолаҳои методӣ, иштирок ба дарси ҳамдигарӣ, таҳлилу хулосабарориҳо…), ки ба баланд гардидани сатҳу сифати таълиму саводомӯзии хонандагон мусоидат мекунад, аз ҷониби сарварони муассисаҳои таълимӣ бояд пайваста зери назорати доимӣ қарор дошта бошад. Мушоҳидаҳо баёнгари онанд, ки дар бештари таълимгоҳҳо ба ин самти кор низ таваҷҷуҳ ба нудрат ба назар расида, ҳуҷҷатҳо ва маърӯзаю мақолаҳои иншошуда куҳнаю сохту мундариҷаи фаъолияти иттиҳодияҳои методӣ қолабию якранг аст, эҷодкорию навоварӣ кам ба назар мерасад. Бояд гуфт, ки як самти ҳирфаи мутахассисони ҷавонро худомӯзӣ ташкил медиҳад. Омӯзиши осори илмӣ – назариявӣ, методию дидактикӣ, педагогию психологӣ, бадеӣ ва амсоли инҳо, ба як сухан, такмилу сайқал бахшидани донишу фаҳмиш ва ҷаҳонбинии омӯзгорони ҷавон муҳим шуморида мешавад. Вақти он расидааст, ки ин масъала низ дар таълимгоҳҳо бознигарӣ ва тақвият дода шавад. Зеро омӯзгор он вақт хонанда (насли наврас)-ро дар рӯҳияи хештаншиносӣ, ормонҳои миллӣ, ҳувиятхоҳию ватандӯстӣ ва дарку огаҳӣ аз раванду ҳаводиси хатарзои ҷаҳони муосир (чун экстремизму терроризм, ҳаросафканӣ, хурофоту ҷаҳолат ва таассуби мазҳабӣ) тарбия карда метавонад, ки худ пурхондаву соҳибтафаккур ва дорои ҷаҳонбинии фарох бошад, вазъи сиёсии оламро дурусту дақиқ таҳлил, баррасӣ ва натиҷагирӣ карда тавонад. Бисёр ҳангом аз он шикояту



нигаронӣ мекунем, ки насли наврас ва ҷавонон (бо вуҷуди талошу иқдомҳои Ҳукумат ва давлат) кам меомӯзанду мутолиа мекунанд, аслан дилбастаю шайдои телефонҳои мобилӣ ва ҷустуҷӯҳои ҳангоматалабона дар сайтҳои интернетиянду вақти гаронмояро бо саргармиҳои норавою беҳуда ба боди фано медиҳанд. Ҳақиқати маълум, аммо ба худ суол намедиҳем, ки баҳри пур кардани ин халои маънавӣ дар мактабҳо чӣ чорабинию амалҳои судманду муассирро анҷом медиҳем?

Аксар вақт шоҳиди суҳбати худи омӯзгорон ва масъулони раёсату шуъбаҳои маориф мегардем, ки маҳфилҳои фаннӣ, адабӣ, чорабиниҳои берун аз синфӣ гоҳ-гоҳ, ҳатто машғулиятҳои тарбиявӣ дар мактабҳо сатҳию рӯякӣ гузаронида мешавад. Албатта, манзури мо на ҳамаи муассисаҳои таълимӣ мебошад, вале вақти он расидааст, ки мутахассисони ҷавон ба ташкил ва баргузор намудани маҳфилҳои гуногун (фаннӣ, адабӣ…), чорабиниҳои шавқовару пурмуҳтавои берун аз синфӣ, таҳия ва баровардани рӯзномаҳои деворӣ, викторинаю шабнишиниҳои фаннӣ, воҳӯрию мулоқотҳо бо адибону олимон ва шахсони шинохтаву нуфузманди маҳалла, шаҳрак ё деҳа ва ғайра ҷиддан машғул шаванд, бо иқдому талошҳои пайгиронаи худ корҳои назаррасу судмандро анҷом диҳанд. Дар ин бобат истеъдоду заҳмат, тахайюли эҷодӣ, мустақилият ва бартар аз ҳама, дилсӯзию ғамхорӣ аз ҷониби омӯзгорони ҷавон зарур аст.

Чизи дигаре, ки имрӯзҳо дар муассисаҳои таълимӣ зиёд ба назар мерасад, нокифоя будани донишҳои педагогию психологии мутахассисони ҷавон ба ҳисоб меравад. Муносибату муоширати омӯзгорони ҷавон бо шогирдон бисёр вақт, ба ваҷҳи ноогоҳӣ аз донишҳои психологӣ, ба ғавғою пархош ва шиддат гирифтану бигӯ – магӯи байни омӯзгору хонанда анҷом мепазирад, ки ногувору нигаронкунанда мебошад. Аз ин рӯ, маъмурияти таълимгоҳҳо мувazzафанд, ки ҷиҳати такомулу таҳаввули ҷанбаҳои психологии фаҳмиши омӯзгорони ҷавон ба онҳо кумак расонанд.

Умуман, ин мушкил солҳост, ки мактабҳоро домангир шудааст. Дар ин маврид муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро низ зарур аст, ки ҷиҳати тайёру омода намудани мутахассисони ҷавони педагогӣ бахусус, ба таълим ва ҷанбаҳои психологию тарбиявӣ диққати ҷиддӣ диҳанд. Роҳи ҳалли дурандешонаю мусолиҳатомези масъалаи ахлоқи хонандагон, робита бо падару модарони онҳо мебошад. Омӯзгори ҷавон, ҳамзамон, раҳбари синф низ ба ҳисоб меравад ва ин вазифа бағоят масъулиятталаб буда, аз омӯзгор заҳмату кӯшиши бардавом, ҳавсалаю ғайрат ва азму иродаи қавиро тақозо мекунад. Яъне, ӯ танҳо бо ҳуҷҷатдорию қайди суҳбат бо хонандагону волидони онҳо маҳдуд нашудаву иктифо накарда, бояд вобаста ба талаби замону пешгирии кирдору рафторҳои номатлуби баъзе аз хонандагон, ба гунаи ҳатмӣ ба хонаи онҳо рафта, бо падару модарон гуфтугӯҳои ҷиддӣ ва таъсирбахшу ҳалкунанда анҷом диҳад. Баргузор намудани ҷаласаву ҷамъомадҳои синфӣ бо иштироки волидони хонандагон пайваста сурат гирифта, на танҳо адабу ахлоқ, балки сатҳи донишазхудкунию саводи шогирдон мавриди баррасӣ ва натиҷагирӣ қарор дода шавад. Дар ҳама ҳолат, роҳбари синф (омӯзгори ҷавон) бояд фаъолу кӯшо, чорасозу ҳамнафаси хонандагон ва синфе, ки ӯ ба он роҳбарӣ мекунад, пешраву муваффақ бошад. Ҳароина, дар ин ҷода, тавре мегӯянд, «ҷомаи бомаслиҳат кӯтоҳ намеояд» ва муаллимони ҷавон аз маслиҳату машварати омӯзгорони таҷрибаманду собиқадор ва директору мудири бахши тарбиявии таълимгоҳ бархӯрдор бошанд. Дар амалӣ гардидани ин ҳадафу нақшаҳо омӯзгорони ҷавон бояд дастгирӣ, ҳавасманд ва қадрдонӣ гарданд.

Аммо ҷойи нигаронист, ки дар иддае аз муассисаҳои таълимӣ омӯзгорони ҷавон, ки тоза донишгоҳ ё донишкадаро хатм карда, ба кор шуруъ намудаанд, бе ҳеҷ омӯзишу таҷрибабардориҳо ба иҷрои амалҳои барояшон ғайримунтазираю ногаҳонӣ амр мешаванд. Таври мисол, ба онҳо аз ҷониби маъмурият супориш дода мешавад, ки дарси кушод гузаронанд, ё бо омадани санҷишгарон аз ниҳодҳои марбутаи соҳаи маориф, ба гунаи зуд иштирок ба дарси онҳо сурат мегирад.

Ҳолатҳое ҳам мушоҳида мешавад, ки дафтарҳои корӣ, роҳбарисинфӣ ва вазъи журнали синфии мутахассиси ҷавон санҷида шуда, вай мавриди сарзанишу мазаммат қарор дода мешавад.

Ҳол он ки вазифаи ҷонии раёсату шуъбаҳои маориф, алалхусус, кабинети методиву нозирони ин ниҳодҳо (ва дигар мақомот) пас аз санҷиш, машварат оростану изҳори маслиҳатҳои методӣ мебошад, на танқиду мазаммат кардани омӯзгорони ҷавон. Ин нуқта хеле муҳим аст, зеро омӯзгорони ҷавон дилмондаю рӯҳафтода шуда, билохира, тарки мактабу муаллимӣ мекунанд. Дар хусуси бо имтиёзоти муқаррargardида аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ тайи солҳои охир таъмин нагардидани мутахассисони ҷавон зиёд гуфтаему навиштаем. Мутаассифона, ин мушкил ба сабаби муносибати фориғболонаи мақомоти маҳаллии ҳукумати шаҳру навоҳӣ ва ҷамоатҳои деҳоту шаҳракҳо ҳамчунон боқӣ монда, дар шаҳру ноҳияҳои кишвар шумори ниҳоят ками омӯзгорони ҷавон аз имтиёзҳо бахӯрдоранд. Дар ин масъала мисолу далелҳои зиёде мавҷуданд, ки бархе аз онҳо дар саҳифаҳои нашрияи «Омӯзгор» ба табъ расидаанду аз ҷониби мақомоти маҳаллӣ посухи мусбат дарёфт накардаем.

Аҷобати кор дар он аст, ки ҳангоми суҳбат бо масъулону мутасаддиёни раёсату шуъбаҳои маориф ва мақомоти маҳаллӣ дар ин мавзуъ, онҳо зуд ба мо ҳисобот медиҳанд, ки ба ноҳия (ё шаҳр)-и онҳо фалон теъдод мутахассиси ҷавон ба кор ҳозир ва ба маошашон 10 фоиз илова шудааст. Охир, ин фармони Ҳукумат аст, на имтиёзҳое, ки шумо аз иҷрои бандҳои қарори маълум бо ҳар баҳона сарпечӣ мекунед.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (21.12.2021) ба масъалаи тарбияву дастгирии омӯзгорони ҷавон таваҷҷуҳ зоҳир карда, аз ҷумла, қайд намуданд, ки:

«…Роҳбарони муассисаҳои таълимиро зарур аст, ки ба масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи дониш ва касбияти омӯзгорон дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ба хусус, омӯзгорони ҷавони баландихтисос ва ба талаботи замона ҷавобгӯй эътибори аввалиндараҷа диҳанд.»

Пас, вақти он расидааст, ки тамоми шароитҳои мусоид барои омӯзгорон, хусусан, мутахассисони ҷавон фароҳам оварда шуда, заҳмати онҳо холисона қадрдонӣ гардад, зеро ин талаби айём аст.

***Шодӣ РАҶАБЗОД,***
***«Омӯзгор»***

**Соли 2022 миёни хонандагони мактабҳои шаҳри Душанбе озмуни шаҳрии «Тоҷи сари ҷумла ҳунарҳост илм» баргузор мегардад.**

БИСТСОЛАИ ОМӮЗИШ ВА РУШДИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ, ДАҚИҚ ВА РИЁЗӢ ДАР СОҲАИ ИЛМ ВА МАОРИФ

# Илмҳои дақиқ ва тарбияи маънавӣ

*Худогоҳӣ аз бедории миллии шаҳрванд ба миён меояд ва ӯро ба сӯи ифтихори миллӣ ҳидоят менамояд. Ӯро барои хизмат кардан ба Ватан ва миллат сафарбар мекунад. Шаҳрванди хештаншинос ва худогоҳ истиқлолияти давлатии кишвари хешро чун гавҳараки чашм ҳимоя мекунад ва дар ҷодаи ғанӣ гардидани боигарии моддию маънавӣ ва фарҳангии миллат саҳм мегузорад, ифодагари манфиатҳои миллат мебошад. Аз ин лиҳоз, омӯзиши илмҳои бунёдӣ ба рушду пешрафти кишвар мусоидат мекунад.*

Татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ –саноатикунонии босуръати кишвар маҳз ба фанҳои табиию риёзӣ вобаста аст. Бинобар ин, зарур аст, ки ба омӯзиши илмҳои дақиқ шавқу рағбати насли наврасро аз зинаи таҳсилоти томактабӣ оғоз намуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии мамлакат (26.12.2019) таъкид доштанд, ки: «Назорати азхудкунии донишҳои замонавиро пурзӯр гардонида, наврасону ҷавононро ба мутолиаи китобҳои бадеиву илмӣ ташвиқ намоянд, қобилияти эҷодии онҳоро тақвият бахшанд ва таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд». Вобаста ба ин, пешниҳод карданд, ки ба хотири боз ҳам бештар ба роҳ мондани илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин, барои тавсеаи тафаккури техникии насли наврас солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон карда шавад.



Воқеан, татбиқи барномаи мазкур ба рушди илмҳои бунёдӣ мусоидат мекунад. Барои ин зарур аст, ки дарсҳоро дар сатҳи баланд ва рангину ҷолиб гузаронем. Дар раванди дарс аз ҳаёту фаъолияти нобиғагони ҷаҳон, ки дар рушди илмҳои табиӣ ва бунёдӣ қадами ҷиддӣ гузоштаанд, маълумот пешниҳод кардан аз аҳамият холӣ нахоҳад буд. Тараққии босуръати технологияи муосир маҳз аз пешрафти илмҳои дақиқ дар арсаи ҷаҳон далолат мекунад. Ҳамин аст, ки соли сипаришуда бо дастури Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон озмуни ҷумҳуриявии «Илм-фурӯғи маърифат» гузаронида шуд, ки ин иқдом ба дарёфти лаёқатмандону ихтироъкорони ҷавон мусоидат намуд.

Дарвоқеъ, озмунҳои гуногун, ки ҳамасола дар сатҳи ноҳияву шаҳр ва минтақаву ҷумҳурӣ роҳандозӣ мегарданд, аз як тараф, ба дарёфти истеъдодҳо мусоидат кунанд, аз ҷониби дигар, ба ҳавасманд шудани насли наврас такони ҷиддӣ мебахшанд.

Талаботи давру замон аз мактаби имрӯза ба он нигаронида шудааст, ки хонанда ҳар чӣ бештар дониши бештару ҷаҳонбинии фарох дошта бошад. Ин талабот, махсусан, аз фанҳои табиию риёзӣ бештар эҳсос мегардад, ки дар назди мактабу омӯзгорон вазифаҳои нав ба навро мегузорад.

Физика фаннест, ки дар хонанда тафаккури шинохти илмии оламу атроф ва техникиро асос мегузорад.

Таълими ин фан аз синфи 7 оғоз мешавад, вале аввалин тасаввуроти физикӣ дар хонандагон ҳанӯз дар синни томактабӣ ташаккул меёбад. Хонандагон дар наврасӣ дар бораи ҳарорат, барқ, суръат, қувваи энергия, радио ва ғайра бисёр чизҳоро медонанд, аз ин рӯ, лозим меояд, ки омӯзгори физика тамоми донишу маҳорати худро барои баланд бардоштани дониш ва ҷаҳонбинии физикии хонанда равона кунад. Албатта, роҳҳо ва усулҳои зиёди таъсиррасониҳои методӣ-педагогӣ ва равонӣ мавҷуданд, ки барои ноил шудан ба мақсади дар боло гузошташуда кумак карда метавонанд. Ҳамаи усулу шеваҳои таълим ба шавқмандкунии хонанда, ба ҳаёт наздик кардани мавод ва аз ҳама муҳим дарки мантиқию илмии мавод аз тарафи хонанда нигаронида шудааст.

Маълум аст, ки дар раванди таълими фанҳои физика ва математика ҳалли масъалаҳо муҳим мебошад. Масъалаҳо имкон медиҳанд, ки ҳодисаву қонунҳои физикӣ дурусттар дарк шаванд ва назарияро ба амалия наздиктар кунанд. Маълум аст, ки физика бо математика алоқаи зич дорад. Қонунҳои физикӣ ҳанӯз аз асри XVIII ба забони анализи математикӣ шакл гирифтаанд. онҳоро бо донишҳои математикӣ, ки (аз ҷумла, ҳосила ва интеграл) фаҳмидан душвор аст.

Робитаи байни фанҳои физика ва математика сатҳи донишҳои ахлоқию эстетикӣ ва маънавии хонандагонро аз бисёр ҷиҳат инкишоф медиҳад. Хонанда дониш, малака ва маҳоратишро дар амал барои ҳалли мисолу масъалаҳои ҳаётӣ бояд истифода барад ва омӯзгор ҳангоми зарурат усули таълимро тағйир дода, раванди таълимро самаранок гардонад.

Хонандагон бояд аз рӯйдодҳои замон огоҳ ва ҳамқадами замон бошанд.

Омӯзгорон бо ин мақсад дар дарс ва чорабиниҳои беруназсинфӣ аз далелу маводҳои рӯзномаву маҷалла ва дастурҳои методӣ ба таври васеъ ва пурсамар бояд истифода баранд. Барои корҳои хонагию мустақилона супоришҳоеро додан зарур аст, ки хонандагони сустхон ҳам бо шавқу завқ ин супоришҳоро ҳал кунанд. Алалхусус, ҳодисаи хурсандибахши рӯзи 16 ноябри соли 2018 ба кор андохтани чархаи якуми иншооти аср-НБО-и Роғун, барои иҷрои корҳои амалӣ аз физика муҳим мебошад. Мо, омӯзгорони фанҳои физика ва математикаро мебояд, ки маводи НБО-и Роғунро мавзуи меҳварии машғулиятҳои беруназсинфии худ қарор диҳем. Ин ҳам бошад, дар тарбияи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ дар дарсҳои физика ва математика аҳамияти калон дорад. Аз ин рӯ, лозим аст, ки мисолу масъалаҳо ва тестҳоро дар бораи НБО-и Роғун ба хонандагон пешкаш намоем.

Омӯзгорон бо истифодаи маводи зикршуда ба хонандагон на фақат дониш медиҳанд, балки шавқ, донишу ҷаҳонбинӣ ва омилҳое чун сарфаю сариштакории шогирдонро баланд мебардоранд. Шогирдон бошанд, аҳамияти стратегии НБО-и Роғунро дар инкишофи минбаъдаи Тоҷикистон дарк мекунанд.

Бинобар ин, омӯзгорони фанҳои физика ва математикаро лозим аст, ки дарсҳояшонро рангину ҷолиб баргузор намоянд. Барои ин, омӯзгорон бояд дар дарсҳо аз воситаҳои гуногуни аёнию технологияи замонавӣ васеъ истифода баранд. Аз ин лиҳоз, нақши омӯзгор дар шавқманд гардидани насли наврас дар рӯҳияи тарбияи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ бузурги мондагор мебошад.

Дар баробари ин, тавсия намудани омӯзиши фаъолияти олимону донишмандон, ки дар рушди илмҳои дақиқ хидмати шоиста кардаанд, манфиатбахш аст. Агар ба таърих назар афканем, дар рушду такомули илмҳои дақиқ маҳз мутафаккирону донишмандони тоҷику форс ва ба консепсияи муайяни илмӣ даровардани онҳо саҳм гузоштаанд. Аз ин рӯ, донистани таърихи илмҳои дақиқ ва марҳилаҳои рушди он хонандагонро водор менамояд, ки ба омӯзиши илмҳои дақиқ таваҷҷуҳи бештар намоянд ва ба боиси ифтихормандии онҳо гарданд.

Тарбияи насли наврас барои мардуми тамаддунофари тоҷик аз қадимулаём мақоми хосса дошт. Гузаштагони фарҳангпарвари мо тавассути андарзномаҳо аз синни хурдӣ ба фарзандони хеш одобу ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ва дар рӯҳияи хештаншиносиву худогоҳии миллӣ тарбия намуданро меомӯзониданд.

Дар замони имрӯза зарур аст, ки якҷо бо мактаб ва аҳли ҷомеа омӯзгорон ҷиҳати татбиқи бандҳои камари ҳиммат банданд. Агар каме таҳхир намоем, таълиму тарбияи мо самараи хуб ба бор намеоварад. Воқеаҳои замони муосир гувоҳи онанд, ки набудани робитаи мустаҳкам байни оила, мактаб ва ҷомеа сари вақт таълиму тарбияи дурӯст надодан ба фарзандон, тафаккур ва ҷаҳонбинии маҳдуди онҳо оқибатҳои ногувор дорад.

Дар умум, моро зарур аст, ки миёни хонандагон ва донишомӯзон дар таълими фанҳои дақиқ ҳисси худшиносӣ, худогоҳӣ, худбоварӣ, масъулиятшиносӣ ва мустақилиятро парвариш намуда бошем. Хонандагон ва донишомӯзон бидонанд, ки чӣ гуна будани ояндаи онҳо танҳо аз фаъолият ва кӯшиши имрӯзаи онҳо вобастагӣ дорад.

*Саидакрам АКРАМОВ,*
*муовини директори гимназия барои хонандагони лаёқатманди ба номи Абулфазли Балъамии шаҳри Ваҳдат,*
*Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон*

САБҚАТ

# ОЗМУН ҷамъбаст гардид

23-юми феврали соли ҷорӣ дар маҷлисгоҳи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки муовини вазири маориф ва илм Лутфия Абдулхоликзода, сардорони раёсату шуъбаҳо, кормандони дастгоҳи марказии вазорат ва омӯзгорону хонандагон озмуни беҳтарин мақолаву гузориш ва шеъру ҳикоя




таҳти унвони “Ҳомии Ватан будан шараф аст” ҷамъбаст гардид.

Л. Абдулхолиқзода-муовини вазири маориф ва илм зимни суханронии худ иброз дошт, ки бо мақсади баланд бардоштани рӯҳияи ватандӯстии хизматчиёни ҳарбӣ, такмили тарбияи ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ ва хештаншиносии насли наврас тибқи дастури вазорат дар нашрияи соҳавии “Омӯзгор” ва нашрия барои кӯдакон ва наврасон “Пайрав” таҳти унвони “Ҳомии Ватан будан шараф аст”, барои беҳтарин мақолаву гузориш ва шеъру ҳикоя озмун эълон гардида буд, ки дар арафаи таҷлили Рӯзи Артиши миллӣ ҷамъбаст гардид.

Зикр гардид, ки озмуни мазкур аз оғози моҳи июни соли 2021 то аввали моҳи феврали соли 2022 идома ёфт ва ба нашрияи “Омӯзгор” беш аз 20 мақола пешниҳод гардид. Беҳтарин мақолаҳо дар саҳифаҳои ҳафтанома ба чоп расиданд, ки аз миёни онҳо Матлуба Тоҷибоева, омӯзгори гимназияи №5-и шаҳри Истаравшан сазовори **ҷойи якум,** Исматулло Абдуллоев, директори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №25-и шаҳри Исфара сазовори **ҷойи дуюм** ва Камолиддин Каримов, омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №10-и шаҳри Душанбе сазовори **ҷойи сеюм** гардиданд.

Инчунин, ба идораи нашрия барои кӯдакон ва наврасон “Пайрав” аз ҷониби хонандагон шеъру ҳикояҳои зиёд ворид гардиданд, ки аз он 15 шеър ва 14 ҳикояи беҳтарин ба чоп тавсия шуданд. Баъд аз ҷамъбаст ва баҳогузории аъзои ҳакамон дар бахши шеър ба Санавбар Ибодова, хонандаи синфи 10-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №33, шаҳри Душанбе **ҷойи якум,** Мадина Каримзода, хонандаи синфи 7-и Литсейи №2, шаҳри Душанбе **ҷойи дуюм**, Анӯшервони Алишер, хонандаи синфи 7-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №98, шаҳри Душанбе **ҷойи сеюм** ва дар бахши ҳикоя ба Мунаввара Саъдуллоева, хонандаи синфи 10-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №54, ноҳияи Рӯдакӣ **ҷойи якум,** Зулхия Каримова, хонандаи синфи 7-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №56, шаҳри Душанбе **ҷойи дуюм** ва Нозияи Сафархон, хонандаи синфи 8-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №44, шаҳри Душанбе **ҷойи сеюм** насиб гардид.

Дар фарҷом, ғолибон бо Ифтихорномаю Сипосномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва туҳфаҳои молии Кумитаи тадорукоти озмун мукофотонида шуданд.

*Бахтовар САФАРОВ,*
*корманди Маркази матбуоти Вазорати маориф ва илм*

Аз 6 то 9 июн дар шаҳри Душанбе конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» баргузор мегардад.

ПЕШРАФТ

# ВИЛОЯТИ СУҒД: маблағгузорӣ афзоиш меёбад

***Аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хоса Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи маориф таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, маблағгузории ин соҳаи калидӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо сол аз сол афзоиш меёбад.***

Бояд қайд намуд, ки дар вилояти Суғд 890 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии давлатӣ тибқи маблағгузории меъёрии сарикасӣ фаъолият менамоянд, ки дар онҳо 546 ҳазору 364 хонанда таълим мегиранд. Лоиҳаи буҷет барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии вилояти мазкур барои соли 2022 793 миллиону 843 ҳазору 286 сомонӣ таҳия гардидааст ва 203 муассисаи давлатии таҳсилоти томактабӣ аз рӯйи маблағгузории меъёрии сарикасӣ фаъолият менамоянд, дар онҳо 36 ҳазору 246 тарбиятгиранда ба таълиму тарбияи томактабӣ фаро гирифта шудаанд. Лоиҳаи буҷет барои муассисаҳои давлатии таълимии томактабии вилоят дар соли 2022 106 миллиону 812 ҳазору 384 сомонӣ пешбинӣ гардидааст.



Ҳамзамон, дар вилоят барои муассисаҳои давлатии таълимии томактабӣ ва миёнаи умумӣ, ки дар асоси меъёрҳои маблағгузории сарикасӣ фаъолият менамоянд, барои соли таҳсили 2022 маблағи пешбинигардида 900 миллиону 655 ҳазору 670 сомониро ташкил медиҳад.

Бояд зикр намуд, ки дар асоси банди 17, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2021, №533 дар заминаи шаҳру ноҳияҳои пилотӣ, ки дар онҳо тибқи замимаи 4, қарори мазкур меъёри ғизо барои таъмини хонандагони синфҳои ибтидоӣ (дар 7 шаҳру ноҳияи вилояти Суғд барои 5166 хонанда дар 12 муассисаи таълимӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ 1 миллиону 844 ҳазору 262 сомониро дар бар гирифтааст.

Инчунин, аз ҷониби Барномаи Озуқаворӣи Ҷаҳонии Созмони Милали Муттаҳид, ба таври таҷрибавӣ дар 2 ноҳия, дар 4 муассисаи таълимӣ барои 3346 хонанда барои беҳтар намудани ғизои мактабӣ маблағ ҷудо гардидааст.

Аз ҳисоби БОҶ СММ ба маблағи умумии 2 513 565 сомонӣ, барои сохтмони гармхона 28, молпарварӣ 2, занбӯри асал 2, консервабарорӣ 2, моҳипарварӣ 2, маҳсулоти кишоварзӣ 1, дӯзандагӣ 2, мурғпарварӣ 3, бедонапарварӣ 2, заргӯшпарварӣ 1, дар умум 47 лоиҳаи пилотии наздимактабӣ маблағ ҷудо гардида, истифодаи босамари онҳо ба роҳ монда шуд.

Ҳамзамон, дар вилоят барои таъмир ва азнавсозии 6 нонпазхонаи замонавӣ, барои хариди масолеҳи сохтмонӣ 738669 сомонӣ ва хариди таҷҳизот 3439278 сомонӣ, дар шаҳру ноҳияҳои Б.Ғафуров, Деваштич, Истаравшан, Исфара, Спитамен, Ҷ.Расулов сохта ба истифода дода шуд, ки ин барои устувор намудани Барномаи ғизои мактабӣ кумак мерасонад.

Соли 2021 барои иқтисодчиёни раёсату шуъбаҳои маорифи 13 шаҳру ноҳияи вилоят 13 ноутбук, 13 компютер, 13 принтер (нусхабардор 4G), 13 упса ва дигар таҷҳизоти технологияи коммуникатсионӣ бо дастгирии БОҶ СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 45 ҳазору 058 доллар харидорӣ ва дастрас карда шуд.

Ҳамзамон, аз ҷониби БОҶ СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 15 шаҳру ноҳияи вилоят, дар 620 муассисаи таълимӣ 82 094 нафар хонандаи синфҳои ибтидоӣ бо маводи ғизоӣ таъмин шуда истодаанд.

Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.05.2006, №197 «Дар бораи муқаррар намудани имтиёзҳо ба омӯзгорони ҷавон», ҳамасола тибқи дархости раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои вилоят ва якҷо бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бонки давлатии амонатгузории - «Амонатбонк» қарзи имтиёзноки дарозмуддат ба 65 нафар омӯзгори ҷавон ба миқдори 6 ҳазор сомонӣ дар се соли аввали фаъолияти меҳнатиашон дода мешавад. Соли 2021 ҳаҷми умумии ин маблағ дар вилояти Суғд 390 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки маблағи зикргардида тибқи тартиби муқаррааргардида ба филиалҳои бонки давлатии амонатгузории Тоҷикистон - «Амонатбонк» гузаронида шуда, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дастрас намудани маблағи қарзи имтиёзноки омӯзгорони ҷавон, 28 декабри соли 2021 №09(61)-04-177 барқияи телефони ба раёсати маорифи вилояти Суғд ирсол намудааст. Вобаста ба супориши мазкур аз тарафи раёсати маорифи шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд чораҳои зарурӣ андешида шуда, то имрӯз қариб 90% омӯзгор маблағҳои худро гирифтаанд.

Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм дар доираи амалишавии Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030 ҳамаи чораҳоро меандешад, ки афзоиши маблағгузориро дар доираи имкониятҳои буҷети давлатӣ таъмин намуда, ҳифзи иҷтимоии кормандони соҳа ва хонандагонро баланд бардорад.

***Бадриддин МУЗАФФАРЗОДА,***
***сардори раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илми Вазорати маориф ва илм,***
***номзади илмҳои иқтисодӣ***

ВОКУНИШ

***Баъд аз мутолиаи мақолаи Шодӣ Раҷабзод дар ҳафтаномаи «Омӯзгор» (27-уми январи соли 2022, № 4) бо номи «Қадри зар заргар бидонад», хостам атрофи баъзе аз масъалаҳо ибрози андеша намоям.***

# Таваҷҷуҳ ба омӯзгор набояд коста гардад

Чи тавре ки муаллиф қайд кардааст, ҳастанд сарварон ва омӯзгороне, ки тамоми ҳаёти худро сарфи касби пурифтихори омӯзгорӣ кардаанду то ба нафақа баромадан бо Ифтихорнома ё нишони «Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» қадрдонӣ нагардидаанд. Ёд дорам, устоди зиндаёд, яке аз беҳтарин омӯзгорони ноҳияи мо Умарбек Амиров, ки собиқаи кории 50-сола дошт, бе ягон мукофоту қадршиносӣ ба нафақа баромад. Ӯ қадршиносиву ҳавасманд нагардидани омӯзгорони соҳиблаёқату заҳматкаш ҳаминро гуфтанием, ки ҳақиқатан, баъди он ки устодони соҳиблаёқату варзида ва омӯзгорони тасодуфиро дар як саф ҷой мекунанд, онҳо дилшикаста шуда, дигар бо ҷӯшу хурӯш ва шавқмандии зиёд дарс намедиҳанд.

Кам таваҷҷуҳ зоҳир намудани мақомоти маҳаллӣ ба соҳаи маориф низ мушоҳида мешавад. Омили дигар, дар сатҳи паст таҷлил гардидани «Рӯзи омӯзгор» дар маҳалҳо мебошад. Ҳол он ки маҳз дар ин рӯзи тантанавӣ қадршиносӣ кардани омӯзгорон бамаврид аст. Шуъбаҳои маориф ва роҳбарияти муассисаҳои таълимӣ низ дар ин масъала беаҳамиятӣ зоҳир менамоянд. Он имтиёзҳое, ки ба омӯзгорон муқаррар шудаанд, иҷро намешаванд. Ҷалби омӯзгорон рӯҳафтодаву дилшикаста гардида, аз қадр накардани заҳматҳояш дигар ба мактаб наомад. Ҳол он ки устод метавонист боз чанд соли дигар донишу таҷрибаи худро ба хонандагону омӯзгорон омӯзонад. Маҷмуаи шеърҳо ва мақолаҳояш дар шакли китоб аз чоп баромадаанд.



«Омӯзгор» № 4, 27 январи соли 2022 | МАВЗУИ РӮЗ | Ба Наврӯзи Ҷамшеду ҷашни Сада, Ки нав гаштӣ оини оташкада. Низомӣ | 7

НУКТАИ НАЗАР

Қадри зар заргар бидонад

НИГАРОНӢ

Ҷомаи бомаслиҳат кӯтоҳ наояд

Чунин омӯзгорони варзида зиёданд, ки баъди ба нафақа баромадан масъулони раёсату шуъбаҳои маориф онҳоро дигар суроғ ва бо баъзе баҳонаҳо ба муассисаҳои таълимӣ ҷалб намекунанд. Шояд баъзе аз сардорони раёсату шуъбаҳои маориф огоҳӣ надоранд, ки 1 октябри соли 1991, Иҷлосияи Кулли СММ «Принсипҳои СММ оид ба пиронсолон»-ро кабул карда буд, ки мақсаду мароми он муҳайё кардани зиндагии шоиста барои солхӯрдагон ва қадрдонии заҳматҳои онҳо ба шумор меравад. Дар принсипҳои мазкур, аз ҷумла, омадааст:

- Солхӯрдагон бояд имконият дошта бошанд, ки кор кунанд, ё ба пешае шуғл варзанд, ки ба онҳо даромад биёварад.

- Мисли пештара ба ҳаёти ҷомеа ҷалб карда шаванд... донишу малака ва таҷрибаи бойи худро ба насли наврас омӯзонанд.

Дар тавсияҳои Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат низ дар ин масъала тавзеҳ шудааст. Мақсад аз навиштаҳои боло ба кор ҷалб намудани омӯзгорони варзидаи дар нафақабуда мебошад.

Доир ба масъалаи ба қадри зарурӣ ба корҳои берунамактабӣ бештар гаштааст.

Вобаста ба ин, пешниҳод дорем, унвонҳои муздноке, ки пештар буданд, аз қабили «омӯзгор - мушовир», «омӯзгори калон», «омӯзгори эҷодкор» ва ғайраҳо аз нав ҷорӣ карда шаванд, то ки шавқмандии омӯзгорон ба касбашон зиёд гардад. Роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ ва гурӯҳҳои назорати сифати таҳсилот низ агар бо маблағ таъмин гарданд, масъулият ва натиҷаи корашон беҳтар мешавад.

Агар мо ҳамаҷониба омӯзгорро дастгирӣ накунему ба қадри заҳматаш нарасем, раванди тарки кор кардани омӯзгоронро, ки вақтҳои охир хеле зиёд шудааст, боздошта наметавонем.

***Ҳ. СИРОҶОВ,***
***омӯзгори МТМУ №6,***
***ноҳияи Тоҷикобод***

ҲАМОИШ

# Чорабинии муфид дар ДДҲБСТ

Дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон рӯзи «Дарҳои кушод» ва озмуни “Хатмкунандагони болаёқат” баргузор гардид. Чорабинии мазкур бо мақсади дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ҷалби хатмкунандагон ба таҳсили илму дониш роҳандозӣ гардид. Хатмкунандагон ҳамроҳи устодони худ аз мактабҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят бо мақсади шиносоӣ аз вазъи таълиму тарбия, шароити таҳсил, имконияту ихтисосҳо ва факултетҳои донишгоҳ дар рӯзи “Дарҳои кушод” иштироки фаъолона намуданд.

Ректори донишгоҳ, профессор Муъмин Шарифзода иштирокдоронро бо барномаи чорабинии рӯзи «Дарҳои кушод» ва озмуни «Хатмкунандагони болаёқат» шинос кард. Сипас, хатмкунандагон аз дастовардҳои устодону донишҷӯёни донишгоҳ шинос гардида, дар дарсҳои намунавии устодон ширкат варзиданд.

Дар ин рӯз наздик ба 700 нафар хатмкунандаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои мамлакат иштирок карданд. Бахусус, хатмкунандагони ноҳияҳои дурдасти вилоят ва шаҳри Душанбеву нахияҳои вилояти Хатлон тариқи онлайн тавассути интернет дар ин чорабинӣ иштирок карданд. Тибқи барномаи озмуни «Хатмкунандагони болаёқат» аз рӯи намунаҳои саволномаҳои санҷишии Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хатмкунандагон дониши худро санҷиданд.

Сипас, дар маҷлисгоҳи донишгоҳ мулоқоти ректор бо иштирокчиёни озмуни «Хатмкунандагони болаёқат» баргузор гардид. Дар вохӯрӣ аз рӯи натиҷаи имтиҳоноти тестӣ ва холҳои ноилгардида дар озмуни «Хатмкунандагони болаёқат» Таҳмина Шодибоева аз МТМУ №10-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров бо ба даст овардани 250 хол сазовори **ҷойи аввал** ва ноутбук, Шерзод Раҳмонов аз МТМУ №54-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров бо 245 хол сазовори **мақоми дуввум** ва планшет ва Райҳона Салимова хонандаи литсейи физика-математикаи №1-и ба номи Муҳаммад Осимии шаҳри Хуҷанд бо гирифтани 242 бал сазовори **ҷойи сеюм** ва телефони мобилӣ гардиданд.

Дар баробари ғолибон иштирокчиёни фаъоли чорабиниҳои рӯзи “Дарҳои кушод” ва омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ бо туҳфаҳои хотиравии раёсати донишгоҳ қадрдонӣ шуданд.

***Нуъмон РАҶАБЗОДА,***
***«Омӯзгор»***

Хонандагони литсей барои хонандагони болаёқати шаҳри Хуҷанд дар олимпиадаи «Teeneagle»-и Лондон иштирок мекунанд.

ТАДРИС

# Наврасон ҳуқуқҳои худро медонанд?

***Ҳангоми таълими фанни асосҳои давлат ва ҳуқуқ омӯзгор метавонад бо истифода аз маводи таълимӣ хонандагонро огоҳ намояд, ки рафторҳои номатлуб оқибат ба ҷиноят мепайвананд.***

Ҳангоми гузаштани мавзуи "Ҳуқуқ ва ахлоқ" дар синфи VIII ба хонандагон мефаҳмонем, ки ҳуқуқ бо ахлоқ зич алоқаманд аст. Барои ҳуқуқвайронкунӣ ҷазо пешбинӣ шудааст. Мутаассифона, ахлоқи бад оқибат ба ҳуқуқвайронкунӣ мерасонад. Яъне аз кирдори ношоям то ҷиноят як қадам роҳ аст.

Хонандагон бояд дуруст дарк намоянд, ки одобу ахлоқи нек, инсонпарварӣ, меҳнатдӯстӣ, хоксорӣ, эҳтиром ба Ватан аз хислатҳои беҳтарини инсониянд.

Чи тавре ки аз мушоҳидаҳо бармеояд, хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар умум наврасону ҷавонон, ҳам дар саҳни таълимгоҳҳо ва ҳам дар кӯчаю бозорҳо ва умуман ҷойҳои ҷамъиятӣ, бо садои баланду дағал ва суханони қабеҳ хотири одамонро озурда мегардонанд.

Яке аз амалҳои номатлуби наврасону ҷавонон, даст задан ба дуздӣ мебошад. Дар байни хонандагони мо низ чунин ҳодисаҳо ба мушоҳида мерасад, ки асбобу анҷоми хониш ва либосу ҷузвдонҳои якдигарро медузданд.

Дар назари аввал амали дуздӣ барои кӯдакон мазмунан



нофаҳмост. Онҳо намедонанд, ки дуздӣ амали хуб аст ё бад? Зеро дар натиҷаи дуздӣ соҳиби ашё мешаванд. Дар сурати аз тарафи волидон ё омӯзгорон барои ин амали худ сарзаниш шудан, кӯдак оқибати бад доштани амали дуздиро ба хубӣ дарк мекунад. Аз ин хотир мегӯянд, ки "Кӯдак имрӯз сӯзани ҳамсояро дуздида, аз тарафи волидону омӯзгорон ва ё шахсони онҳоро ивазкунанда сарзаниш нашуда бошад, пагоҳ уштурро медуздад".

Вақте ки омӯзгор ҳангоми гузаштани мавзуи "Баъзе намудҳои ҷиноятҳо ва ҷавобгарӣ барои инҳо"-ро дар синфи IX шогирдонро таъкид менамояд, ки мувофиқи моддаи 244-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дуздӣ, яъне тасарруфи ниҳоии амволи ғайр (қисми якум) шахси гунаҳкор бо ҷарима ва андозаи аз панҷсад то як ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё корҳои ислоҳӣ ба мӯҳлати то ду сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ҷазо дода мешавад.

Дӯст доштани Ватан, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллӣ ва эҳтироми муқаддасоти он барои ҳар шаҳрванди кишвар зарур аст. Дарвокеъ, нарасидан ба қадри муқаддасоти миллӣ, ношукрӣ аз ободию оромии он амали номатлуб аст.

Ҳангоми гузаштани мавзуи "Вазифаи ҳифзи Ватан ва манфиатҳои давлат" дар синфи X омӯзгор ба хонандагон мефаҳмонад, ки хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванд ба ҳисоб меравад. Мутаассифона, баъзе ҷавонон аз хизмат кардан ба Ватан саркашӣ мекунанд ва дар масъалаи ҳифзи манфиатҳои давлати худ беэътиноӣ зоҳир мекунанд.

Дар моддаи 43-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ омадааст: "Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиатҳои давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванд аст". Наврасону ҷавонон бояд огоҳ бошанд, ки саркашӣ аз даъвати сафарбарӣ ба сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳ, мувофиқи моддаи 344 ҷазо бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз ду то панҷ сол пешбинӣ гардидааст.

Вақте ки омӯзгор мавзуи "Вазифаи ҳифзи табиат, ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ"-ро дар синфи X аз фанни "Ҳуқуқи инсон" ба хонандагон нақл мекунад, шогирдон огаҳӣ пайдо мекунанд, ки ҳифзи табиат, истифодаи оқилона ва барқарорсозии захираҳои он, беҳдошти муҳити зист қарзи ахлоқии ҳар як шаҳрванд аст.

Боиси нигаронист, ки дар байни наврасону ҷавонон онҳое вомехӯранд, ки обҳои тозаи нӯшиданиро ифлос мекунанд, қоидаҳои ҳифз ва истифодаи сарватҳои зеризаминиро вайрон карда, ба сайди ғайриқонунии моҳӣ даст мезананд.

Мутобиқи моддаҳои 226,229 ва 230-и Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷазо бо ҷарима ба андозаи аз сесад то ҳафтсад маоши ҳадди ақал ё корҳои ислоҳӣ ба мӯҳлати то ду сол пешбинӣ гардидааст.

Хушбахтона, дар нашри нави китоби дарсии "Асосҳои давлат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба мавзуи "Оила ва тарбияи фарзанд" соати алоҳида ҷудо гардидааст. Инчунин, Қонуни ҶТ "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" дар шакли пуррааш оварда шудааст.

***Аъзам БОБОЕВ,***
***омӯзгори таърих ва ҳуқуқи Мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат дар ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон***

ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ

# Сарчашмаи маърифат

***Ба таъкиди забоншиносон, калимаҳои «китоб», «котиб», «мактаб» ва «мактуб»-ро решаи ягона (дар лафзи арабӣ) ба ҳам пайванд месозад. Дар ин миён ҳамбастагии китобу мактаб бештар шоистаи таваҷҷуҳ аст. Муҳимтарин сарвату дороии мактаб китоб мебошад ва ҳам фаъолияти омӯзгорон, ҳам фаъолияти хонандагонро наметавон бидуни китоб тасаввур кард.***

Воситаи асосии омӯзиш дар мактаб китоб аст, баробари оғози машғулиятҳо хонандагон нахуст китоб боз мекунанду омӯзгор аз ҷузвдонаш китоб берун мекашад. Сарчашмаи дониш китоб аст, китоб чашми моро ба оламу одам боз мекунад, илму маърифат, касбу ҳунар ва равиши зиндагӣ меомӯзад. Онеро, ки китоб дар даст дорад, ба шахси саропо мусаллаҳ, ба раҳрави таловону муваффақ монанд мекунанд.

Ҳар қадар шогирдони мо ба китоб унс бигиранд, онро пайваста варақ зананду бо майли том мутолиа кунанд, ҳамон қадар дар таҳсил пешраву комёб хоҳанд шуд.

Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои ҷиддии ҳар омӯзгор он аст, ки дар дили хонандагон нисбат ба китоб меҳру муҳаббати самимӣ бипарварад, ба дараҷае ки онҳо китобро беҳтарин дастгиру раҳнамо ва дӯсти бовафои худ донанд.

Барои ин омӯзгорро лозим аст, ки ҳангоми машғулиятҳо бо шогирдон ва зимни суҳбатҳои озоду маҳфилҳо ба масоили зер бештар диққат диҳад:

- ба хонандагон қоидаҳои умумии китобхонию муносибат бо китобро тавзеҳ додан;
- мунтазам муаррифӣ намудани китобҳои муҳимтарин (вобаста ба синну сол) ва тозанашр;
- нақли пораҳои мухтасар ва ҷолибу шавқовар аз китобҳо ва ҳидоят кардани шогирдон ба пурра мутолиа намудани асарҳои муаррифишуда;
- азёд кардани шеърҳо, зарбулмасалу афоризмҳо дар ситоиши китоб ва китобхонӣ;
- ташкили гӯшаҳои (намоишгоҳҳои) китобҳо бо зернавиштҳо оид ба мухтасари мундариҷаи онҳо;
- таъсиси гӯшаи муаррифии адибони маъруф ва номгӯи осори онҳо;
- баргузор намудани воҳӯриҳо бо шоиру нависандагон вобаста ба таҳлилу муҳокимаи асари алоҳидаашон;
- таъсиси маҳфили «Дӯстдорони китоб»;
- ташкили озмунҳои «Кӣ бештар китоб мехонад?»;
- баргузор кардани озмуни иншоҳои озод дар мавзуъҳои «Китоби дӯстдоштаи ман», «Адиби писандида», «Қаҳрамоне, ки пайраваш будан мехоҳам», «Китоб – сарчашмаи дониш», «Аниси кунҷи танҳоӣ»…

Умуман, тадбирҳо вобаста ба ҷалби хонандагон ба китобу китобхонӣ хеле гуногунанд ва муҳим он аст, ки ин тадбирҳо рангину шавқовар, эҷодкорона баргузор карда шаванд, муассиру пурмуҳтаво бошанд.

Дар ҷумҳурии мо бо ҳадафи тарғиби китоб ва даъвати оммаи мардум ба китобхонӣ ҷорабиниҳои муҳиме, чун «Фестивали китоб», «Ҳафтаи китобҳои бачагона» ва озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ҳамасола баргузор карда мешаванд. Мо, омӯзгорон, бояд дар вусъати ин тадбирҳо иштироки фаъолонаву пайваста дошта бошем ва ширкати пурсамару натиҷаовари шогирдонамонро дар онҳо таъмин созем. Ҳикматест машҳур:

*Бе китоб, эй дӯстон, бунёди мо норавшан аст,*
*Тираву торик ҳамчун хонаи беравзан аст.*

Тавзеҳи ин ва ин гуна ҳикматҳо муҳаббату эҳтиром ва таваҷҷуҳи шогирдони моро ба китоб, ба ин бунёди хираду маърифат боз ҳам меафзояд.

***Наргис АЗИЗОВА,***
***омӯзгори мактаби №19-и шаҳри Ваҳдат***

ОЗМУН

# Ғолибони «Ватанпарвар»

Бо мақсади иҷрои ҳадафҳои Паёми Президенти кишвар оид ба пешрафти кори таълиму тарбия ва ба камол расонидани ҷавонони лаёқатманду соҳибмаърифат ва ба муносибати 29 – умин солгарди Рӯзи Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо ибтикори раёсати маорифи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, муассисаи таҳсилоти иловагии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб дар ҳамкорӣ бо бахши кор бо ҷавонон ва варзиши минтақаи Кӯлоб дар байни дастаҳои ҳарбӣ – ватандӯстии толибилмони муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб озмуни ҳарбӣ - варзишии «Ватанпарвар» гузаронида шуд. Сармутахассиси бахши раёсати маорифи вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб Бахтиёр Раҷабов қайд намуд, ки мақсад аз гузаронидани озмун, баланд бардоштани сатҳи донишу малакаи ҳарбии хонандагон ва дар рӯҳияи ҳарбӣ – ватандӯстӣ тарбия намудани онҳо мебошад. Дар озмун 11 дастаи хонандагон аз шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб ширкат варзиданд. Бояд қайд намуд, ки бароманди аъзои дастаҳои шаҳри Кӯлоб, ноҳияҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Муъминобод, Восеъ ва Ш. Шоҳин лоиқи таҳсин аст, ки машқҳои ҳарбиро бо маҳорати баланду чусту чолоки варзишӣ иҷро намуданд. Дар рафти танаффусҳои ҷорабинӣ, дар вазъияти тантанавӣ хонандагони синфи 4-ро ба сафи созмони хонандагии «Сомониён» қабул намуданд. Дар озмун дастаи шаҳри Кӯлоб **ҷойи якум,** ноҳияи Муъминобод **ҷойи дуюм** ва дастаи ноҳияи Ҳамадонӣ **ҷойи сеюм**ро соҳиб гардида, бо Ифтихорнома ва тухфаҳои таъсиснамудаи бахши кор бо ҷавонон ва варзиши минтақаи Кӯлоб қадршиносӣ гардиданд.

***Шариф АБДУЛҲАМИД,***
***«Омӯзгор»***

**Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон намоиши асарҳои наққошии омӯзгорон ва донишҷӯёнро баргузор намуд.**

# Зинати дунёи мо модар бувад,

**РИСОЛАТИ ВОЛО**

## Занон дар меҳвари сиёсат

Яке аз иқдомҳои беҳтарине, ки дар сиёсати давлатдорӣ ба он диққати ҷиддӣ дода мешавад, баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа мебошад. Истиқлоли давлатӣ тавонист барои зани тоҷик озодандешӣ, зиндагонии шоиста ва имкониятҳои зиёд фароҳам оварад.

Дар замони соҳибистиқлолӣ ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо", Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Доир ба баланд бардоштани мақоми занон дар ҷомеа", барномаҳои давлатии "Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқ ва имкониятҳои баробари занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2001-2010", "Тарбия, интихоб ва ҷобаҷо намудани кадрҳои роҳбарии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007-2016" ва чандин санади дигарро номбар кардан бамаврид аст, ки барои озодона кору фаъолият намудани занон дар корҳои давлатӣ қабул гардидаанд.



занон тавонистанд дар дилхоҳ соҳа кору фаъолияти самарабахш намоянд.Имрӯз зани тоҷик дар баробари модару ҳамсари хуб будан, инчунин, роҳбар, муҳандис, ронанда, корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аст ва ҳатто дар қӯшунҳои сарҳадӣ низ фаъолият намуда, саҳми худро дар пешрафти ватану осоиштагии миллат мегузорад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати хеш ба масъалаи занон афзалият медиҳад ва ба ин масъала ҳамеша таваҷҷуҳ зоҳир менамояд.

Таҳлили фаъолияти пурсамари занон дар сиёсати имрӯза нишон медиҳад, ки дар ҳақиқат, занон дар идоракунии давлатӣ нақши хосае доранд. Маҳз бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидани як қатор санаду меъёрҳои дахлдор нисбат ба мақоми зан дар ҷомеа ва таҳсилу фаъолият дар идоракунии давлатӣ имконият фароҳам овард, то зани тоҷик дар баробари он ки ҳамчун тарбиятгар дар оила рисолати модарро ба ҷо оварад, инчунин, сарбаландона аз уҳдаи роҳбарӣ низ барояд. Баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа яке аз нишонаҳои кишвари тараққиёфта ба шумор меравад.

Аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муҳайё намудани шароити мусоид баҳри фаъолияти занон дар сиёсат корҳои зиёд анҷом дода шудааст.

Аз ҷумла, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба омодагии кадрҳои роҳбарикунанда диққати ҷиддӣ медиҳад. Ин аст, ки 31 декабри соли 2008 "Консепсияи давлатии сиёсати кадрии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба тасвиб расид. Баъди қабул шудани қонуну қарорҳои дахлдор манзалату мақоми зан рӯз то рӯз баландтар гардида истодааст. Баланд гардидани мақоми зан дар ҷомеа барои пешрафти сиёсат нақши муҳим гузошт. Дар саҳифаҳои таърих симои зани тоҷик ҳамчун фарҳангпарвару сиёсатмадор ва илмдӯсту хирадманд ва ҳунарманду кордон тасвир ёфтааст.

Заминаи бофарҳангу ватанпарвар будани зани тоҷик буд, ки имрӯз зани тоҷик олиму омӯзгор, ҳунарманд, соҳибкор, варзишгару рӯзноманигор буда, қариб, ки дар ҳама соҳаҳои калидӣ иштироки фаъолона дорад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар Тоҷикистон ҷалби занону духтарон ба корҳои давлатию ҷамъиятӣ нисбат ба дигар ҷумҳуриҳои собиқи Шӯравӣ бештар аст. Умуман, барои ояндаи дурахшони оилаву тарбияи насли наврас ва барои ободии ҷомеа зани тоҷик нақши барҷаста дорад.

*Хайём РАҶАБОВ,*
*курсанти курси 2-юми факултети №2, Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон*

## Олиҳаи зиндагии мо

**8 март санаи фархунда - рӯзи офарандагони нуру зебоӣ ва покизагӣ, олиҳаи зиндагии тарбиятгарони насли башар, яъне Рӯзи модар мебошад.**

*Эзид ба тоқи хонаи ҳастӣ*
*навиштааст:*
*Модар фаришта нест,*
*баланд аз фаришта аст.*

Дарвоқеъ, модар дар тамаддуни башарият ва сарнавишти ҳар як қавму миллат ҷойгоҳи хосса ва мақому манзалати бузурге дорад. Дили пурмеҳру пок, иродаи устувору ба ҳама шебу фарози рӯзгор тобовараш ба ягон офаридаи дигар насиб нагашта.

Дар оғози фасли баҳор таҷлил намудани ин санаи фаррухпай, яъне Рӯзи модар, пеш аз ҳама, нишон аз сарсабзии зиндагонӣ ва бахту иқболи баланди инсонӣ мебошад. Ин иди тамоми занону модарон ва хоҳарони азизу меҳрубони мост.

*Агар зан намебуд, олам*
*намебуд,*
*Нишоне зи авлоди одам*
*намебуд.*

Модар бо меҳри саршор баланд бардоштани мақому манзалати хонадонро шараф ва номуси хеш мешуморад ва бо самимият, лутфу муҳаббат ва садоқату шарофати худ номашро пос медорад. Бо дастони пурмеҳри худ навниҳолони соҳибмаърифат ва фарҳангдӯсту адабпарвари боғи миллат, яъне созандагониояндаи неки давлат ва ҷомеаро ба камол мерасонад. Бинобар ин, зан – модар бузург аст, аз офтоб ҳам бузургтар аст, зеро тифл ба дунё оварда, миллатро бузург месозад.

Пайғамбарон ва шахсиятҳои бузурги олам, шоҳону вазирон, ҳокимону амирон, сипаҳсолорону донишмандон, адибону ҳунармандон, ки инсоният ба номи онҳо ифтихор дорад, зодаву парвардаи зан - модар мебошанд.

Аҷдоди пуршарафи тоҷикон - мардони ориёӣ ҳанӯз се ҳазор сол пеш барои ба ҷо овардани эҳтироми занону модарони худ ҷашни хосае доштаанд.

Ба андешаи донишманди бузург Абурайҳони Берунӣ, иди занон дар сарзамини аҷдодони мо дар моҳи сеюми зимистон, ки онро исфанд мегуфтанд ва ин моҳ имрӯз низ дар тақвими баъзе халқҳои ориёӣ вуҷуд дошта, ба охири моҳи феврал ва аввали моҳи март мутобиқат дорад, ҷашн гирифта мешуд.

Агар ба таърихи тоҷикон назар афканем, ҳанӯз дар давраи Сомониён, аз замоне ки тоҷик ҳамчун халқ муттаҳид шуд ва соҳиби давлати миллӣ гардид, то ба имрӯз занони оқилаву фарзона дар равандди таърихи пурҷалоли миллиамон гаҳвораи миллатро соҳибӣ кардаанд.

Таърих номи олиҳаи зебоӣ ва ҷасорат Гурдофариди сафшикан, номи занҳои мубориз ватанпарвар Томирис, Рухшона, Маликаи Бухорхудо ва даҳҳо модарону хаҳарони моро ёд дорад, ки барои истиқлолу озодии мардум ва сарзамини худ бо аҷнабиён мубориза бурдаанд.

Мегӯянд, ки агар аз сатҳи зиндагонии миллате воқиф шудан хоҳӣ, ба чеҳраи занону модарони он бингар. Аз ин бармеояд, ки зан – модар чеҳраи воқеии ин ё он миллат ва давлат аст.





Мо дар чеҳраи занону модарон тоҷик сифатҳои роҳбарию инсонӣ, дурандешию хирадмандӣ, фидокорӣ бар манфиати халқу Ватан, ғамхорию меҳрубонӣ ва хайрхоҳию накуномиро мебинем, ки таҷассуми олии худро ёфтаанд.

*Ду мавҷуди ҳастӣ*
*гиромитар аст,*
*Яке меҳану дигаре модар*
*аст.*

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолии кишвар нақши модарону занонро дар таҳким ва рушди ҷомеа, бунёди оилаи хушбахт, таълиму тарбияи фарзандон ва афзоиши эътибори хонадон ниҳоят муҳим арзёбӣ намуда, ба хотири ҳифзи манфиатҳои ҳуқуқии онҳо беш аз 20 ҳуҷҷати муҳими давлатиро имзо намудаанд, ки ҳамаи ин санадҳо барои фаъолияти минбаъдаи занону бонувон заминаи боз ҳам мусоид фароҳам оварданд.

Ҳамин аст, ки имрӯзҳо дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа беш аз як миллион занону духтарон фаъолият менамоянд. Аз рӯи маълумотҳои оморӣ, занон 49,3 фоизи аҳолии кишварро ташкил медиҳанд. Аз ин ҳисоб 68 фоизи кормандони соҳаи тандурустӣ, беш аз 73 фоизи кормандони соҳаи маориф, 27 фоизи кормандони илм ва зиёда аз 23 фоизи кормандони кишоварзиро занон ташкил медиҳанд.

Илова бар ин, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз дастгириву таваҷҷуҳи давлату Ҳукумати Тоҷикистон нисбат ба занону ҷавондухтарон ёдовар шуда, зарур шуморидаанд, ки бо мақсади амалӣ намудани ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҷиҳати то 30 фоиз боло бурдани маоши хизматчиёни давлатӣ ва то 25 фоиз расонидани музди кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону бонувони лаёқатманд, «Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону бонувони болаёқат барои солҳои 2023–2030» таҳия карда шавад.

Ин иқдомҳо ба баланд бардоштани мақому манзалати зан дар ҷомеаи демократӣ, омода сохтани барномаҳои муштараки ҳифзи сиҳатии модару кӯдак, танзими оила, инкишофи ҳамаҷонибаи соҳаи маориф ва сатҳу сифати саводнокӣ ва бартараф намудани бекорӣ дар байни занон мусоидат менамоянд.

Мо, мардон, бузургдошти занону модаронро қарзи инсонии худ мешуморем. Зеро зиндагии осоишта, пирӯзиву комёбиҳои мо аз дуои неки модарон, ранҷу заҳмат, шири сафеди ҷонбахш ва дилсӯзиву ғамхории онҳо сарчашма мегирад.

*Суруш ШАРИФЗОДА,*
*донишҷӯи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

**Фестивали ҷумҳуриявии «Ҳафтаи китоби кӯдакону наврасони Тоҷикистон» моҳи апрел доир мегардад.**

# Дар дилу дар дида ҷо модар бувад.

РИСОЛАТИ ВОЛО

# Муҳаққиқи муаммоҳои тағйирёбии иқлим

***Мо, як гурӯҳ олимони Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ, мехоҳем оид ба моҳият ва муҳимияти тадқиқотҳои яке аз олимаҳои шинохта ва варзидаи тоҷик, собиқ ҷумҳуриҳои Шӯравӣ ва берун аз он Муҳиба Ёқубова, академики АМИТ, доктори илмҳои биология, профессор, собиқ ноиби Президенти АМИТ, мудири кафедраи биохимияи ДМТ, ки айни замон вазифаи мушовири директори Маркази инноватсионии биологӣ ва тиббии АМИТ-ро ба уҳда доранд, ибрози андеша намоем.***

М. Ёқубова мувофиқи тадқиқоти рӯзноманигори шинохтаи тоҷик Манижа Қурбонова, дар қатори 11 нафар тоҷикзани аввалин оид ба комёбиҳо ва дастовардҳои илмии хеш қарор доранд.

Силсилаи корҳои илмӣ-тадқиқотии устод таҳти мавзуи “Механизмҳои адаптатсионии фаъолияти системаҳои биологӣ”, ки аз се китоб - “Белки теплового шока в клетках спирулины”, Душанбе: Дониш, 2003; “Н+-АТФаза хлоропластов хлопчатника и арабидопсиса”, Душанбе: Дониш, 2005; “Фотосинтез и ассимиляция азота у хлопчатника”, Душанбе: Дониш, 2015; Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии “Ҷанбаҳои адаптатсионии фаъолияти системаҳои зинда”, Душанбе: Дониш, 2007 ва мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ва КОА-и Федератсияи Россия чопшуда иборат мебошад, гирд оварда шудаанд.

Дар онҳо натиҷаҳои бисёрсолаи тадқиқоти илмии муаллиф оид ба ҷамъбаст намудани маълумотҳои ба низом даровардашудаи фаъолияти дастгоҳи фотосинтетикӣ ва асос барои истифодабарии онҳо ҳангоми интихоб ва ба даст овардани намудҳои сермаҳсули растаниҳо гирд оварда шудаанд.

Кушодани хусусиятҳои системаҳои умумибиологӣ, донистани сабабҳои гуногунӣ ва алоқамандии байни сохту шароити муҳити зист омилҳои асосии донистани механизмҳои мутобиқшавӣ ба шумор меравад. Дар китобҳои академик М. Ёқубова «Сафедаҳои дар зери таъсири ҳарорати баланд ҳосилшуда» таҳқиқ карда шудааст, ки онҳо ба мутобиқшавии организмҳо дар зери таъсири тағйирёбии иқлим мусоидат мекунанд ва барои омӯхтани механизмҳои тобоварӣ нисбат ба таъсири ҳарорати баланд кумак мерасонад.

Натиҷаҳои тадқиқотҳои дар монографияи М. Ёқубова “Белки теплового шока в клетках спирулины” ҷамъбастшуда тасвири маъмулии синтези сафедаҳоро дар ҳуҷайраҳои спирулина нишон медиҳад, ки ба ҳайси дастгоҳи прокариотии транслятсионӣ пазируфта шудааст ва ба таъсири омилҳои номусоид, аз ҷумла, таъсири садамавии ҳароратӣ ҳассосияти баланд зоҳир менамоянд. Ошкор карда шудааст, ки мавҷудияти сафедаҳои садамавӣ дар бозсозиҳои адаптатсионии ҳуҷайраҳои спирулина ба таъсири омилҳои номусоиди муҳит нақши калидӣ доранд. Натиҷаҳои муҳиме, ки дар тадқиқотҳо ба обсабзи спирулина ба даст оварда шудааст, аз он шаҳодат медиҳанд, ки онҳо дар организмҳои фотосинтезкунанда сафедаҳои стрессӣ ба ҳисоб мераванд. Сафедаҳои мазкур дар зери таъсири аз ҳадди меъёрӣ беруни омилҳои гуногуни экологӣ (абиотӣ, биотӣ ва антропогенӣ) фаъол мешаванд. Ба ин қабил сафедаҳо - сафедаҳои аз таъсири ҳарорати баланд (СТҲБ) пайдошуда мансуб аст, ки дар раванди рушди мутобиқшавӣ дар зери таъсири ҳарорати баланд ба тоқатпазирӣ мусоидат мекунанд. Дар ин монография бори аввал нишон дода шудааст, ки синтези сафедаҳои СТҲБ аз таъсири ҳарорати баланд дар ҳуҷайраҳои спирулина хосилшуда вазифаҳои муҳофизатиро иҷро менамоянд. Натиҷаҳои дастовардҳои илмӣ монографияи мазкур консепсияро оид ба андоза ва меъёри реаксияи адаптатсия тасдиқ менамоянд.

Монографияи дигари устод “Н+-АТФаза хлоропластов хлопчатника и арабидопсиса” бошад, ки ба ошкор намудани хусусиятҳои умумии организмҳои зинда, сабабҳои гуногунии



онҳо ва мутобиқшавӣ ба таъсири омилҳои стрессӣ дар сатҳи таҳқиқи сохтори молекулавии онҳо бахшида шудааст. Дар монографияи мазкур қонуниятҳои муҳим муҳокима гардидаанд, ки мувофиқи онҳо фаъолнокии баланди ферментҳо дар растаниҳо ба хусусиятҳои сохтори мембранаи дастгоҳи фотосинтетикӣ, бахусус, бо тағйироти миқдории таркибии пайвастаҳои паполипептидҳои асосӣ, ҳамчунин, сафедаҳои маҷмаавии равшаниҷамъкунанда вобастагӣ доранд.

Дар китоби устод “Фотосинтез и ассимиляция азота у хлопчатника” бори нахуст ҷанбаҳои физиологию биохимиявӣ ва биофизикии ҳамоҳангии метоболизми ду унсури узвӣ: карбон ва нитроген дар рафти анаболитикии коркарду захирасозии энергия ва модда, ҳамчунин, равандҳои катоболитикии табдилёбӣ ва истифодаи неруи фотосинтетикӣ мавриди таҳлил ва муҳокима қарор дода шудааст. Бори аввал консепсия оид ба мавқеи интегралии раванди сабзиш дар ҳамоҳангии барқароршавии карбон ва нитроген дар алоқамандӣ аз механизмҳои ба инкишофёбии пахта ҷавобгар, пешниҳод гардидааст ва тарҳи сохтории умумии ассимилятсияи нитроген мураттаб карда шудааст.

Омӯзиш ва фаҳмиши механизмҳои адаптатсияи системаҳои биологӣ дар як қатор мақолаҳои илмӣ ва дар маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии “Ҷанбаҳои адаптатсионии фаъолияти системаҳои зинда” дарҷ гардидаанд. Дар мақолаҳои пешниҳодшуда таъсири стрессҳои абиотӣ ва механизмҳои амиқи таҳаммулпазирии растаниҳо дар ҳамбастагӣ ба устувории онҳо мавриди омӯзиш ва муҳокима қарор дода шудааст, ки дорои аҳамияти назариявию амалӣ мебошанд. Истифодаи натиҷаҳои илмии ба дастовардашуда барои таъмини амнияти озуқаворӣ аҳолӣ ва интихоби навъҳои растаниҳои сермаҳсули ба шароити номусоиди экологӣ устувор мусоидат мекунанд.

Академики АМИТ, доктори илмҳои биологӣ, профессор, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абуали ибни Сино Муҳиба Ёқубоваро ба муносибати 85-умин рӯзи мавлудашон табрик ва муборакбод намуда, барои эшон ва аҳли оилаашон тани сиҳат, умри дароз ва комёбиҳои беназирро орзу менамоем.

***Б. ҶУМЪАЕВ, Қ. АЛИЕВ, А. АБДУЛЛОЕВ, Қ. ПАРТОЕВ, З. ДАВЛАТНАЗАРОВА,***
***кормандони Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ***

# Баҳори ҳафтодуми умр

Боиси ифтихор аст, ки имрӯзҳо дар муассисаҳои таълимии кишвар омӯзгорони соҳиблаёқату таҷрибаманд пайи кор буда, шогирдони зиёдеро ба донишандӯзӣ раҳнамоӣ мекунанду дар баробари ин, ба онҳо дарси зиндагӣ меомӯзанд. Омӯзгори соҳибтаҷриба Турсуной Ҳасанова аз қабили чунин омӯзгорон буда, умри бобаракати худро ба таълиму тарбияи шогирдон бахшидааст. Панҷоҳ сол мешавад, ки мавсуф бо муҳаббати хоса ба шогирдон дарс мегӯяд.



Турсуной Ҳасанова зодаи вилояти Сурхондарёи Ӯзбекистон мебошад. Дар овони кӯдакиаш ҳамроҳи волидайн ба шаҳри Душанбе кӯч бастанду ӯ таҳсилоти умумиро дар мактаби №10-и шаҳри Душанбе ба итмом мерасонад. Баъди хатми ДДОТ ба номи С. Айнӣ соли 1972 муаллима дар МТМУ №10-и ба номи Садриддин Айнии шаҳри Душанбе фаъолияташро оғоз бахшиду то имрӯз дар ҳамин муассиса кор мекунад. Солҳои 1996-2002 ва 2010-2014 дар вазифаи ҷонишини директор оид ба синфҳои ибтидоӣ пурмаҳсул фаъолият намуд. Хизмати шоиста, софдилона ва бенуқсони чандинсолаи муаллима дар соҳаи маориф буд, ки соли 1990 бо нишони “Аълочии маорифи Тоҷикистон” қадрдонӣ шуд. Тавре мегӯянд, агар касби худро дӯст надорӣ, ба ҷое нахоҳӣ расид ва низ коре, ки анҷом медиҳӣ, самаре нахоҳад дод. Муаллима Турсуной Ҳасанова шогирдонашро хеле дӯст медорад ва ифтихор дорад, ки ояндасозони ҷомеаро таълиму тарбия медиҳад.

Муаллимаи азизи мо ба синни муборaки ҳафтод мерасад. Мо, омӯзгорони муассиса, ба муаллима Турсуной Ҳасанова умри дарозу пурбаракат, тани сиҳату хушиҳои зиндагӣ ва дар фаъолияти меҳнатиаш барори кор орзумандем.

***Камолиддин КАРИМОВ,***
***омӯзгори МТМУ №10-и шаҳри Душанбе***

# Зиндагӣ ҷойи хамӯшӣ набувад

Бузургтарин офаридаи Худованд дар рӯи замин Зан-Модар аст. Ин чашмаи хушкнашавандаи ҳаёт танҳо фарзандро ба дунё меораду дар домани поки худ бо нозу ниёз ва заҳмати шабонарӯзӣ мепарварад, ба камол мерасонад ва ба зиндагии мустақил раҳнамун месозад.

Боре Шоири халқии Тоҷикистон, устод Ширин Бунёд дар яке аз суханрониҳояшон ба ифтихори иди модарон фармуданд:

«Модар аз азал устоди меҳрубону ғамхор аст, ҳамин ки касби бузурги омӯзгориро пеша кунад, бешак, хайру баракати модарию омӯзгориаш боз даҳчанду садчанд меафзояд ва дар ин самт шумораи фарзандонаш низ ба маротиб меафзояд».



Муаллима Савриноз Қурбонбекова ба ҳайси муаллимаи синфҳои ибтидоӣ расо 33 сол ба таълиму тарбияи насли наврас машғул аст. Савриноз таҳсилро дар Донишкадаи педагогӣ ба номи Т.Г.Шевченко (ҳоло ДДОТ ба номи С.Айнӣ)-и шаҳри Душанбе аз рӯйи ихтисоси муаллимаи синфҳои ибтидоӣ давом дод. Фаъолияти педагогиаш ҳамчун муаллимаи синфҳои ибтидоӣ аз мактаби миёнаи №8-и шаҳри Хоруғ оғоз шудааст. Солҳои 1963-1965 вазифаи котиби ташкилоти ибтидоии ҷавонони ҳамин мактабро ба уҳда дошт. Баъдтар фаъолияти омӯзгорияшро дар мактаби миёнаи №7 идома дода, бо меҳнати ҳалол, эҷодкорию ташаббускорӣ дар байни коллективи педагогӣ соҳиби обрӯ мегардад.

Рангину ибратомӯз аст корномаи омӯзгории Савриноз Қурбонбекова. Ӯ пас аз чанд соли фаъолияти пурсамар, соли 1971 ҳамчун омӯзгори пешқадам вакили Шӯрои вилоятии депутатҳои меҳнаткашони ВМКБ, даъвати сездаҳум интихоб гардид. Соли 1975 бо нишони “Аълочии маорифи халқи Тоҷикистон” ва баъдан ордени «Шараф», дараҷаи дуюм мукофотонида шудааст.

Дастпарварони муаллима имрӯзҳо дар тамоми гӯшаю канори ҷумҳурӣ ва берун аз он кору фаъолият доранд. Ифтихори муаллима аз он аст, ки аввалин маротиба дар мактаби №7 шогирдаш Матлуба Мамадкаримова барои хониши аъло ва рафтори намунавӣ соҳиби медали тилло гардид. Дар зиндагӣ кам касоне ёфт мешаванд, ки аз корномаи хеш қаноатманд бошанд. Аммо қаҳрамони мо аз кори хеш на танҳо қаноатманд, балки ифтихорманд низ ҳастанд.

Ин зани накукору шарафманд бетарафию беамалиро ҳаргиз намеписандад ва ҳамоно содиқ ба шиори зиндагиаш аст, ки беш аз 58 сол қабл аз ин дар оғози фаъолияти омӯзгориаш пазируфта буд:

*Зиндагӣ ҷойи хамӯшӣ набувад,*
*Дил, биё, ҷӯш зан, мубориз бош!*

***Нуқра НУРМАМАДОВА,***
***омӯзгори МТМУ №7, ноҳияи Шуғнон***

Дар ноҳияи Айнӣ таҳти унвони «Ҷавонон – пайрави Пешвои миллат» ҳамоиши гирандагони стипендияи Президентӣ доир шуд.

Зан – модар муҷассамаи гӯёи зиндагӣ ва ширинтарин лафз дар забони одамӣ мебошад. Эмомалӣ Раҳмон



ТАЪЛИМИ БОСАЛОҲИЯТ

# Омӯзиш танаффус надорад

Инсон фаъолтарин ва бошуууртарин мавчуди табиат буда, бино ба таъкиди таҳлилгарон, нутқ, сухан, мулоҳизаву муҳокима ва рафтору кирдори оқилонааш ӯро ба ҳокими сайёра табдил додааст. Маҳбубтарин ва тавонмандтарин инсон онест, ки хираду дониши комил дорад ва ба ҳамагон хайрхоҳиву мададгорӣ мекунад. Ин сифатҳо ба шарофати омӯзиши пайваставу бардавом, мунтазам такмил додани хислатҳои ҳамидааш бар ҳар фард муяссар мешавад. Омӯзиш ҳамешагӣ ба кулли инсонҳо, қатъи назар аз машғулияту пешаашон, хос аст. Дар ин миён, албатта, омӯзгорон ба мунтазам омӯхтану такмил бахшидани донишу маърифаташон бештар бояд таваҷҷӯҳманд бошанд, зеро онҳо хирадомӯзу донишгустар, раҳнамои ҷомеа, парчамафрози тамаддуни башаранд. Омӯзгор набояд лаҳзае аз такмили маънавии худ фориғ бимонад. На танҳо шогирдон, балки кулли волидон, наздикону пайвандон, аҳли деҳу маҳал бахри уқдакушоии ҳар мушкилие рӯи ниёз ба омӯзгорон меоваранд, ба омӯзгорон эътиқодманданд, ба ҳарфу ҳидояташон бовар мекунанд, қазовати онҳоро ба ҳукми қонун мепазиранд. Ин барои ҳар омӯзгор ҳам шарафу



ифтихор асту ҳам масъулияти ҷиддӣ. Аз ин рӯ, омӯзгор бояд ҳам барои иҷрои рисолати хеш ва вусъатбахшии маънавияту донишаш, ҳам барои ҳифзи обрӯю мақому эътибораш ва ҳам бо ҳадафи пойдории ҳурмату эҳтиромаш дар назди мардум бояд мунтазам мутолиа кунаду такмили ихтисос намояд, ба худомӯзиаш вақти кофӣ ҷудо созад.

Дар Ҷумҳурӣ мувофиқи нақшаи махсуси муассисаҳои таълимӣ, ки бо шуъбаю раёсатҳои маориф мувофиқа карда шудаанд, бо низоми муайян омӯзгорон дар курсҳои такмили ихтисос таҳсил мекунанд, ки ин тадбири хеле муҳиму пурсамар аст. Илова бар ин, ҳар як омӯзгор бояд ба худомӯзӣ диққати ҷиддӣ диҳад ва барои ин, пеш аз ҳама, ӯро лозим аст, ки нақшаи худомӯзӣ дошта бошаду нишондодҳои онро қотеъона риоя намояд. Маълум, ки ҳеҷ фанне шахшудаю қолабӣ нест, балки пайваста такмил меёбад, дар доираи он кашфиёту навгониҳо ба вуҷуд меоянд, ҳадисаҳо ба вуқӯъ мепайванданд. Қимате аз ин навгониҳо ба ин ё он фан тағйироти ҷиддӣ ворид месозанд. Омӯзгор вобаста ба фанни худ бояд аз ин рухдодҳои илмӣ саривақт огоҳӣ пайдо кунад ва дар машғулиятҳояш онҳоро дар назар дошта бошад. Як омили ҳамқадами замон будани омӯзгор низ дар ҳамин зоҳир мегардад.

Ҳамчунин, омӯзгор он гоҳ омӯзгори ҳақиқӣ ва соҳибэҳтироми мардум буда метавонад, ки аз навгониҳои сиёсии замон, аз падидаҳои тозаи фарҳангу адабиёт ва аз моҳияти рухдодҳои ҷомеа ба хубӣ огаҳӣ дошта бошад. Вобаста ба ин ҳама, бунёди худомӯзии омӯзгор ба омилҳои зерин иртибот дорад:

1.Муназзамию мунтазамии худомӯзӣ ва мувофиқати он бо вазъи кори омӯзгор.

2.Зарур, замонавӣ ва пураҳамият будани масоили мавриди омӯзиш.

3.Ҳамбастагии омӯзиши омӯзгор бо муҳтавои фанни таълимӣ ва бо рӯҳияи замон.

Бояд таъкид кард, ки дар худомӯзии омӯзгор рӯзномаю маҷаллаҳои соҳавӣ, радиову телевизион ва самти иҷтимоии омӯзиш, дастуру китобҳои дахлдор нақши муҳим мебозанд. Омӯзгор ҷараёни худомӯзиашро дар дафтари махсус барои худомӯзӣ пайваста зикр мекунад. Худомӯзӣ маҳорату истеъдоди омӯзгорро низ такмил мебахшад ва обрӯяфзои ӯ мешавад. Албатта, худомӯзӣ азму ирода, шавқу завқи махсус, вақти илова ва кӯшишу заҳмат металабад, аммо соҳиби дониши васеъ, замонавӣ ва мукаммал будан шарафест, ки баҳри он метавон аз ҳама чиз гузашт кард. Бузургонамон фармудаанд:

*Ба ранҷ андар орӣ танатро, равост,*
*Ки худ ранҷ бурдан ба дониш сазост.*

**Насиба МАЛЛАЕВА,**
*омӯзгори синфҳои ибтидоии мактаби №70-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ*

ТАҶРИБА

# Истифода аз усулҳои самарабахш

Барои самараи хуб ба даст овардан ва баланд бардоштани сифати таълим дар рафти дарс ҳамаи хонандагонро ҷалб намудан зарур аст, зеро сифати дониши хонандагон аз рӯи баҳои умумӣ хулоса карда мешавад. Хусусан, хонандагоне бояд бештар ҷалб карда шаванд, ки лаёқати суст доранд. Зеро дар бисёр мавриди хонандагони болаёқат дар дарсҳо фаъолона иштирок менамоянду дигарон мисли тамошобин. Барои бартараф намудани ин масъала ва ҷалби дигар хонандагон ба дарс моро зарур меояд, ки дар рафти дарс ва иҷрои машқҳо ба қадри имкон машқҳои осонфаҳм, мувофиқ ба қобилияти худи хонандагонро интихоб намоем. Вазифаи хонагӣ низ бояд мувофиқи қобилияти хонандагон бошад, то аз уҳдаи иҷрои он мустақилона бароянд.

Шояд гӯед, ки агар тамоми тӯли дарс ба қобилияти хонанда мувофиқ карда шавад, барномаи таълимӣ ҳазм намешавад. Албатта, ҳазми барномаи таълимӣ зарурист, аммо аз ҳеҷ чиз як чиз омӯзад, хуб нест магар?

Барои ҷалби ҳамаи хонандагон ва гузаштани дарси озод, ки хоҳиш нишастани талабагон зарур набуда, балки фаъолона ва бо завқ иштирок кардани онҳо дар мадди аввал меистад, якчанд роҳи самарабахш пешниҳод карда мешавад:

1. **Иҷрои кори синфӣ.** Тарзи иҷрои машқи додашуда фаҳмонида шуда, дар тахтаи синф 3 нафар хонандаи сустхон, омӯзгор бо 2 ё 3 нафари дигар (мувофиқ ба шумораи хонандагон) дар алоҳидагӣ ва хонандагоне, ки мустақилона аз уҳдаи иҷрои вазифаи додашуда мебароянд, бо якчанд хонандаи дигар дар якҷоягӣ фаъолият намоянд. Баъди ба итмом расонидан таҳлил дар якҷоягӣ ба роҳ монда шавад. Бо ин васила, ҳамаи хонандагон ба дарс ҷалб гардида, инчунин, вақт низ самаранок истифода бурда мешавад. Ҳангоми таҳлил аз хатоҳои худ бохабар шуда, мавзуи дарсӣ пурра карда мешавад.

2. **Луғатомӯзӣ.** 2 нафар дар тахтаи синф луғатҳоро менависанд. Як нафар луғатҳои дар тахтаи синф навиштаашударо (мисол, қисми забони русӣ) якяк мехонад, ҳамзамон, мувофиқ ба луғатҳои додашуда дигар хонандагон аёниятхо (расмҳои баёнкунандаи луғат)-ро баланд мебардоранд, то ба дигарон намоён бошад ва як нафари дигар расмҳои нишондодашударо бо забони тоҷикӣ номбар мекунад. Ҳама дар якҷоягӣ дар дафтарҳои худ луғатҳоро менависанд ва навиштаҳои тахтаи синф пок карда мешавад. Баъдан, бо нишон додани аксҳо калимаҳо аз тарафи хонандагон номбар мешаванд. Бо ин роҳ ҳамаи хонандагон бо дарс фаъолона иштирок менамоянд, масъулият ҳис мекунанд ва завқманд мегарданд. Истифода аз аёният ва роҳҳои гуногун азхудкунӣ ва дар хотир нигоҳ доштани калимаҳоро осон мегардонад. Вақт низ самаранок истифода бурда мешавад.

3. **Вазифаи хонагӣ.** Дар баъзе китобҳои дарсӣ вазифаи хонагӣ аз тарафи муаллиф пешбинӣ гардидааст, вале ин барои на ҳамаи хонандагон мувофиқ мебошад. Дар ин ҳолат вазифаи додашуда ба хонандагони аълохон супорида шуда, ба дигар хонандагон бояд вазифаи хонагӣ монанд ба машқҳои дар дарс истифодашуда супорида шавад, то хонанда ҳангоми иҷрои он раҳнамо дошта бошанд. Инчунин, ғайр аз вазифаи асосӣ, бояд бо луғатҳо ҷумла тартиб дода шавад. Ҳангоми пурсиши вазифаи хонагӣ хонандагони аълохон бояд дар тахтаи синф иҷрои онро нависанд ва фаҳмонанд, то ин равиш барои дигар хонандагон такрори мавзуъ гардад. Вазифаҳои иловашуда бояд хаттӣ аз тарафи худи омӯзгор дар алоҳидагӣ санҷида шуда, шифоҳӣ аз тарафи хонандагон хонда шаванд. Чунин тартиб барои мукаммал сохтани нутқи шифоҳии хонандагон самарабахш аст.

***Шаҳло СОДИҚЗОДА,***
***омӯзгори МТМУ №13-и шаҳри Ҳисор***

ТАРБИЯ

# Одоби ҳамида ва гуманизм

Омӯзгорӣ касби пуршараф аст ва иззату шарофати он дар тарбияи шогирдони соҳибмаърифату хештаншинос ва хушахлоқу ботамкин зоҳир мегардад. Дар шароити кунунӣ, ки ба он бархӯрди бесобиқаи тамаддунҳо ва раванди босуръати ҷаҳонишавӣ хос аст, тарбия намудани шогирдони дорои сифатҳои закигрардида аз мактаб ва омӯзгор масъулияти баландро тақозо мекунад. Барои тарбияи дурусти хонандагон бояд, пеш аз ҳама, худи омӯзгор тарбиятдида, ботамкин ва масъулиятшиносу дурандеш бошад.

Этикаи педагогӣ бо равоншиносӣ робитаи ногусастанӣ дорад, зеро бидуни равоншиносӣ омӯхтани хислату шахсияти дастпарварон имконнопазир аст. Албатта, меъёри ахлоқи омӯзгор ва зуҳуроти он қолабӣ нест. Мавриди муомила онҳо ба мавқеъ, шароит ва хусусиятҳои равонии ҳар фард бо ақлу хирад муайян карда мешаванд.

Муаллим ҳамон вақт ноил ба комёбиҳо ва сазовори обрӯи баланд мегардад, ки нисбат ба меъёри ахлоқ ва зуҳуроти он эҳдкорона амал кунад.

Истилоҳи «ахлоқ» аз арабӣ гирифта шуда, маънои ҷамъи хулқ, хӯ, рафтору кирдор, сиратро ифода мекунад. Ахлоқ яке аз шаклҳои шуури ҷамъиятӣ, маҷмӯи меъёр ва қоидаҳои асосии муносибати байни ҳамдигарӣ, оилавӣ ва ҷамъиятии одамон аст.

Ахлоқ ва қонунҳои инкишофи онро этика (юн. ethica, аз etos - хулқшиносӣ), меомӯзад. Ахлоқ аз давраи ҷамъияти ибтидоӣ сарчашма гирифтааст, ки он замонҳо баҳри муборизаи алайҳи офатҳои табиӣ ҳамчун зарурат ба миён меояд, зеро бидуни ҳамкорӣ ва ёрии ҳамдигарӣ одамон зиндагӣ карда наметавонистанд. Бинобар ин ахлоқ барои ба тартиб овардани муносибатҳои байни одамон ҳамчун омили муҳим хизмат кардааст.

Ахлоқ таърихан баробари тараққиёти ҷамъият тағйир меёбад. Бинобар ин, дар ҳар давру замон, махсусан, дар сохтори ғуломдорӣ, феодалӣ ва капиталистӣ, ахлоқи ягонаи халқҳо вуҷуд надошт: табақаи болонишин ахлоқи ҳукмравоӣ ва табақаи поён ахлоқи фармонбардорӣ доштанд, бахусус, ахлоқ хусусияти синфӣ гирифта буд. Аз ин лиҳоз, ахлоқ категорияи доимии тағйирёбанда буда, он мурури замон таҷдид ва бо эътибори афкори ҷомеа дастгирӣ меёбад.

Танҳо сохти демократӣ доштани ҷомеа тафовути байни ахлоқи нобаробарии синфиро аз байн бардошта, ҳуқуқи баробарию бародарии одамонро таъмин карда метавонад, чунки он комилан гуманистӣ аст.

Гуманизм (аз лот. humanus – одамият, инсонгарӣ) принсипи ахлоқӣ буда, одамро ба дараҷаи баланд қадр мекунад. Гуманизм инсонпарварӣ ҳуқуқи одамон, қадру қиммати онон, озодӣ, инкишофи ҳамаҷонибаи шахсиятро ҳимоя мекунад. Дар гуманизми шахсият, пеш аз ҳама, сухан дар бораи эҳтироми одам ҳамчун шахсияти ҳассос, мушфиқ, хайрхоҳ, орзукунандаи зиндагӣ натанҳо барои худ, инчунин, барои дигарон ҳам, пайвастани орзуҳои худ бо орзуву умедҳои умум меравад.

Ташаккули ахлоқ ё тарбияи маънавии шахсият на фақат ба донистани меъёр, қоида ва принсипҳои ахлоқ, инчунин, ба ҳатман риоя кардани онҳо вобаста аст. Амалӣ гардидани ин вазифаҳо, пеш аз ҳама, бар дӯши мактабу муаллимон аст. Мактаб метавонад ба дастпарварони худ меъёри ахлоқ, қоида ва талабот ба рафтори шахсиятро дуруст баррасӣ намояд. Меъёр ҳамчун ифодаи муносибатҳои муайян, амри ахлоқии ҷамъият ба рафтору хислатҳои шахсият дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ ва шахсӣ, инчунин, дар алоқа ба ҳамкорӣ бо одамон мебошад. Мувофиқи қоидаи ахлоқ, ҳар як шахс дар ҷомеа бояд софдилона муносибат кунад, одамони меҳнатиро эҳтиром намояд, ба моликияти хусусӣ ва умумихалқӣ ва табиат сарфакорона рафтор кунад, ба давлату халқи худ содиқ бошад, ҳамкоронро дӯст дорад, бовиҷдон, ростқавл, хоксор бошад, шарафу шуҳрати дигаронро дасгирӣ намояд…

Агар мо, омӯзгорон, тавонем, ки дар шароити мураккаби муосир шогирдони хушахлоқу босаводро тарбият намоем, пас, кору фаъолияти мо шоёни таҳсину офарин аст.

***Матлабҷон БОБОЕВ,***
***омӯзгори МДТ литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе***

ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР

# Аҳамияти бозӣ дар таълим

***Бозӣ як ҷузъи муҳими ҳаёти кӯдакону наврасон ба ҳисоб рафта, барои рушди ҷисмонӣ ва маърифатии онҳо мусоидат карда метавонад. Агар фарзанд ё тарбиятгирандаи хурдсол аз ҷиҳати ҷисмонӣ ё равонӣ ба таваҷҷуҳи махсус ниёз дошта бошад ҳам, бозии дуруст интихобшуда бо риояи талаботи физиологию реҷаи муайяни иҷро ба ӯ таъсири мусбат мерасонад.***

**БОЗӢ – УСУЛИ ОМӮЗИШИ ҲАЁТ**

Дар муҳите, ки ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон таъмин аст, ҳаёти ҳеҷ кӯдак бидуни бозӣ намегузарад. Тамоми хурдсолон, бо шумули кӯдакони дорои маъюбият шуғлу дилхушии ба худ хос доранд.

“Ман дар хурдсолӣ кам бозӣ мекардам. Бештар дар як ҷо танҳо менишастам, - мегӯяд бону Азизаи Нур (ному насаби мустаор), сокини шаҳри Левакант. Ҳангоми мактабхонӣ азоб кашидам. Яъне, аз муаллимону ҳамсинфон шарм ва андак ҳарос доштам. Аз ҳама душвор ин буд, ки барои озод сухан гуфтан ҷуръат пайдо намекардам. Аз дарсҳо, аз бозиҳо худро канор мегирифтам. Ҷустию ҷолокӣ низ хоси ман набуд. Тоқатам то таҳсилоти ҳатмии асосиро гирифтан базӯр расид ва бе шомил шудан ба ягон муассисаи дигар ё омӯзишгоҳ тарки сабақомӯзӣ кардам. Ҳоло аз он душвориҳои гузашта сахт дар шигифтам”.

Равоншинос Виктория Мелихова падару модарон ва атрофиёни кӯдаконро сабабгори чунин ҳолатҳои ногувор медонад, зеро муҳимияти бозиҳои бачагонаро дуруст дарк накарда, амалҳои онҳоро саргармии беҳуда ё шӯхии ноҷо меҳисобанд. “Лаҳзае бе назораташ мондӣ, дарров ба як кори беҳуда даст мезанад”, - мегӯянд чунин волидон ё дигар парасторони кӯдакон.

Аммо кӯдакон танҳо бо ёрии бозичаҳо талаботи худро қонеъ мегардонанд. Дар натиҷаи ҳаракатҳои ғайриихтиёрӣ организми онҳо рушду нумуъ меёбад. Яъне, ҳангоми бозӣ ҳолатҳои рӯҳӣ: эҳсос, идрок, тафаккур, хаёл, хотира, ирода ва ғайра инкишоф меёбад.

Равоншинос-педагог, мудири кафедраи психологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Сафар Раҳимов мегӯяд, ки кӯдак ҳар як ашёро ба зери таҳқиқ гирифта, гоҳҳо саргузаштҳои тахайюлӣ бофта, дар ҷараёни бозӣ маҳз чӣ гуна зистанро тамрин мекунад.

-Ӯ нақши милитсионер, ҷанговар, рӯзноманигор, таксист ё самбӯсапаз, модар ё падар, омӯзгор ё духтуру дигарро меофараду мебозад. Яъне, сухану рафтори онҳоро тақлид мекунад, гӯё ҳаёти калонсолонро як-як санҷида мебинад. Ҳар як асбоберо, ки ба дасташ мерасад,



месанҷад ва ба воситаи он ягон амалеро иҷро мекунад. Ӯ дар аввал ният надорад, ки ба касе ё ба ибораи дигар, ба соҳиби кадом касбе монанд шавад. Мақсади кӯдак донистану шинохтан ва ёд гирифтани кор бо он асбоб ё фаротар аз ин, он навъи меҳнат мебошад. Балки ӯ ба суоли “Ин асбоб барои чӣ зарур аст?” посухи равшан меҷӯяд. Падару модар, мураббӣ ва дигар нафари калонсол набояд монеи ин гуна бозиҳои ӯ шаванд, албатта, агар кӯдак аз ҳадди эътидол нагузашта бошад. Ӯ на фақат ба амалҳои падару модар ва дигар аҳли хонадон пайравӣ мекунад, балки ҳар он чизеро, ки аз муҳити атроф: одамон, ҳайвонот, телевизор, интернет ва ҳоказо мушоҳида ва дарк кардааст, дар вақти бозияш дар танҳоӣ ё ҳамроҳи кӯдакони дигар такрор ва тақлид мекунад. Ин ҳама аз ақлу заковати расои кӯдак дарак дода, боиси дар оянда ҳамчун шахсият ташаккул ёфтани ӯ мегардад. Барои мо – калонсолон фақат назорат кардану бо чанд калимаю ибораи дар назари аввал одӣ, назири “Офарин!”, “Ту метавонӣ!”, “Фахри мо ҳастӣ!” ва ҳоказо васф кардан мемонад, - афзуд мусоҳиби мо.

**ЯКЧАНД БОЗИИ НАВ**

Ҳоло барои кӯдакони синни томактабӣ ва мактабӣ бозиҳои шавқовари зиёд эҷод шуда истодаанд, ки дар ин замони ҳамгуншавии тамаддунҳо онҳоро моли тамоми башарият гуфтан хато нест. Намунаи чунин бозиҳоро Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон (UNICEF) дар омӯзномаи беш аз 100-саҳифаии “Олимпиадаи махсус: варзишгарони ҷавон” ҷой додааст, ки чанде аз онҳоро мурур хоҳем кард. Аммо сараввал барои падару модарон, парасторони кӯдакҳо, мураббиҳо ва дигар калонсолон чанд паёми зарурӣ дорем.

Дар мавриди нафъ аз ин бозиҳо: онҳо боиси зуҳури одатҳои хуб дар кӯдак мешаванд, малакаҳои зарурии ӯро инкишоф медиҳанд, таҳаммулгароиро меомӯзонанд. Зимнан, кӯдакони дорои имкониятҳои гуногун канори ҳам бозӣ мекунанд ва ин барои ноилшавӣ ба нишондодҳои беҳтарини шахсӣ ёрӣ мерасонад.

Дар боби чӣ гуна ва кай гузаронидани бозиҳо: ҷойи бехатар, бе монеа, дорои сарҳади муайяни мустаҳкамро интихоб кунед; ҳарорат ва рӯшноиро ба инобат гиред; якбора ду-се бозиро интихоб кунед; дар як ҳафта ҳадди ақал ду маротиба 20-30-дақиқаӣ бозӣ гузаронед.

Воқеан, баёни суханҳои таҳрикдиҳанда, тасаллобахш ва ҳавасмандсозандаро фаромӯш накунед.

**МАШҚИ НИШОНГИРӢ**

Расмҳои ҳайвонот, шаклҳои мухталиф, қаҳрамонҳои филмҳои тасвирӣ ва дигар ашёи дӯстдоштаро ба девор часпонед. Барои муайян шудани масофаҳо дар рӯйи фарш нишона гузоред. Пасон, аз варзишгари хурдсол хоҳиш кунед, ки дар болои нишонаҳо истода, тӯбҳои хурд ва мулоимро ба самти расмҳо партоянд. Ба чанд расм чанд маротиба бархӯрдани тӯбро шумо бояд бо майли том ҳисоб карда, сарфи назар аз натиҷаи бозӣ варзишгари хурдсолро ба такрори машғулияти мазкур ташвиқ кунед.

**МАН НАЗЗОРА МЕКУНАМ!**

Дилхоҳ ашёро (масалан, бозича ва китобҳо), ки шуморо иҳота кардааст, як-як ба гунаи кӯтоҳу фаҳмо номбар кунед. Ба фарзанд ё тарбиятгиранда имкон диҳед, ки онро ёфта, то наздаш роҳ рафта, давида ё гавак кашида, аз наздик нишон диҳад. Агар кӯдак рангҳо ё шаклҳоро фарқ карда тавонад, аз ӯ хоҳиш кунед, ки сифати он ашёро бо сухан тасвир кунад. Дар ин бозӣ як ва ё чанд нафар иштирок карда метавонад. “Ман наззора мекунам” дар заминаи талаботи таҳсилоти фарогир эҷод шуда, барои ривоҷ ёфтани малакаҳои бунёдии атфол мусоидат мекунад.

**НИШОНАҲОИ МУСИҚӢ**

Ҳалқаро дар рӯйи фарш гузошта, дар атрофи он якчанд нишона гузоред. Вақте ки варзишгари хурдсол ҳаракатҳои давидан, ҷаҳидан, ба қафо роҳ рафтан, рақсидан, тоб хӯрдан ва ҳоказоро иҷро карда, нишонаҳоро убур мекунад, мусиқиро навозед. Шарт ин аст, ки баробари манъ шудани мусиқӣ кӯдак бояд дар болои яке аз нишонаҳо шах шавад (рост ё нишаста, фарқ надорад). Баъд аз гирифта шудани як нишона (ин нишонаро варзишгари хурдсол метавонад ба кӯдаки дигаре, ки бозӣ накарда истодааст, пешкаш кунад, то ӯ ба даври дувуми бозӣ роҳ ёбад) боз мусиқӣ шунавонида мешавад. Ин машғулият то дами ба ҳалқаи марказӣ ворид шудани ҳамаи бозигарон давом мекунад.

**ҒЕЛ ДОДАН ВА НИГОҲ ДОШТАН**

Чорзону нишаста, тӯби нисбатан мулоимро ба тарафи варзишгари хурдсол ғел диҳед. Бигзор, ӯ бо даст ё бо дигар узви бадан манъ кардани тӯбро машқ кунад. Пас аз чанд лаҳзаи бозӣ шумо метавонед, ҷой ва вазифаҳоятонро иваз кунед. Барои боз ҳам шавқовар гузаштани бозӣ аз тӯбҳои гуногунандоза бо навбат истифода кардан маслиҳат аст. Варзишгари хурдсол метавонад, тӯбро росто, нишаста ё хобида манъ кунад.

**МУРАББИРО ПАЙРАВӢ КУНЕД!**

Мураббӣ ҳамроҳи варзишгарони хурдсол садои махсуси оғози бозӣ (қарсак, нидоҳои гуногун, садои зангӯла ва ғ.)-ро интихоб карда, сараввал худ рӯйи ангуштон ё соқи як пой меистад. Баъдан, пойҳоро иваз мекунад. Варзишгари хурдсол ин амалҳоро такрор мекунад. Ин машғулиятро метавон ба таври доимӣ дар ҳар мавриди қулай, масалан, зимни шустани дасту дандон иҷро кард.

**БАСКЕТБОЛИ БО ҲИСОБ**

Шумо сабад ё ҳалқаро дар даст доред ва варзишгарони хурдсол тӯбро. Рақамеро номбар кунед ва бигзор онҳо тӯбро байни ҳамдигар ҳамон қадар партоянд. Ба кӯдаке, ки дар поёни шумориши он рақам тӯб дар дасташ мемонад, имкон диҳед, ки онро ҷониби сабад ё ҳалқа ҳавола карда, хол гирад (як воридшавии тӯб – як хол).

**ҚАДАМҲОИ ВАЗНИН, ҚАДАМҲОИ САБУК**

Ба кӯдак гӯед, ки бо қомати рост қадамҳои вазнин гузошта, аз як гӯшаи майдончаи муайяншудаи бозӣ ба гӯшаи дигар давида равад. Баъдан бо қадамҳои сабуки ором, агар тавонад, сарсари ангуштон ба ҷойи аввалааш баргардад. Ба кӯдак иҷозат диҳед, ки дар вақти иҷрои ин бозӣ садои шодмонӣ берун кунад.

**ЭҶОДКОР МЕБОЯД БУД**

Бозиҳое, ки манзур шуданд, хусусияти ҳаракатию-фикрӣ дошта, барои дилхоҳ гурӯҳи кӯдакон аз манфиат холӣ нестанд. Падарону модарон, парасторони кӯдакон, мураббиҳо ва омӯзгорон метавонанд, ки мувофиқ ба имконияту шароити мавҷуда намудҳои дигари бозиҳои ҷолиброи биофаранд ва зимни машғулиятҳо дар хона, кӯдакистон ва ё мактаб аз онҳо ба таври васеъ истифода баранд.

**Зокир МУРОДИЁН,**
**устоди кафедраи педагогикаи ДДБ ба номи Носири Хусрав**

ҲАМКОРӢ

# Олимони Чехия дар донишгоҳ

Дар доираи ҳамкориҳои байни Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва Донишгоҳи илмҳои табиатшиносии Чехия, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Лубош Смутка ва номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Инна Челбекова ба ДДҲБСТ ташриф оварданд. Меҳмононро ректори донишгоҳ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор М. Шарифзода пазироӣ намуд.

Дар рафти мулоқот доир ба масъалаҳои густариш бахшидани ҳамкориҳои муштарак дар самти тободули омӯзгорон ва донишҷӯён, амалӣ намудани барномаҳои таълимӣ ва корҳои илмию таҳқиқотӣ сухан рафт.



Намояндагони ҷонибҳо доир ба нақшаҳо ҷиҳати амалишавии лоиҳаи муштарак дар самти арзёбии хароҷот ва нафъи мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим дар соҳаҳои кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва идораи оби Тоҷикистон, ки бо ташаббуси Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид ва дастгирии молиявии Ҳукумати Федератсияи Россия ба тасвиб расидааст, гуфтушунид баргузор намуданд.

Татбиқи амалии лоиҳаи мазкур ба таҳлил ва пешгӯӣ намудани тағйироти мавҷуда ва бавуҷудояндаи иқлим дар сектори кишоварзии ноҳияҳои Конибодом ва Кӯҳистони Мастчоҳи вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ин асос пешниҳод намудани чораҳои мутобиқшавӣ ба Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид ва Ҳукумати кишвар мусоидат менамояд.

*Нуъмон РАҶАБЗОДА,*
*«Омӯзгор»*

Дар шаҳри Душанбе Анҷумани миллӣ оид ба ВНМО, ҳуқуқи инсон ва қонунгузорӣ баргузор гардид.

*Дили тавонои модар муҳаббатро мепарварад, рӯҳафтодаву дилшикастагонро умед мебахшад, ба ҳар қадоми мо боли парвоз ва неруи зиндагӣ ато мекунад.*
Эмомалӣ Раҳмон



ХОТИРА

# Кош, муаллими расм ё варзиш мешудам

*Бо гузашти солҳо дафтари хотиротамро варақгардон мекунам. Айёми кӯдакиву давронии мактабхониам чун навори филме як-як пеши чашмонам мегузаранд. Ҳама шебу фароз, камиву костии айёми кӯдакӣ, ҳатто ғаму дардаш имрӯз бароям ширину гуворост. Ҳама ҷоху ҷалол, қадру қимат, тахту бахт ва боз ким - чиҳои дигару дигари имрӯзро ба он давронии беғаши кӯдакӣ тарҷеҳ дода наметавонам.*

Он вақт дар синфи 8-ум таҳсил доштам. Муаллиму муаллимаҳо яке паси дигаре даромада, ба мо аз фанҳои гуногун сабақ медоданд. Либосҳои ба тан шинаму зебо, алфози хушу гуворо ва муомилаи нарму дилрабояшонро ҳанӯз ҳам дар хотир дорам. Аҷоиб устодоне доштем. Якеаш аз ҳаводиси табиату дигараш аз ҳисобу китоб, сеюмӣ аз одобу ахлоқу чорумӣ аз рушду нумуи олами ваҳшу тайр ба мо донишамонро меафзуданд.

Ман, ки дӯстдори синамои ҳиндӣ будаму дар оянда ҳунарманд шудан мехостам, зери таъсири муоширату муомила ва сабақомӯзии устодони фариштахисолам ноаён тарҳи зиндагии ояндаамро дигар кардам.

Муаллим, ки сазовори иззату икроми хурду бузург, гули сари сабади маъракаю маросимҳо, маслиҳатдеҳу чарасози ҳама мушкилот буду аз ҷониби давлату ҳукумат имтиёзҳои зиёдро бархӯрдор, аз пеши ман ҳама сад ва дудилагиро бардошт. Назди худ ба қарори қатъӣ омадам, ки бояд омӯзгор шавам ва чун устодони худ дар ғаму шодии мардуми аҳли деҳ шарик гашта, фарзандоншонро таълиму тадрис дода,эҳтироми эшонро сазовор гардам.

Баъди соле чанд мактаби миёнаро хатм намудам ва бо амри тақдир донишҷӯи факултаи забону адабиёти ДДОТ ба номи С. Айнӣ гаштам. Хурсандиам ҳадду канор надошт, зеро дар он солҳо ба донишгоҳе дохил шудан басе душвору сангин буд. Таҳсилам панҷ сол давом кард. Ҳар гоҳе ки аз Душанбе ба хона бармегаштам, аҳли хонадон ва хешу табор маро хуб истиқбол ва бановбат меҳмондорӣ мекарданд.

Охир, ман дар он солҳо (1987-1992) аз як авлоди бузург донишҷӯи мактаби олӣ будам. Хуллас, чи дар хонаву чи дар байни хешу табор ва чи аҳли деҳа эҳтиром доштам. Бо муаллими асил дониши комил лозим гуфта, сангро болину хасу хорро қолин карда хондаму хондам, мактаби олиро бо дипломи сурх хатм намудам.

Садорати донишкада ҳамсабақонамро ба минтақаҳои дурдасти ҷумҳурӣ фиристода бошад ҳам, хушбахтона, маро барои омӯзгорӣ ба зодгоҳам-ноҳияи Рашт роҳхат доданд.

Аз рӯзи аввали ба кор шуруъ карданам, мақоли «Нозири ҳар кас вичдони ӯст»-ро шиор қарор дода, то ба имрӯз, (сӣ сол) боз бо маоши омӯзгорӣ аробаи зиндагиамро ба пеш кашида истодаам. Пешаи омӯзгорӣ ва машғулият бо хурдтараконро, ки дӯст медоштам, боре ҳам аз вазнинии кор шикоят намекардам; бо вуҷуди он ки дар ин байн бо сабаби ҷангҳои таҳмилии шаҳрвандӣ ҳатто соле зиёдтар бе музд фаъолият карда, ба ҷои маош аз бародарони ярокбадастам мушту лағад ҳам хӯрдаам.

То ба имрӯз ҳам худ ва ҳам шогирдонам дар озмунҳои зиёде ширкат варзидаем. Агар ғолиб нагашта бошем ҳам,борҳо ба ҷойҳои ифтихорӣ сазовор шудем. Аммо чӣ мегӯед, ки баъди сӣ соли фаъолияти пурсамари омӯзгорӣ яку якбора дилам аз ин пеша сард гашт. Бале, сард, он чунон сард, ки мисли яхи Антарктида. Чӣ гуна ва барои чӣ?

Банда дар ҳафт синф, ки шумораи хонандагонашон аз 25 то 32 - нафарро ташкил медиҳад, дарс мегӯям. Рӯзе иттифоқан дар ин ҳафт синф аз фанни забони модарӣ кори хаттӣ-диктант гирифтам. Дафтарҳои шогирдонро, ки шумораашон аз 180 дона ҳам мегузашт, болои мизи кориам гузоштам. Аз чӣ бошад, ки пеши кӯх ва анбӯҳи дафтарҳо худро хору залил ва бечораву нотавон дарёфтам. Дафтарҳоро як тараф гузошта, ба ҳисобу китоб сар кардам.

Ман тӯли як моҳ аз ҳафт синфи дарсмедодаам, агар якдиктантӣ гирам (ҳол он ки дар баъзе синф дар як моҳ ду диктант ҳам гирифта мешавад) ба ҳисоби миёна ҳафт диктант мешавад, ки шумораи дафтарҳо 180 ададро ташкил менамояд. Дар ин синфҳо, инчунин, як эссе ва як иншо низ дар як моҳ рост меояд ва агар иншои хонагиро зам намоем, шумораи дафтарҳо ба 720 адад мерасад. Илова бар ин, дар ин ҳафт синф ҳар ҳафта се соат дарси забони модарӣ мегузарам. Агар ҳар як дарс дафтарҳои даврии хонандагонро тафтиш намоям (180*3), миқдори дафтарҳо 540 адад мешавад. Аз сабабе ки моҳ аз чор ҳафта иборат аст, рақами 540-ро ба се (се ҳафтаи дигар) зарб кунем, шумори 1620 пайдо мегардад. Ба адади 1620 (дафтарҳои даврии хонандагон) рақами 720-ро, ки миқдори диктант, иншо ва иншои хонагиву эссе буд, зам гардад, шумораи 2340 ҳосил мегардад, ки шумораи умумии дафтарҳои тафтишмешуда аз ҷониби як муаллими бечора дар як моҳ мебошад. Баъди дидани ин рақам қариб хуш аз сарам парид. Маро ҳеҷ бovaрам намеомад, ки дар як моҳ ин миқдор, яъне 2340 дафтарро тафтиш мекардаам. Ана, акнун фаҳмидам, ки мани бечора чаро бо ин зудӣ ба чашми сунъӣ (айнак) гирифтор шудаму муаллимони расму суруд ва тарбияи ҷисмониву технологияе, ки ду умри маро зиёд доранд, не.

Дарҳол вақтро ғанимат дониста, аз пайи кофтукови муҳосиби муассиса шудам. Аз ӯ хостам аниқ созам, ки бо ин қадар ҷонкоҳонӣ – тафтиши 2340 дафтар банда чӣ қадар музди меҳнат мегирифта бошам. Муҳосиб, ки дар ҳисобу китоб устоди беҳамтост, бо ду-се маротиба пахш кардани тугмаи калкулятор гуфт:

- Шумо, бародари азиз, 310 сомонӣ тоза дар даст музди тафтиши дафтар мегиред. Чӣ қадар?

310 сомонӣ баробар аст ба музди меҳнати деворзане, ки дар як ё ду соат 4-5 метр деворро зада, ба анҷом мерасонад ва ё хиштчине, ки 300 дона хиштро тӯли 3-4 соат болои ҳам мечинад ва боз чандин амали дигаре, ки бо андак меҳнат ин миқдор маблағро ба даст оварда метавонанд. Пас, худ аз рӯи инсоф қазоват намоед, ки дар ивази 310 сомонӣ барои як моҳ тафтиши 2340 дафтар куҷову дар як ё ду соат бардоштани 4-5 метр девор куҷо?

Гумон мекунам, ки ин амалу мукофоти он дар ягон чаҳорчӯбаи инсоф дуруст намегирад. Пас, чӣ бояд кард? Гумон аст, ки садои мани бечора ба гӯше расаду маблағи тафтиши дафтар якчанд фисад бардошта шавад. Ягона роҳи сабукиро пеши ин душворӣ дар ҳамин мебинам, ки вичдонро қатъи назар карда, аз тафтиши чанд баста дафтар худдорӣ намоям ва ё миқдори иншою эссе ва диктантро дидаю дониста, аз барнома ихтисор кунам.

Аммо афсӯс. Афсӯсу сад афсӯс.

Ман, ки таълими давронии Шӯравиро гирифтаву дар деги аҳди коммунистӣ, ки замони рукуду бехудоияш мехонанд, ҷӯшидаам, чунин амалро ба худ муносиб дида наметавонам…

**Қиёмуддин ИДИЕВ,**
*омӯзгори забон ва адабиёти №3-и ноҳияи Рашт*

ПОДОШ

Бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон гардид. Ин иқдомро омӯзгори ҷавону умедбахши математикаи гимназияи давлатии №1-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ Муҳаммадсолеҳи Муҳаммадсолеҳи Муҳаммадшариф омӯзиши фанҳои риёзӣ ва дақиқро дар гимназия беҳтар намуд. Натиҷа ҳамин аст, ки шогирдонаш Фирдавс Тӯраев, Муҳаммадҷон Набиев, Фотима Мирзозода ғолиби озмуни байналмилалӣ аз фанни математика тахти унвони «Архимед» дониста шуданд.

Фирдавс Тӯраев ва Муҳаммадшариф бо хушнудӣ пазируфт. Ӯ дастпарвари Донишгоҳи давлатии шаҳри Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, факултети физика ва математика мебошад. Ҳангоми донишҷӯ будан дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №2-и шаҳри Кӯлоб ба ҳайси муаллими физика ва математика фаъолият намудааст. Баъди хатми донишгоҳ ва зодгоҳаш баргашта, аз соли 2015 дар гимназияи давлатии №1-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба ҳайси омӯзгори математика фаъолият дорад.

## Қадрдонӣ




Муҳаммадҷон Набиев бо медали биринҷӣ ва Фотима Мирзозода бо ифтихорнома ва устодашон бо сертификати роҳбарияти озмун қадрдонӣ шуданд.

Ногуфта намонад, ки имсол М. Набиев (синфи 6) ғолиби озмуни ноҳиявӣ аз фанни математика гардид ва ба даври вилоятӣ роҳ ёфт. Дар ҷодаи омӯзиш ба устоду шогирдонаш барор хоҳонем.

**С. САБУРОВ,**
*омӯзгори гимназияи давлатии №1-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ*

БАРРАСӢ

# Тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон

Дар маҷлиси Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ масъала «Оид ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи таълиму тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030» мавриди муҳокима қарор гирифт.

Алихониён Қаландарбек, сардори раёсати адлияи вилоят иттилоъ дод, ки ҳадафи «Барномаи таълиму тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030» риояи Конститутсия ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккули ҳисси масъулиятшиносӣ ва ватандӯстӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва дар ин замина, боло бурдани мақоми қонун, тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳияи он, мустаҳкам намудани институти ҳуқуқи инсон, боварии аҳолӣ ба фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ мебошад…

Раиси вилоят Мирзонабот Алишер Худобердӣ қайд намуд, ки барномаи мазкур дар масъалаи таълиму тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон дар шаҳри Хоруғ то андозаи зарурӣ мақоми хоси худро соҳиб нашудааст. Воқеаҳои бааламоломада дар шаҳри Хоруғ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки тарбияи маънавии насли наврас ҳанӯз ноқифоя аст.

Бахусус, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва дигар санадҳои меъёрии соҳаи таълиму тарбия дар байни волидону насли наврас ба таври зарурӣ кор карда намешавад.

**Ч. ҚОЗИБЕКОВ,**
*«Омӯзгор»*

ДИДГОҲ

# Дар шинохти суханварону суханшиносон

***Муҳаққиқи журналистикаи тоҷик, доктори илмҳои филология, профессор Мурод Муродӣ дар таҳқиқу таълими журналистикаву публитсистика нақши бориз дошта, дар ин росто осори арзишманде таълиф намудааст. Чун туҳфаи навбатӣ ба дасти хонандагон китоби нави профессор Мурод Муродӣ бо номи «Публитсистикаи тоҷик» (- Душанбе: «Аржанг», 2021. – 576 с.) расид. Ин китоб ҳосили таҳқиқу ковишҳои чандсолаи муаллиф асту хусусияти илмию таълимӣ дорад. Китоб аз муқаддима ва шаш бахш иборат мебошад.***

Дар муқаддима муаллиф мухтасар дар мавриди публитсистика сухан ба миён оварда, таърих ва ташаккули онро арзёбӣ мекунад, ки «ҳанӯз қабл аз пайдоиши матбуоти даврӣ дар шаклҳои гуногун, аз ҷумла, таърихнигориву сафарноманависӣ, мукотиботу номанигорӣ, осори адабии дорои оҳанги иҷтимоӣ ва амсоли ин сурат гирифтааст» (с.3).

Бахши аввали китоб «Пешомадони публитсистикаи тоҷик» унвон дошта, муҳаққиқ зимни он ба эҷодиёти Абулқосим Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Низомулмулки Тӯсӣ, Убайди Зоконӣ, Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, Аҳмади Дониш, Тошхӯҷаи Асирӣ, Аҷзии Сиддиқӣ ва Шарифҷон Махдуми Садри Зиё рӯй оварда, «мавҷудияти рӯҳи иҷтимоӣ дар осор»-и эшонро бозгӯ менамояд. «Гуфтор дар ҳаҷви Султон Маҳмуд»-и Фирдавсӣ, «Сафарнома»-и Н. Хусрав, «Сиёсатнома»-и Низомулмулк, ҳаҷвиёти Убайди Зоконӣ, “Бадоеъ-ул- вақоеъ”-и Восифӣ, «Наводир-ул-вақоеъ», «Рисолаи таърихӣ»-и Дониш, достони «Дар баёни ҷӯйи Бекобод», «Қасида дар боби усули ҷадидия»-и Т. Асирӣ, достонҳои «Миръоти ибрат», «Анҷумани арвоҳ», маҷмуаҳои ашъори «Ганҷинаи ҳикмат», «Айн-ул-адаб»-и Аҷзии Сиддиқӣ, «Наводири Зиёия», «Рӯзнома», «Тазкират-уш-шуарои мутақаддимин», «Шуарои мутааххирин», «Фузалои мутаахирин»-и Садри Зиё мавриди таҳлилу баррасии ин бахш қарор гирифта, пажӯҳишгар ҷанбаҳои иҷтимоӣ, таърихӣ, воқеӣ ва публитсистии маводи муаллифони таҳқиқшавандаро мушаххасу муайян менамояд.

Муҳаққиқ дар бахши дуюми китоб фаъолияти эҷодкорон, ҳамкорону созмондиҳандагон ва саромадони публитсистикаи тоҷик Мирзо Сироҷи Ҳаким, Мирзо Ҷалол Юсуфзода, Мирзо Абдувоҳиди Мунзим, Абдурауфи Фитрат, Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, Саидризо Ализода, Садриддин Айнӣ, Абдуқодир Муҳиддинов, Аббос Алиев, Собит Манофзода, Чинор Имомов, Шириншоҳ Шоҳтемур, Абдуқаюми Қурбӣ, Ҳамид Бақозода, Ҳоҷӣ Мӯин Шукруллоев, Тӯрақул Зеҳнӣ, Обид Исматӣ, Алӣ Исмоилзода, Лутфулло Обидхуҷаев, Маъруф Расулӣ, Раҳим Ҳошим, Бадриддин Азизӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Ҳасан Маҳмадхонов (Ирфон), Пайрав Сулаймонӣ, Муҳаммадҷон Раҳимиро мавриди баррасӣ қарор дода, заҳмат, ҷонфидоию азхудгузарии онҳоро дар ин ҷода некбинонаю мӯшикофона таҳлил мекунад. Осори ба ёдгор гузоштаи онҳоро ба риштаи таҳқиқ кашида, моҳияти нигоштаҳояшонро бозгӯ ва фаъолияташонро дар самти маърифатафзоӣ, забону миллатдӯстдорӣ, ватандӯстию асолатнигаҳдорӣ ва намунаи ибрат буданашонро таъкид медорад. Осори ин публитсистон дар давраи сарнавиштсозе иншо шуда, дар роҳи худшиносиву худогоҳии миллати тоҷик хизмати шоиста карда, то ҳанӯз моҳияти худро нигоҳ доштааст. Аз муҳтавои ин бахш бармеояд, ки «оғози таърихи рӯзноманигории тоҷик» бо номи Мирзо Сироҷи Ҳаким, Мирзо Муҳиддин Мансур, Мирзо Ҷалол Юсуфзода, Садриддин Айнӣ ва Саидризо Ализода вобастагии ногусастанӣ дорад. Ба қавли муаллиф: «Ин зумра воқеан, дар ташкили нашриёҳои даврӣ ва ба ин минвол ташаккули матбуоти миллӣ хизмати боарзиш ва бемисл кардаанд. Аз ҷумла, таъсиси нахустрӯзномаи тоҷикии «Бухорои Шариф» ба ҳиммату ҷуръати Мирзо Сироҷи Ҳаким, Мирзо Муҳиддин Мансур ва Мирзо Ҷалол Юсуфзода сахт марбут аст» (с.67).

Ҳамаи онҳое ки ному фаъолият, азму талош ва кӯшишу ғайраташон дар ин бахш зикр шудаву мавриди таҳлилу пажӯҳиш ва бозгӯии муаллиф қарор гирифтаанд, воқеан ҳам шахсиятҳои дурандеш, симоҳои барҷастаи фарҳангу маърифатанд, ки бо ин ё он васила дар кори ташкилию эҷодӣ ва бунёду бавуҷудории аввалнашриёҳо, матолиби хонданӣ, таҳрикбахшандаи журналистию публитсистӣ саҳми назаррас гузоштаанд. Матолиби ин бахшро чӣ тавр ба вуҷуд омадани аввалин нашриёҳои тоҷикӣ, саромадони он, нахустмаводи рӯзноманигорӣ, мазмуну мундариҷаи онҳо, ному насаб, имзоҳои муаллифону ҳамкорон, мушкилоти соҳа фаро гирифта, хонандаро бо маълумоти ҷолибу фаровон ва хонданӣ мусаллаҳ мегардонад.

Дар ин бахш муҳаққиқ ба фаъолияти публитсистии устод Садриддин Айнӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда, онро қисми таркибии фаъолияти эҷодии ӯ қаламдод мекунад. Ба қавли ӯ, «Фаъолияти бевоситаи публитсистии С. Айнӣ аз нашрияи «Шуълаи инқилоб» (с.111) оғоз гардида, минбаъд бомаром ва эҳсоси баланди масъулиятшиносӣ идома меёбад. Таълифоти публитсистии С. Айнӣ гуногунсамту гуногунмуҳтаво буда, қариб ҳама соҳаҳоро фаро мегирад. Зеро ӯ «чун шахси бохабар аз пастиву баландиҳои рӯзгор, илмомӯхта, сиёсатдон, донишманди таъриху адабиёт ва фарҳанги халқи худ маводи мавриди баррасиашро инъикосу тасвир ва маънидод менамояд» (с.114). Дар ҳамин замина гуногунжанриву гуногунрангии маводи публитсистии С. Айнӣ мавриди таҳлилу таҳқиқи муаллиф қарор гирифта, моҳияти онҳо тавзеҳу ташреҳ дода мешавад. Шириншоҳ Шотемур ва Чинор Имомов, ки дар ин бахши таълифот аз онҳо зикри хайр мешавад бо вуҷуди мушкилоту ноҳамвориҳои ҷода ва қаҷдору марези он замон тавонистанд бо




ҳаммаслакони хеш дар бунёди матбуоти тоҷикӣ, бахусус ташкили рӯзномаи «Овози тоҷик» асос гузоранд.

«Публитсистони насли ҷавон» бахши дигари китоб буда, дар он эҷоди публитсистӣ ва фаъолияти рӯзноманигориву ҳамкорӣ бо нашриёҳои ин насл - Б. Ғафуров, М. Турсунзода, А. Мирзоев, Ҷ. Икромӣ, С. Улуғзода, М. Миршакар, Алӣ Хуш, С. Ғанӣ, Р. Ҷалил, Т. Усмон, А. Деҳотӣ, К. Қаҳҳорова мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Ин нафарон аз зумраи он қаламкашонеанд, ки ҳамсолу ҳампойи аввалнашриёҳои тоҷикианд. Воқеан ҳам онҳо дар замони пуртазоду пурмоҷарои охири солҳои 20 ва солҳои 30-40-и асри гузашта зиставу фаъолият кардаанд. Тағйиру дигаргуниҳои замон дар пеши назари онҳо мегузашт. Онҳо шоҳиди ҳодиса, воқеа ва рӯйдодҳои беназир замон буданд. Ҳеч падидае аз назари пурвусъату борикбини онҳо пинҳон намемонд. Ба рӯйдоду воқеаҳо бетарафона не, балки масъулиятшиносона муносибат мекарданд. Ба мактабу маориф ва илму ирфон рӯй оварда, аз ҷиҳати сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ худро обутоб медоданд. Дарки воқеияти иҷтимоӣ имкон фароҳам меовард, ки мушоҳидаву муқоиса ва бардоштҳои худро дар қолаби жанрҳои журналистиву маводи публитсистӣ дар саҳифаҳои матбуот ба табъ расонанд.

Дар бахши «Адибон-публитсистон»-и китоб муаллиф асосан маҳсули эҷоди публитсистии М. Наҷмиддинов, Ф. Муҳаммадиев, А. Сидқӣ, И. Файзуллоев, Ш. Ҳаниф, Х. Шарифов, Б. Муртазо, Р. Мардон, Ӯ. Кӯҳзод, А. Самад, Н. Табаров, И. Насриддин, Ҳилолиён Аскар, А. Ҳамдам, Ш. Мӯсо ва Раҷабалӣ Аҳмадро таҳлилу таҳқиқ кардааст, ки ин бесабаб нест. Зеро ин адибон фаъолияти худро дар идораи рӯзномаю маҷаллаҳо оғоз карда, бо мурури замон маҳорати журналистӣ ва публитсистиашон сайқал ёфта, дар эҷоди бадеӣ ҳам дастёб шудаанд. Ҳангоме ки эҷоди М. Наҷмиддиновро мавриди назар қарор медиҳад дар публитсистикаи ӯ мавқеи намоён доштани жанри очеркро зикр карда, чунин натиҷагирӣ мекунад: «Ҳарчанд очеркҳояш мавзуву масъалаҳои гуногунро дар бар мегирад, аммо дар маркази онҳо ҳаёти воқеии халқи заҳматкаш, инсонҳои кору пайкор, фотеҳони замин, кишоварзони пешсаф ва амсоли ин меистанд» (с.311-312). Зимни таҳлили осори Ф. Муҳаммадиев муҳаққиқ қайд мекунад, ки «ҳарчанд маҳсули эҷоди ӯро равияҳои илмӣ, публитсистӣ ва бадеӣ ба ҳам омезиш додаанд, аммо ҷанбаи публитсистӣ нисбатан бартарӣ дорад» (с. 319). «Дар очеркнависии тоҷик таҳаввулоти тоза ба вуҷуд овард» (с.323). Очерку ёддоштҳояш фарогири ҳаёти нафароне мебошанд, ки дар хидмати халқанд. Ба ҳамин монанд муҳаққиқ эҷоди публитсистӣ ва адабии қаламкашони мавриди назарро дар такя ба назарияи соҳа ва дастовардҳои амалиашон дар самти публитсистика баррасӣ менамояд. Вижагиҳои эҷодиёти адибон- публитсистонро нишон дода, аз фактҳои ҳаётӣ саршор будани осори онҳоро таъкид менамояд. Муҳаққиқ сари коргирӣ аз жанрҳову образҳои публитсистии ин адибонро зимни таҳлил бозгӯ мекунад, ба таносуби воқеияту бадеияти осори онҳо мутаваҷҷеҳ мешавад. Назари фароху диди таҳқиқӣ ба муҳаққиқ имкон додааст, ки таҳлилу баррасии осори адибони мавриди таваҷҷуҳро бо низом ба роҳ монад, вижагиҳои эҷоду фаъолияташонро мушаххас намояд.

Бахши панҷуми китоб «Рӯзноманигорон - публитсистон» ном дошта, дар он фаъолияти эҷодии Шодӣ Саид, Отахон Латифӣ ва Мазҳабшо Муҳаббатшоев объекти таҳқиқ қарор гирифтааст. Таълиф дар бораи Шодӣ Саидов ташаккули як нафар қаламкашро пешорӯи мо намо медиҳад, ки ҳамкориву фаъолиятро дар ҷодаи рӯзноманигорӣ аз мухбири одӣ шуруъ карда, то зинаҳои баланди роҳбарии соҳа мерасад. Аз таҳқиқи муаллиф дар мавриди О. Латифӣ бармеояд, ки ӯ «натанҳо дар Тоҷикистон, балки дар Иттиҳоди Шӯравӣ шуҳрати баланди касбӣ» (с. 479) доштааст. Муҳаққиқ дуруст қайд мекунад, ки мавсуф дар навиштани жанрҳои репортаж, мусоҳиба, мақола, лавҳа, очерк маҳорати хоса зоҳир намуда, дар ҷодаи журналистика ва публитсистика соҳибмактаб будааст. М. Муҳаббатшоев бошад, «на танҳо мушкилот ва масъалаҳоро хуб медид, балки онҳоро ба пуррагӣ фаро мегирифт, дар роҳи ҳаллашон андешаи нав ва дуруст пешниҳод мекард» (с. 494).

«Муҳаққиқон-публитсистон» бахши дигари китоб буда, муаллиф зимни он таҳқиқоти дар ин самт таълифкардаи донишмандон Муҳаммадҷон Шакурӣ, Асадулло Саъдуллоев, Давлат Давронов, Иброҳим Усмонов, Усмонҷон Ғаффоров ва Пайванди Гулмуродзодаро таҳлилу таҳқиқ ва арзёбӣ кардааст. Дар ин бахш муҳаққиқ асосан ба таҳқиқоти илмӣ, илмӣ-оммавӣ ва таълифоти публитсистии муаллифони дар боло номбаршуда такя карда, моҳияти матолиби онҳоро муайян менамояд. Ӯ зимни баррасии эҷоду таҳқиқи М. Шакурӣ фаъолияти таҳқиқшавандаро фароху серпаҳлӯ мехонад. Дар ҷодаи публитсистикаи илмиву амалии муосир низ ҷирадасту шуҳратёр буданашро дар ҷараёни баррасии масъала бо мисолҳо аз эҷоди ӯ муайян менамояд. Ба қавли муаллифи китоб, асоси публитсистикаи М. Шакуриро фикру ғоя ташкил дода, мавсуф «масъалаҳои муҳими иҷтимоиро аз нигоҳи илмӣ дарку маърифат намуда, тариқи баёни публитсистӣ манзури хонандагон мегардонад» (с. 508-509). Чеҳраи дигари таҳқиқшавандаи илмиву эҷодии журналистикаву публитсистика дар ин бахш Асадулло Саъдуллоев буда, фаъолияти ӯ «рӯзноманигорӣ, публитсистика, нависандагӣ ва пажӯҳиши илмиро фаро мегирад» (с.512). Муҳаққиқ асосан нигоштаҳои публитсистии А. Саъдуллоевро таҳқиқу арзёбӣ карда, ба хулосае меояд, ки публитсистикаи ӯ «чи аз ҷиҳати мундариҷа ва чи аз нигоҳи жанрӣ рангоранг буда, муҳимтарин масъалаҳои даврy замонро, ки ба тарбияи инсон нигаронида шудаанд дар бар мегирад» (с. 520-521). Дар ин бахш осори муҳаққиқи публитсистика ва сиёсат Иброҳим Усмонов таҳлил шуда, муаллиф таъкид месозад, ки публитсистикаи олим аз ҷиҳати мавзуъ ва жанр гуногун буда, «мавзуъҳои адаб, ахлоқ, миллат, забон, сиёсат ва санъат»-ро (с.533) дар бар мегирад. Дар маводи ба У. Ғаффоров ва П. Гулмуродзода бахшидаи муҳаққиқ дастовардҳои илмиву публитсистии номбурдагон зикр, арзёбӣ ва таҳққиқ шуда, симои илмиву публитсистӣ ва саҳмгузории онҳо дар ин самтро бозгӯй мекунад.

Тавассути бахши «Насли нави публитсистон», ки ба сифати охирсухани китоб таълиф шудааст, муаллиф осори чеҳраҳои муосири публитсистика Фотеҳ Абдулло, Зиё Абдулло, Зафар Мирзоев, Абдуқодири Раҳим, Шарифи Ҳамдампур ва дигаронро таҳқиқ карда, зикр менамояд, ки ҳар кадом бо сабку услуб мавзуъ ва масъалагузории хоса вориди ин майдон гардида, қаламфарсоӣ доранд. Публитсистикаи муосири тоҷик, тавре ки аз нигоштаҳои номбурдагон бармеояд, «аз навгониҳои эҷодӣ ва жанрӣ бебаҳра нест» (с. 569).

Дар ин як навиштаи кӯтоҳ наметавон ҳама дастовардҳои муаллифро дар эҷоди ин асар ба таври комил баён кард. Китоби нави муҳаққиқ М. Муродӣ оинаест, ки бо василаи он метавон роҳи паймудаи ин соҳаи эҷодро бо шебу фароз ва дастоварду мушкилоташ пешорӯ дид. Китоб таҳлилҳои илмиву мантиқӣ, маълумотҳои ҷолибу пураҳамиятро фаро гирифта, барои устодону пажӯҳишгарони соҳа, донишварзону унвонҷӯён ва дӯстдорони журналистикаву публитсистика ва аҳли илму фарҳанг судманду манфиатбахш аст.

***Сангин ГУЛЗОД,***
***Саъдулло ҲАЙДАРӢ,***
***номзадҳои илми филология***

**Тайи 30 соли соҳибистиқлолӣ барои ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 2226 иншооту бино бунёд гардиданд.**

*Саҳми модарони тоҷик имрӯз низ дар тарбияи фарзандони бонангу номус ва ватандӯсту ватанпараст бузург мебошад.* *Эмомалӣ Раҳмон*



ЁДВОРА

# Ду сафар бо академик

*Дар шаҳри Панҷакент воҳӯрии аҷибе ба амал омада буд. Дар назди Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо доктори илми таърих, профессор (баъдтар академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон) Аҳрор Мухторов рӯ ба рӯ омадем. Рости гап, солаш ба хотирам намондааст.*

Ҳаминро медонам, ки он вакт дар давраи Шӯравӣ буду банда дар вазифаи директори филиали бойгонии давлатии вилояти Ленинобод дар шаҳри Ӯротеппа (ҳоло бахши вилояти Бойгонии давлатии вилояти Суғд дар шаҳри Истаравшан) адои вазифа мекардам ва ба шаҳри Панҷакент барои коркарди ҳуҷҷатҳои давлатӣ ҳамроҳи кормандони илмӣ Баҳром Озодиев, Асрор Камолов ва Аҳрор Аҳмадов рафта будам. Ба Ҷамоати деҳоти ба номи Рӯдакӣ зане аз Бадахшон (ному насабаш дар хотирам намондааст) сарварӣ мекард. Ӯ моро зуд фаҳмид ва барои гузаронидани коркарди ҳуҷҷатҳои Ҷамоати деҳот розигӣ дод. Барои кормандон шароити хоб ва хӯрду хӯрок муҳайё намуд.

Баъди ин корҳои ташкилӣ дар Ҷамоати деҳоти ба номи Рӯдакӣ ба шаҳри Панҷакент баргашта, дар назди осорхона ба аммабачаам, академик Аҳрор Мухторов дучор омадам. Ҳарду аз дидори якдигар хеле шод гаштем. Олими маъруф гуфтанд, ки дар назди мазоре хайма задем ва гарчанде бароямон аз меҳмонхона ҷой ҷудо карда бошанд ҳам, манзиламонро тағйир надодем.

Ман мақсади ба Панҷакент омаданамро баён кардам. Акоям (мо Аҳрор Мухторовро дар хонаводаамон ҳамин тавр меномидем) аз ман пурсиданд:

- Боз чӣ кор дорӣ? - Корҳои ман ба иҷро расиданд, метавонам пагоҳ ба Истаравшан баргардам.

- Боз имкони як-ду рӯзи дигар истодан дорӣ?

- Ҳа, имкон ҳаст. Чӣ хизмат кунам?

- Мо ҳамроҳи аъзои экспедитсия пагоҳ ба як деҳаи дурдасте меравем. Роҳбаладамон маро бовар кунонида истодааст, ки дар зери як бинои вайронаи деҳа китобҳои қадима, васиқаҳо, амрҳо ва ғайраҳо маҳфуз аст. Ҳангоми мардуми деҳаро ба дигар ҷо кӯчонидан соҳибони манзилҳо хонаҳои худро вайрон карда, маводи сохтмониашро бо худ ба манзили нав бурдаанд.

Сахарии рӯзи дигар бо сарварии Аҳрор Мухторов роҳбаладии он мард, ду аъзои экспедитсия археологӣ ва банда ба роҳ баромадем. Аз рӯи гуфти роҳбалад, 100-130 км роҳро тай карданамон лозим аст. Роҳ ноҳамвор. Мошини мо (УАЗ-469) бо азоб пеш мерафт. Барои мо, ҷавонон, ин қадар мушкил набуд, дили ман ба ако Аҳрор месӯхт. Ба хотири як китоби қадима ё васиқа ҳамин қадар роҳи дурро тай мекарданд. Баъзан аз мошин фаромада, онро телакунон аз сою кӯтал мегузаронидем.

Баъди тақрибан ду соат роҳ паймудан, роҳбалад гуфт:

- Мошинро нигоҳ доред. Ана, ин пайи хонаю даҳлез. Китобҳо дар даҳлез зери хоки он бояд маҳфуз бошанд. Мо, се ҷавон, ба кофтани даҳлез сар кардем. То соатҳои чори рӯз ба дарозии 3 метр чуқурии 2-2,5 метр замин кандем, аммо аз китобу катибаҳо, муҳру васиқаҳо ному нишоне набуд... Устод Аҳрор Мухторов барои дарёфти китоб садҳо км роҳро тай мекарданд. Баъзан бозёфт калон мешуд, баъзан варақеро дарёфт намекарданд, аммо ҳаргиз дилмондаю хаста намешуданд. Пуртоқату пурбардошт буданд.

Ин сафари дуюми банда бо академик Аҳрор Мухторов ба шаҳри қадимаи Панҷакент буд. Ҳангоми сафари аввал ҳанӯз хонандаи мактаб будам.

Моҳи июли соли 1960. Баъди хатми синфи 8 ба падарам усто Махкамбойи сандуқсоз сохтану дар бозор фурӯхтани сандуқҳо ёрӣ мекардам. Рӯзи дуюм ё сеюми таътил буд, ки хабари ба ҳавлии мо омадани аммабачаам расид.

Пагоҳии барвақт падару модарам ба қабули фарзандашон тайёрӣ медиданд. Падарам аз бозор 4 нони гарм ва як коса қаймоқ оварданд. Модарам ба пухтани ош машғул буданд.



Онҳо ако Аҳрорро «писарам» мегуфтанд.

Соли 1927 падари ако Аҳрор - Мирзо Мухтори Мираҳмад аз олам даргузарад. Кӯдаки 3-сола бо модари 24-солаи худ (ояи Меҳринисо) танҳо мемонанд. Аз сабаби он ки мо дар ҳамсоягӣ зиндагӣ доштем, аммаам-ояи Меҳринисо бо кӯдакашон Мираҳрор бештар назди модарашон очаи Зебунисо ва акояшон усто Махкамбой меомадаанд. Он солҳо падарамон нав хонадор шуда будаанд. Ако Аҳрор то 6-7-солагиашон ба модарам «арӯс» гӯён муроҷиат мекарданд. Модарам Сабоҳатхон меҳрубониҳо карда, Аҳрори хурдсолро ба оғӯш мегирифтанд, шириниҳо медоданд. Ана, аз ҳамон давра меҳри Аҳрори хурдсол дар дили падару модарам ҷой гирифта буд.

Акоям Аҳрор Мухторов - олим соле ду-се маротиба ба дидани дидори тағою бикелин (модарамро ҳамин тавр меномиданд) ба Ӯротеппа меомаданд.

Имсол ҳам бо ронандаашон Гончар ном шахс ба хонаи мо омаданд. Ман тозон баромада, акоямро ба оғӯш гирифтам ва ба ҳавлӣ даъват кардам. Ба болои мошини боркаш нигоҳ кардам, бинам, 20-25 қайроқсанги дорои навиштаҷоти арабиро Ганчар бо латтаҳои ғафс печонида, ба халтаҳо ҷой мекард. Ба ӯ ёрӣ расонидам. Ганчар сангеро нишон дода гуфт, ки дар ин санг шоҳ Бобур ду мисраъ шеърро бо дастони худ ҳаккокӣ кардааст. Ҳамин тарз ман нахустин шахсе будам, ки баъди аз деҳаи Оббурдони Кӯҳистони Мастчоҳ овардан он санги таърихиро дида, бо Ганчар ба халтаҳо ҷой карда будем. Дар сари дастархон ако Аҳрор ба падарам гуфтанд.

- Тағо, кай боз ба Душанбе нарафтаед. Биёед, шумо ва Сайфуллоро ба Душанбе барам, агар фурсат надошта бошед, ақаллан Сайфуллоро барам, 10-15 рӯз дар хона истода, Душанберо тамошо карда ояд. Бо ин баҳона бо Душанбе шинос мешавад, шояд дар оянда ба хонданӣ равад.

Падарам розигӣ дода, пурсиданд, ки рост ба Душанбе меравед.

– Не, тағоҷон, мо ба воситаи Самарқанд ба Панҷакент меравем. Дар он ҷо олимону аспирантони институт ба кофтукови археологӣ машғуланд. Он ҷо ягон шаб истода, бо корҳои анҷомдодаи кормандон шинос мешавам ва баъдан ба Душанбе хоҳем рафт...

Хурсандии ман ҳадду канор надошт. Автомашина боркаш буд, вале дар он ҷои нишаст ва болопӯше сохта буданд, ки аз гармии ҳаво азият намекашидем. Бегоҳирӯзӣ ба Самарқанд расидем ва меҳмони олими адабиётшинос Тӯрақул Зеҳнӣ шудем. Он кас ҳамин рӯз аз Душанбе ба Самарқанд омада будааст.

Тӯрақул Зеҳнӣ ва Аҳрор Мухторов дар шаҳри Душанбе дар ҳамсоягӣ зиндагӣ мекарданд...

Пагоҳии рӯзи дигар мо ба шаҳри Панҷакент раҳсипор шудем ва акоям ба ронанда Ганчар гуфтанд, ки ба базаи археологҳо меравем. Он солҳо базаи археологҳо, агар хато накунам, дар наздикии Осорхонаи кишваршиносии ба номи Рӯдакӣ ҷойгир буд.

Вақте дар база аз мошин мефаромадем, ба пешвозамон як марди пурраи миёнқад, мӯйи сари ғуллиаш то гардан фаромада, ки дар даст таёқчае дошт, баромад. Ман наздашон рафтаму «Здрасти» гуфтам. Ӯ дар ҷавобам «Ассалому алейкум» гуфт. Сахт дар тааҷҷуб мондам. Наход, одами рус ба тоҷикӣ гап занад. Ӯ боз пурсид:

- Бача, чӣ ном дорӣ!

Гуфтам - Сайфулло.

Ӯ, "ху «шамшери Худо» бигӯ"-'гуфта маро боз ба ҳайрат гузошт. Баъдтар фаҳмидам, ки ин марди рус ховаршиноси машҳур Александр Беленитский будааст.

Ҳамроҳи акоям як шабу як рӯз он ҷо истодем. Дар ин ҷо бори аввал ба кори душвори археологҳо, ки дар гармии саратон бо белчаҳо хокро боло мепартофтанду бо мӯқаламҳо деворҳои аз таги замин баромадаро тоза мекарданд, шинос шудам.

Ба Душанбе аз Панҷакент бо як ҷаҳон таассурот рафтам ва баъди бозгашт ба Ӯротеппа бо ҳамсинфонам воҳӯрда, дидаҳоямро бо шавқ нақл кардам.

Солҳо гузаштанд. Бо тақозои вазифа барои коркард ва танзими ҳуҷҷатҳо дар муассисаҳои шаҳри Панҷакент ба ин шаҳри бостонӣ сафар кардам. Он солҳо сарварии филиали Бойгонии давлатии вилояти Ленинобод дар шаҳри Ӯротеппаро ба уҳда дошам. Аввалин коре, ки иҷро кардам, тамошои Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии ба номи Рӯдакӣ буд. Баробари кушодани дари дутабақаи кандакоришуда чашмам ба навиштае дар он афтод: «Як гул аз Усто Юлдошбек Баротбекови ӯротеппагӣ».

Дар ҳамон ҷо бо археологи номӣ, эҳёгари Саразми қадима Абдуллоҷон Исҳоқов шинос шудам ва он кас нақл карданд, ки кофтукови археологӣ дар Саразм сар шудааст, насиб бошад, таърихи 6 ё 7-ҳазорсолагии Саразмро ҷашн мегирем. Ин орзуи устод Абдуллоҷон Исҳоқов баъди ба Истиқлоли давлатӣ расидани Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гашт.

**_Сайфулло МАҲКАМОВ,_**
*рӯзноманигор,*
*барандаи Ҷоизаи ИҶТ*
*ба номи А. Лоҳутӣ*

ИФТИХОР

Устод Миршод Самадов пас аз хатми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент соли 2016 фаъолияташро ҳамчун устоди кафедраи тарбияи ҷисмонӣ оғоз намуд. Ҳоло дар вазифаи муовини декани факултет кор мекунад.

Миршод Самадов дар давраи донишҷӯияш яке аз беҳтарин варзишгарони донишкада ва шаҳр ба шумор мерафт, дониши хуб ҳам дошт. Ӯ дар ҳайати асосии дастаи мунтахаби донишкада оид ба волейбол ва баскетбол бозӣ карда, дар чандин мусобиқаҳо сазовори ҷои аввал гардидааст. Ба ғайр аз бозиҳои варзишӣ Миршод Самадов мунтазам ба намуди пауэрлифтинг таҳти роҳбарии устоди варзиш Абдулло Бақоев, дар толори варзишии "Дамир" машғул мешавад. Соли 2016 дар чемпионати вилоят оид ба пауэрлифтинг дар шаҳри Хуҷанд дар вазни 82,5кг иштирок кар-

# Устод ва шогирди шарафманд

да, ба гирифтани унвони чемпиони вилоят ноил гардид.



Соли 2019 дар мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ, ки дар шаҳри Душанбе баргузор гардида буданд, сазовори ду медали нуқра ва як медали биринҷӣ шуд.

Дар мусобиқаи кушоди вилояти Суғд (шаҳри Хуҷанд, соли 2019), ки дар он беҳтарин варзишгарон иштирок доштанд, устод маҳорати баланд нишон дода, ғалаба ба даст овард.

Миршод Самадов соли 2020 дар ду мусобиқаи ҷумҳуриявӣ ширкат варзида, соҳиби медалҳои тилло ва биринҷӣ шуд.

Умуман, барои устод соли 2020 соли бобарор буд; дар ин сол ӯ меъёрҳои пауэлифтингро иҷро намуда, ба дарёфти унвони номзади варзиш сазовор гашт.

Ҳамчун омӯзгор Миршод Самадов дарсҳояшро дар сатҳи баланд мегузаронад. Ӯ аз методҳои таълимии мудири кабинети тарбияи ҷисмонии Донишкадаи такмили ихтисоси Санкт-Петербург Г.А. Баранчуковаро дар дарсҳояш васеъ истифода мебарад.

Шогирдон ба машғулиятҳои ӯ бо иштиёқи том ҳозир мешаванд. Онҳо устоди худро дӯст медоранд, эҳтиром мекунанд.

Миршод Самадов ба кори эҷодӣ низ шуғл меварзад. Ӯ муаллифи якчанд дастури методӣ (курс ва лексияҳо аз фанҳои "Таърихи тарбияи ҷисмонӣ", "Таърихи бозиҳои олимпӣ", "Ҳаракати варзиши байналхалқӣ", "Тарбияи ҷисмонӣ дар солҳои истиқлолият", "Тарбияи ҷисмонӣ дар тайёр намудани тарбияи умумӣ ва касбии донишҷӯён", "Аҳамияти машқҳои ҷисмонии мустақилонаи донишҷӯён") мебошад.

Дар айни замон ӯ унвонҷӯи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аст. Ба сифати мураббӣ низ устод ба мувафақиятҳои назаррас расидааст. Яке аз шогирдони фаъолаш Ойбек Бердимуратов мебошад.

Дар давраи таҳсил дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент асосан ба ғӯштини камарбандӣ машғул шуда, дар чандин мусобиқаҳои шаҳрӣ ва вилоятӣ ғалаба ба даст овардааст.

Дар шаҳри Панҷакент намуди ғӯштини камарбандӣ фаъолият намекунад, Ойбек барои давом додани машғулиятҳо намуди варзишӣ пауэрлифтингро интихоб мекунад ва аз соли 2017 дар толори варзишии "Дамир" таҳти роҳбарии устодонаш Абдулло Бақоев ва Миршод Самадов оғози тамрин менамояд.

Машғулиятҳои Ойбек беҳуда нагузаштанд. Ӯ муваффақ бар он шуд, ки дар мусобиқаҳои сатҳаш гуногун ширкат варзида, парчами варзиши тоҷикро боло бардорад.

• Соли 2019 дар шаҳри Хуҷанд чемпионати вилоят баргузор гардид, ки дар он Ойбек бо натиҷаи умумии 415кг дар вазни 59кг (нишаст 135, ёзидан бо даст 110, кашиш 170кг) баромадаашро ҷамъбаст намуда, ғалаба ба даст овард.

• Ғалабаҳои навбатӣ ба ин варзишгари мумтоз дар мусобиқаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2018,2019,2020,2021 дар вазни 59кг муяссар шуданд. Дар чемпионати соли 2021 Ойбек маҳорати баланди варзишӣ нишон дода, рекорди худро ба 480кг расонид.

• 20-23 июни соли 2019 Чемпионати Осиёи Федератсияи WPS, дар Ҷумҳурии Қирғизистон дар (шаҳри Бишкек) гузаронида шуд. Дар он Ойбек бо натиҷаи 405кг (нишаст 135, ёзидан бо даст 105, кашиш 165) дар вазни 60кг дастболо гашт.

• 4-8 декабри соли 2019 дар шаҳри Москва Чемпионати ҷаҳон аз тарафи Федератсияи WRPF гузаронида шуд, Ойбек дар ин чемпионат бо роҳбарии устодаш Миршод Самадов иштирок кард. Дар ин сабқати бонуфуз ӯ соҳиби ду медали тилло (сеҳарба ва кашиш), медали биринҷӣ (дар намуди ёзидан бо даст) гардид. Аз Москва Ойбек ба унвонҳои Чемпиони ҷаҳон ва Устоди варзиши байналмилалӣ баргашт.

• 24-30 декабри соли 2021 дар шаҳри Истанбул Чемпионати Осиё баргузор гардид, соҳиби 1 медали тилло дар намуди ёзидан бо даст, 2 медали нуқра дар намуди сеҳарба ва кашиш, 1 медали биринҷӣ аз намуди нишаст шуда аз Туркия бо сари баланд баргашт.

Ойбек чун устодаш М. Самадов хоксору меҳнатдӯст ва иродатманд аст. Дар донишкада ва дар тамоми шаҳр ҳама ӯро мешиносанд ва эҳтиром мекунанд.

**_Н. КОМИЛОВ, узви ИҶТ_**

Дар шаҳри Истанбул Форуми сайёҳии Тоҷикистон ва Туркия баргузор гардид.

Жан де ЛАФОНТЕН
(Фаронса)



## Деҳқон ва марг

Зимистони сард. Мӯйсафеде камбизоату бечорааҳвол аз беша ҳезум чамъ карда, онро пуштора карда, сӯи кулбааш раҳсипор аст. Аз шиддати сармову либоси тунук азият мекашад. Дар нимароҳ дарзаи ҳезумашро ба замин гузошта, болои он нишаста, аз тақдири бад, аз эҳтиёч ба ҳама чиз, аз он шикоят мекунад, ки дар тамоми умр як рӯзи хушро надидааст. «Бар падари чунин зиндагӣ лаънат…».

Дар ҳоли яъсу навмедӣ маргро даъват мекунад, ба ин маъно, ки «кучоӣ, эй марг, биё, ки аз чунин зиндагӣ безор шудам…» Ногаҳон касе аз пушташ омада, ба китфаш даст мегузорад. Мӯйсафед ба пушташ нигариста, махлуқи булъаҷаберо мебинад ва аз тарс дар чояш шах шуда мемонад.

Махлуқ: «Чаро маро даъват кардӣ, пирамард?». Муйсафед: «Ту кӣ ҳастӣ, ки чунин пурдаҳшатӣ?». Махлуқ посух медиҳад: «Ман Марг ҳастам. Даъват кардӣ, ки биё, омадам…».

Пирамард, ки аз тарс дарак-дарак меларзид, зуд ба худ омада, мегӯяд: «Дарзаи ҳезумам калон, онро аз замин бардошта наметавонам, туро даъват кардам, ки ҳамин бастаи ҳезумро ба китфам монию ман зуд ба кулбаам бирасам…».

**Хулосаи масал:** *ҳар қадар зиндагӣ бад бошад ҳам, марг аз он ҳам бадтару ногувортар аст… Орзуи марг кардан маънои шикасти рӯҳонияту маънавиятро дорад.*

### ГУРБАИ БА ЗАН ТАБДИЛШУДА…

Марде гурбае мепарварид ва ниҳоят дӯсташ медошт. Ба андозае, ки хобу хӯрашон якҷо буд. Аз ӯ чудоӣ надошт. Доиман Худоро зорӣ мекард, ки ин гурбаро ба хонуме табдил диҳад, то ки умре аз ӯ чудо набошад. Ниҳоятан Худо таваллои мардро амалӣ кард. Гурбаро ба бонуе табдил кард ниҳоят зебо.

Ачаб тӯйе карданд бошукӯҳу боҳашамат. Баъди тӯй ва рафтани меҳмонон марду зан ба хонаи танҳо ворид шуданд, яъне ба кошонаи бахташон. Аммо ногаҳон зан бо ҳамон либоси пурдабдаба коре кард, ки мардро дар ҳайрат гузошту ба қавле талхакаф кард. Кати хобро чаппа карда, аз паси чонваре медавид ба ин тарафу он тараф. Мард диққат кард, ки муше ин сӯву он сӯ медавад аз тарси чон ва ин зан аз қафои ӯ…

**Хулосаи масал:** *ҳар кӣ бо кадом камбуди ирсӣ ба дунё омада бошад, оқибат бо ҳамон иллат мемирад. Яъне, оқибат гургзода гург шавад, гарчи бо одамӣ бузург шавад…Таассуф, одамоне ҳастанд бо тинати аҳриманӣ, онҳоро на тарбияву парвариш, балки танҳо хоки лаҳад ислоҳ хоҳад кард.*

*Тарҷума ва хулосаҳои*
*Ҳафиз РАҲМОН*

## Ифтихор

*Ба ин хоку замин нозам,*
*Ба мулки беҳтарин нозам.*

*Табассум дар лаби дилбар,*
*Ба нози нозанин нозам.*

*Шукуфта зиндагӣ ҳар дам,*
*Ба ёрони қарин нозам.*

*Зи Истиқлол мефахрам,*
*Аз ин бахтофарин нозам.*

*Паём меоварад шодӣ,*
*Зи ҳарфи ростин нозам.*

*Навои навбаҳорон хуш,*
*Зи савти дилнишин нозам.*

*Чӣ зебо Тоҷикистонам!*
*Ман аз ин сарзамин нозам.*

***Маъруфи ҲИСОМ***

## Дарахти мевадори зиндагӣ

### Эҳдо ба Рӯзи модар

*Ман аз болини ту боло нарафтам,*
*Ягон хат аз ғапат беҷо нарафтам.*
*Ҳама рафтанд аз дунёи рӯшан,*
*Мани сарсахт аз дунё нарафтам.*

***

*Занак нею занакҷонат биғӯям,*
*Ба ҳарфи хосса инсонат биғӯям.*
*Биғӯ, болотар аз ҷон ҳаст чизе?*
*Худо болои сар, онат биғӯям?!*

***

*Занак, чун сарв дар нашъунамоӣ,*
*Қашангӣ, дилситонӣ, дилрабоӣ.*
*Тавалло мекунам аз даргаҳи Ҳақ,*
*Ки ту ҳамроҳи ман дар садароӣ.*

***

*Занак, дар ҳалқаи ғӯши ту ҷонам,*
*Дар андоми чаканпӯши ту ҷонам.*
*Фақат як бор ҳомӯшат бидидам,*
*Дар он лабҳои ҳомӯши ту ҷонам.*

***

*Ба ту дил додаам бисёр, бисёр,*
*Ба ту дил додаам, ёри ситамгор.*
*Дилам як бӯса меҳоҳад, азизам,*
*Ту бошӣ, сахт меғӯӣ: - «Чӣ даркор!».*

***

*Азизам, бе ту побарҷо бимирам.*
*Ғарибу бекасу танҳо бимирам.*
*Биё, қаҳру ғазабро як тараф мон,*
*Ки норизо аз ин дунё бимирам.*

***

*Занак, аз беҳтарин занҳо ту ҳастӣ,*
*Бароям аз ҳама боло ту ҳастӣ.*
*Ягона соҳибу пушту паноҳам,*
*Дар ин дунёву он дунё ту ҳастӣ.*

***

*Занак, эй офтоби кирдугорам,*
*Зи нури тӯст нури рӯзгорам.*
*Биё, аз ман марав, ҷонам, азизам,*
*Ки бе гармии ту ҷоне надорам.*

***

*Гули ман, офтоби ман, маҳи ман,*
*Ҳамеша мушкрези ҷоғаҳи ман.*
*Дили носери ман якумр хоҳад,*
*Ки бошӣ то қиёмат ҳамраҳи ман.*

***

*Азизам, чор девори тани ман,*
*Чароғи хонадону равзани ман.*
*Агар ту нестӣ, беҳонумонам,*
*Ягон шак нест дар ин гуфтани ман.*

***

*Занак, авҷу барори зиндагиам,*
*Дарахти мевадори зиндагиам.*
*Агар ларзонамат як бор беҷо,*
*Бирезад пок бори зиндагиам.*

***Ҷӯрабек МУЪМИН***

**СЕ КИТОБИ ТОЗАНАШР**

## Дар сояи қалам

Давлати Раҳмониён аз шоирони тозагӯю хушкалом ва рангинхаёлест, ки ҳам дар сурудани ғазал ва ҳам шеъри нав бо сабку шеваи хос шинохта шудааст. Аз муҳтавои ашъораш дарк метавон кард, ки доираи омӯзиши шоир фарох буда, аз шоирони гузаштаи форсу тоҷик, хусусан, намояндагони барҷастаи ҳавзаи Ҳинд баҳраҳои зиёд бардоштааст. Тавре дар ғазали «Меҳроби Ватан» мушоҳида мекунем, ҳолу ҳаво ва фазои маънии баёнаш намое аз шеъри Бедилро ба ёд меорад:




*Дар пайи қофила афтед , ки дарёб кунед,*
*То ҳама обила гардед, диле об кунед.*
*То зи борони шаҳоб амн бимонед ба роҳ,*
*Чатри шаб то дари хуршед зи маҳтоб кунед.*
*Чашма аз чашм кушоед, ки лаб тар гардад,*
*Дар таболуда биёбон талаби об кунед…*

Бо мутолиаи китоби шеърҳои тозанашри шоир таҳти унвони «Дар сояи қалам», ки 200 нусха дар нашриёти «Адиб» чоп шудааст, ба олами рангину чамани сабзи ашъори Давлати Раҳмониён шинос шуда, баҳраи маънавӣ хоҳед бардошт.

## Се сарнавишт

Зариф Ғулом нависандаи ҳақиқатнигор буда, бахши аъзами осораш мочарочӯёна (детективӣ) ва таърихӣ ба шумор меравад. Китоби нави нависандаи соҳиблаёқат бо номи «Се сарнавишт» аз тарики нашриёти «Балоғат» ба нашр расидааст, ки се қиссаи




адиб – «Хоки ватан», «Се духдии як ишқ» ва «Ҷодугар»-ро дар бар гирифтааст. Қиссаҳои мазкур бо забони оммафаҳм ва сабки содаву равон таълиф гардида, вокеаҳои пуртазоду мураккаби зиндагии инсонҳоро дар бар гирифтаанд.

## Қаламрави ҳавас




Ҳуриниссо Ализода аз рӯзноманигорони шинохтаи ҷумҳурӣ буда, бо мақолаву матолиби таҳлилию тадқиқотияш дар ҳалли мушкилоту масоили доғи ҷомеа нақши босазо мегузорад. Китоби тозаи ӯ - «Қаламрави ҳавас», ки аз қиссаи ҳамном, ҳикояи «Зилзила», очеркҳои судии «Ҳукми ӯ танҳо қатл аст!», «Писарамро қатл кунед…» таронаҳо ва ёдномаҳо иборат гардидааст, пурмуҳтаво буда, инсонро дар лаҳзаҳои мураккаби мушкили ҳаёт ба некиву росткорӣ ва инсофу адолат ҳидоят менамоянд.

***Шодӣ РАҶАБЗОД,***
***«Омӯзгор»***

### НУСХАБАРДОРӢ



Хушдоман аз келин мепурсад:

- Барои чӣ набераам ба писари ман монанд нест?

Келин мегӯяд:

- Хола, мебахшед, ман асбоби нусхабардорӣ надорам.

### ТУҲФА



Ҷарроҳи ҷавонро баъди ду маротиба ҷарроҳии бебарор карданаш мудири шуъба даъват карда мепурсад:

- Гӯш кун, Аброров, ту дипломро харидаӣ – чӣ?

Ҷарроҳ дар ҷавоб мегӯяд:

- Хафа мекунед, духтур, барои чӣ дипломро мехаридаам? Онро ба ман дар зодрӯзам туҳфа карданд!

### ДУЗДӢ



Посбони корхона писарбачаеро ҳангоми себдуздӣ дастгир карда, таҳдид мекунад:

- Ман ба ту себдуздиро нишон медиҳам!

Писарак мегӯяд:

- Амакҷон, нишон диҳед, аллакай бори сеюм аст, ки ба даст меафтам.

### ТАБАССУМ



Рӯзи 1-уми сентябр модар ба писараш мегӯяд:

- Канӣ, бачаҷон, як табассум кун, аксатро гирам.

Писарак бо димоғи сӯхта мегӯяд:

- Ман аз моҳи сентябр то моҳи май дигар табассум намекунам.

### ИМТИҲОН

Омӯзгор вақти имтиҳон ба донишҷӯе, ки писандаш набуд, савол медиҳад:

-Аҳолии Тоҷикистон чӣ қадар аст?

Донишҷӯ дар ҷавоб:

- 9 миллион нафар.

Омӯзгор мегӯяд:

- Канӣ, номбар кунед!

**Дар вилояти Суғд бахшида ба Рӯзи матбуоти тоҷик барои дарёфти Ҷоизаи ба номи Ҳоҷӣ Содиқ озмун гузаронида мешавад.**

*Ба шарофати модар ҳаёт дар рӯи замин бардавому пойдор ва маҳз ӯ олитарин муқаддасоти башарӣ мебошад.* *Эмомалӣ Раҳмон*



**Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таваҷҷуҳи довталабон мерасонад, ки давлати Руминия барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли таҳсили 2022-2023 бурсияҳои таҳсилӣ пешниҳод намудааст.**

Довталабонро мебояд аз сомонаи https://scholarships.studyinromania.gov.ro маълумот ва ҳуҷҷатҳои заруриро то 15.03.2022 дастрас ва хонапурӣ намоянд.

Ҳамчунин, ба маълумоти довталабон расонида мешавад, ки бо мақсади тарғиби забон ва фарҳанги руминӣ, гирандагони стипендияҳое, ки аз ҷониби давлати Руминия барои таҳсил дар донишгоҳҳои он дар зинаи бакалавр ва магистр қабул мешаванд, ба забони руминӣ таҳсил мекунанд. Ба таври истисно, докторантҳо метавонанд таҳсилро бо забони руминӣ ё забони хориҷии муқарраргардида дар барномаи докторӣ интихоб кунанд. Барои номзадҳое, ки забони руминиро намедонанд, барои омӯхтани забони руминӣ пеш аз таҳсил дар донишгоҳ, ба истиснои дорандагони стипендияҳои докторӣ, ки дар шакли таҳсили забони хориҷии дар докторантура муқарраршударо интихоб кардаанд, як сол барои омӯзиши забони руминӣ ба тариқи ройгон пешбинӣ шудааст.

Довталабон метавонанд барои маълумоти муфассал ба Маркази барномаҳои байналмилалӣ муроҷиат намоянд.

**Нишонӣ: кӯчаи М.Турсунзода - 47 (назди «Алиф Сармоя»). Тел: 223 23 59**

---

**Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таваҷҷуҳи довталабон мерасонад, ки давлатҳои Руминия, Украина, ҷумҳуриҳои Малайзия, Корея, Озарбойҷон барои соли таҳсили 2022-2023 бурсияҳои таҳсилӣ пешниҳод намудаанд.**

Ҳамчунин, Донишгоҳи давлатии техникии Воронеж, Донишгоҳи давлатии Олтой, Донишгоҳи давлатии меъморӣ ва сохтмони Пенза, Донишгоҳи давлатии Новгород ва дигар донишгоҳҳои олӣ ва илмии Федератсияи Россия омодаанд шаҳрвандони ҷумҳуриро аз рӯи равияҳои дақиқ, табиӣ - риёзӣ, гуманитарӣ ва коркарди технологияҳои навин ба тариқи ройгон ба таҳсил фаро гиранд.

Довталабон метавонанд барои маълумоти муфассал ба Маркази барномаҳои байналмилалӣ муроҷиат намоянд.

**Нишонӣ: кӯчаи М.Турсунзода - 47 (назди «Алиф Сармоя»). Телефон барои тамос: 223 23 59**

---

**Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ медиҳад, ки Донишгоҳи байналмилалии Ал-Бухории Малайзия омодааст то 30 нафар шаҳрвандони ҷумҳуриро дар зинаи бакалавр аз рӯи ихтисосҳои идоракунии тиҷорат, идоракунии тиҷорат (дар соҳаи маркетинг), идоракунии тиҷорат (дар соҳаи менеҷмент), иқтисодиёт, молия, илмҳои компютерӣ, сиёсат ва муносибатҳои байналмилалӣ, таълими томактабӣ, таълими миёнаи умумӣ, воситаҳои ахбори омма ва коммуникатсия, рушди ҷомеа тариқи ройгон дар соли таҳсили 2022-2023 қабул намояд.**

Бо дарназардошти он, ки сохтори мактаби миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 11 сол мебошад ва тибқи талаботҳои Малайзия (таҳсил дар мактаби миёна 12 солро ташкил медиҳад) барои таҳсил дар донишгоҳ шаҳрвандони Тоҷикистон бояд як соли дигар (курси тайёрӣ) таҳсил намояд. Ҷониби Малайзия арз дошт, ки омодаанд таҳсилро дар зинаи "курси тайёрӣ" ва барои довталабоне, ки забони англисиро дар сатҳи зарурӣ намедонанд, курсҳои забони англисиро ҳангоми таҳсил дар зинаи (курси тайёрӣ) дар асоси бурсияи донишгоҳ (пас аз суҳбат бо довталаб) пешниҳод намоянд.

**Шартҳои зарурӣ барои таҳсил дар донишгоҳи мазкур:**

1. Довталаб бояд аз 18 то 22-сола бошад.
2. Муҷаррад бошад.
3. Аз табақаи камбизоати аҳолӣ бошад (даромади оилаи онҳо камтар аз 300 доллари ИМА бошад).
4. Барои нигоҳ доштани бурсияҳо бояд баҳо аз натиҷаҳои имтиҳоноти донишҷӯ дар тӯли таҳсил зиёда аз 2,8 холро то 4 хол (натиҷаи (CGPA натиҷаи баҳо дар давоми таҳсил) ташкил диҳад ва дар акси ҳол дар семестри оянда бурсия пешниҳод намегардад ва ба доиишҷӯ зарур меояд,ба тариқи шартномавӣ таҳсил намояд.

Хароҷоти зерин ба уҳдаи донишҷӯ вогузор карда мешавад:

1. Чиптаҳои ҳавопаймоӣ (омадан ба Малайзия ва бозгашт);
2. Пардохти хароҷот барои ҳуҷҷатгузорӣ (EMGS) соли аввал 2500 рингит (наздик ба 620 доллари ИМА) солҳои оянда камтар аз 200 доллари ИМА.
3. Барои бақайдгирӣ (750 рингит наздик ба 200 доллари ИМА) як маротиба дар тӯли таҳсил пардохт мешавад.
4. 1200 рингит (наздик ба 300 доллари ИМА) пешпардохт барои суғуртаи ҳар як нафар, ки дар ҳолати хатми донишгоҳ бозпас гардонида мешавад.

Довталабон бояд намуна ва номгӯи ҳуҷҷатҳои заруриро аз сомонаи www.aie.edu.my дастрас намуда, худро дар зерсомонаи http//apply.aiu.edu.my ба қайд гиранд.

**Қарори ниҳоии қабули довталаб барои бурсияи мазкур пас аз суҳбат бо довталабон аз ҷониби комиссияи қабули донишгоҳ бароварда мешавад.**

---

# Диққат: озмун!

Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар ҳамбастагӣ бо ҳафтаномаи «Омӯзгор»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати Рӯзи забони давлатии Тоҷикистон барои беҳтарин мақолаҳо дар мавзуи **«Пешвои миллат – ҳомӣ, арҷгузор ва тарғибгари забони тоҷикӣ»** озмун эълон мекунад.

Дар мақолаҳо бояд бештар ба хидматҳои барҷаставу мондагори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушду такомули забони тоҷикӣ ва ифтихори миллию асолати таърихӣ дар осори Пешвои муаззами миллат таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад. Аз бозгӯи суханони умумие такрор худдорӣ бояд кард.

Ба мақолаҳое, ки дар баробари мавзуи тозаву ҷолиб забони шевою хушобуранг доранд, афзалият дода мешавад. Мақолаҳо метавонанд илмӣ, илмию оммавӣ, публитсистӣ, ёддоштӣ ва ё методӣ бошанд.

Озмун аз рӯзи эълон шуданаш то охири моҳи сентябр идома меёбад ва дар арафаи Рӯзи забони давлатии Тоҷикистон (5-уми октябр) ҷамъбаст мегардад.

**Мукофотҳо барои ғолибон:**

**Ҷойи 1 – 2200 сомонӣ**
**Ҷойи 2 – 1600 сомонӣ**
**Ҷойи 3 – 1200 сомонӣ**

**Таъкид:**

Ҳаҷми мақолаҳо набояд аз 3-4 саҳифаи чопи компютерӣ (ҳарфи Times Nev Poman Tj. 14 - 1,5 интервалӣ) зиёд бошад, дар акси ҳол, ба озмун роҳ намеёбанд.

Пас аз ҷамъбасти озмун мақолаҳо дар шакли китоби алоҳида интишор ҳоҳанд шуд.

**Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода Ҳафтаномаи «Омӯзгор»**

---

РӮЗИ ДАРҲОИ КУШОД

## «Интихоби ДИС ДДТТ аз нигоҳи шумо»

Хатмкунандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру навоҳии вилояти Суғд, ки дар маҷмуъ беш аз 500 нафар буданд, дар «Рӯзи дарҳои кушод»-и Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ иштирок намуданд.

Дар маҷлисгоҳи донишкада мулоқот бо хатмкунандагон баргузор гардид. Дар мулоқот директори донишкада, дотсент Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан суханронӣ намуд.

Зимни мулоқот бо хатмкунандагон, ғолибони озмуни эссеи беҳтарин дар мавзуи "Интихоби ДИС ДДТТ аз нигоҳи шумо" муайян гардиданд. Ҷойи аввал насиби Мухлисахон Лутфуллоева, хонандаи синфи 11 аз МТМУ №34, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров гардид, ки соҳиби ноутбук гардид.

Мақоми дуюмро Ниганахон Ишанова, хонандаи синфи 11, МТМУ №27, аз шаҳри Хуҷанд мушарраф ва бо планшет қадрдонӣ гардид.

Ҷойи сеюм насиби Фарзонахон Ҷамолова, хонандаи синфи 11, МТМУ №29, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров гашт, ки бо телефони мобилӣ сарфароз гардонида шуд.

Ҳамчунин ҷойи ҷорум барои хусни хатти зебо насиби Бобоева Зарринахон, хонандаи синфи 11, МТМУ №20, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров гардид. Дар баробари ин хатмкунандагон Раҳимова Ситора аз гимназияи №1, шаҳри Бӯстон, Солиев Ҷасурбек аз МТМУ №34, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ва Мамлакатхон Саидхонова аз литсейи №1 ба номи академик М. Осимӣ аз шаҳри Хуҷанд сазовори тухфаҳои хотиравӣ гардиданд.

Дар вазъияти тантанавӣ директори Донишкада, номзади илмҳои иқтисод, дотсент Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан ба ғолибон тухфаҳои хотиравиро тақдим карда, ба онҳо дар таҳсили минбаъдаашон барору комёбиҳо таманно намуд.

*Нуъмон РАҶАБЗОДА, «Омӯзгор»*

---

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

Шаҳодатномаи гумшудаи А-№529368 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 1973 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №35 ба номи Юсуфбеков Рустамбеки ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Мирзошарипова Зейбонисо Саидшарифовна додааст, эътибор надорад.

Дипломи гумшудаи 0139091, ки онро соли 2018 литсейи касбии техникии шаҳри Ҳисор ба Мирзоев Муҳамадҷон Музафарович додааст, эътибор надорад.

**ТАСҲЕҲ**

Дар навиштаи «Фаъолияти назарраси таълимгоҳ» («Омӯзгор», аз 24.02.2022, №8, саҳ. 7) ба ҷойи «Муассисаи таълимии №2-и шаҳри Кӯлоб», «Муассисаи таълимии №2-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ хонда шавад.

**Устодону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба профессори кафедраи назария ва методикаи тарбияи мусиқӣ-бадеии донишгоҳ Баҳриддин Хайруллоев бинобар даргузашти ПИСАРАШ ҳамдардӣ баён мекунанд.**

---

# Диққат: озмун!

Ҳафтаномаи «Омӯзгор» бо мақсади нақшгузорӣ дар татбиқи ҳадафҳои Солҳои рушди саноат, ки бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар иртибот ба ҳадафи чоруми стратегии мамлакат – саноатикунонии босуръат эълон шудааст, барои беҳтарин мақолаву гузоришҳо дар мавзуи **«Нақши маориф ва илм дар татбиқи ҳадафҳои Солҳои рушди саноат»** озмун эълон менамояд. Нигоштаҳое, ки ба озмун фиристода мешаванд, бояд ба умдатарин масоили рушди саноат, ҳамбастагии илму амал, имконоту мавқеи аҳли маориф вобаста ба раванди саноатикунонии кишвар бахшида шуда, мулоҳизоту пешниҳодот ва андешаву баррасиҳои ҷолибро дар бар гиранд, забони равону муассир дошта бошанд.

**Озмун аз оғози моҳи феврал то охири моҳи август идома меёбад ва дар арафаи Рӯзи Истиқлоли давлатии ҷумҳурӣ ҷамъбаст мегардад.**

**Барои ғолибон мукофотҳои зерин муқаррар шудааст:**

**Ҷои аввал: 2000 сомонӣ**
**Ҷои дуюм: 1500 сомонӣ**
**Ҷои сеюм: 1000 сомонӣ**

Ғолибон, ҳамчунин, бо ифтихорнома ва туҳфаҳои хотиравӣ қадр карда мешаванд.

**Таъкид:**

Мақолаҳо набояд аз 3-4 саҳифаи чопи компютерӣ (ҳарфи Times New Rjman Tj 14-1,5 интервалӣ) зиёд бошанд, дар акси ҳол ба озмун роҳ намеёбанд.

---

*Сафобахши ҷаҳон омӯзгор аст.*

ОМӮЗГОР

Муассис: Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

Почтаи электронӣ: omuzgor@inbox.ru
Сомонаи ҳафтанома: www.omuzgor-gazeta.tj

*Сармуҳаррир Ноилшоҳ НУРАЛИЗОДА*

*Ҳайати таҳрир: Р. САИДЗОДА, Э. НАСРИДДИНЗОДА, Н. САИД, Ҷ. ҶӮРАЗОДА, Л. АБДУЛХОЛИҚЗОДА, Ш. ХАЙРЗОДА, Ф. РАҲИМӢ, А. МУРОДӢ (ҷонишини сармуҳаррир), Н. ОХУНЗОДА (котиби масъул)*

Суроға: 734025, ш.Душанбе, х. Айнӣ - 126, Телефонҳо: қабулгоҳ – 225-81-55, ҷонишини сармуҳаррир – 225-81-58, котибот – 225-81-57, муҳосибот – 225-81-61

«Омӯзгор» таҳти рақами 0018/рз, аз 13.07.2015 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулият ба уҳда нагирад. *Навбатдори шумора Ш. РАҶАБЗОД*

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид. | Индекси обуна – 68850 | Адади нашр: 40765 нусха | Таррох: С. Ниязов | Ҳуруфчинон: С. Мусоева ва Д. Забирова

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5) – и ҳарфи Times New Roman Tj. қабул менамояд.